**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**КАФЕДРАИ СОТСИОЛОГИЯИ ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 316 (575.3)**
**ТБК: 60.54 (2Т)**
**М – 92**

**МУҲАММАДҚОДИРИ НАҶМУДДИН**

# МАСЪАЛАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДИНӢ ДАР ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ

**Роҳбари илмӣ:**

н.и.ф., дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Миров Фирӯз Сафаралиевич

**ДУШАНБЕ – 2024**

## Мундарича

**Муқаддима** ........................................................................ **1**

**Боби 1. Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ** ........................................................................ **18**

1.1. Таҳлили назариявӣ-методологии масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосир ........................................................................ 18

1.2. Шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар замони муосир ........................................................................ 43

1.3. Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеи муосири Тоҷикистон ........................................................................ 69

**Боби 2. Хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** ........................................................................ **96**

2.1. Таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ........................................................................ 96

2.2. Вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ........................................................................ 123

2.3. Таҳлили афкори ҷамъиятӣ оид ба таҳсилоти динӣ ва масъалаҳои ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................ 151

**Хулоса** ........................................................................ **170**

**Рӯйхати адабиёт** ........................................................................ **178**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тағйироти куллии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии солҳои 90-уми асри XX ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзудани таъсири ташкилотҳои динӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа мусоидат намуданд. Дар фазои динии ҳаёти ҷамъиятӣ амсилаҳои гуногуни таҳсилоти динӣ ба вуҷуд омаданд, ки иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавононро ба амал мебароварданд. Таъсири дин ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа то дараҷае зиёд гардид, ки рӯҳониёни машҳури Тоҷикистон на танҳо дар амалӣ ва татбиқ гардидани анъанаҳо ва маросимҳои динӣ роҳбарӣ мекарданд, балки ба масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа дахолат намуданд. Намояндагони қишри рӯҳонии ҷомеа тавассути таҳсилоти динӣ дар байни наврасону ҷавонон дар баробари таълими донишҳои динӣ ғояҳои шахсӣ ва сиёсии худро паҳн мекарданд.

Албатта, дин ва арзишҳои динӣ дар ҷомеаи дунявӣ барои ҳифзи маънавиёт ва анъанаҳои фарҳангии ҷомеа, рушди ахлоқи шаҳрвандон ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Давлати дунявӣ барои рушди арзишҳои динӣ ва фаъолияти ташкилотҳои динӣ шароитҳои якхелаи зарурироро фароҳам месозад. Дар чунин шароит ба роҳ мондани таълими диншиносии илмӣ, муайян намудани амсилаҳои муносиби таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ ва ҳифзи фарҳанги миллии шаҳрвандон барои иҷтимоишавии динӣ ва ташаккулёбии ҷаҳонбинии дурусти динии шаҳрвандони Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Замони ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон шакли таҳсилоти динии хонагӣ (ҳуҷрагӣ) рушд намуд, ки табақаи диндори ҷомеа бо ин восита иҷтимоишавии динии шаҳрвандонро ба амал мебароварданд. Бояд ёдовар шавем, ки дар Тоҷикистони шуравӣ равияҳо ва мазҳбаҳои гуногуни динӣ қариб таъсире надоштанд. Пас аз соҳибихтиёр шудани Тоҷикистон баъзе аз ҷавонон имкон ёфтанд, ки дар бузургтарин мадрасаҳои динии хориҷа, махсусан, давлатҳои исломӣ таҳсил кунанд.

Мутаассифона, онҳо дар баробари гирифтани донишҳои амиқӣ динӣ ба равияҳо ва мазҳабҳои ғайрианъанавӣ гаравида, ғояҳои ифротии онҳоро ба Тоҷикистон ворид намуданд.

Дар натиҷа, мазҳабҳо ва равияҳои ифротии динӣ ба Тоҷикистон ворид гардида, ҷавонони зиёдеро ба худ ҷалб намуданд, ҳатто рӯҳониёни машҳури Тоҷикистон низ бо ивази маблағҳои бузург ба ин гурӯҳҳои ифротӣ ҳамроҳ гашта, фазои динии кишварамонро ноором гардониданд. Оқибати гаравиши баъзе аз ҷавонон ба ҳаракатҳо ва равияҳои динии ифротӣ ин буд, ки бештарашон дар ҷанги Сурия ва дигар нуқтаҳои даргири ҷаҳони исломӣ ҷони худро аз даст дода, қисми дигар ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд. Бо ин сабаб, таҳсилоти динии хонагӣ ва хориҷии ҷавонон манъ карда шуд, зеро ба амнияти кишварамон таҳдид менамуд.

Бояд ёдовар шавем, ки аксарияти кулли аҳолии Тоҷикистон ба ислом эътиқод доранд, аммо раванди таҳсилоти динӣ ва иҷтимоишавии динии шаҳрвандон беҳбудӣ мехоҳад. Шумораи муассисаҳо ва марказҳои таълимии динӣ кам буда, мутахассисон ва олимони диншинос намерасанд. Барномаҳои таҳсилотӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимии динӣ на ҳама вақт ба талаботи ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамзамон, муассисаҳои таълимии динии мавҷуда дар байни аҳолӣ мақоми сазоворро ишғол накардаанд, эътимоди аҳолӣ ба рӯҳониёни динии маҳаллии ғайрирасмӣ зиёд аст ва онҳо барои ҳалли масъалаҳои гуногуни маънавӣ маҳз ба ин рӯҳониён муроҷиат мекунанд. Имрӯз низ аҳолӣ барои таҳсилоти динии фарзандони худ пинҳонию ошкоро ба рӯҳониёни динии ғайрирасмӣ рӯ меоранд. Ба ҷавобгарӣ кашида шудани баъзе аз рӯҳониёни динии Тоҷикистон барои таълими динии хонагии пинҳонӣ далели гуфтаҳои болоии мост.

Масъалаҳои таҳсилоти динии шаҳрвандон дар шароити давлати дунявии Тоҷикистон аз ҷониби донишмандони тоҷикистонӣ дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ таҳқиқ нагардидааст. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ, муайян намудани

амсилаҳои самараноки таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон, дарёфти воситаҳои мувофиқи ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, таҳияи барномаҳои мукаммали таълими диншиносии илмӣ, ҳамкории судманди намояндагони ташкилотҳои динӣ бо мақомоти давлатӣ, инчунин кор карда баромадани пешниҳодҳо барои такмили низоми таҳсилоти динии аҳолии Тоҷикистон аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ, амсилаҳои иртибот ва таъсири байниҳамдигарии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ, таълими диншиносии илмӣ ва танзими раванди иҷтимоишавии динии шаҳрвандон дар шароити дигаргуниҳои динии охири асри XX ва аввали асри XXI, махсусан, фаъол гардидани ҳаракатҳо ва ҷараёнҳои динии ифротӣ дар фазои сиёсии давлатҳои мусулмонӣ аз аҳамияти бештар бархурдор мегардад. .

Масъалаи ҷойгоҳи дин, махсусан, дини ислом дар танзими рафтори иҷтимоӣ, идоракунии ҷомеа ва ҳаёту фаъолияти одамон ва масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар таълимоти иҷтимоии мутафаккирони классики форсу тоҷик А.И. Сино, А. Форобӣ, А. Берунӣ, М. Ғаззолӣ, А. Дониш ва дигарон[1] баррасӣ гаштаанд. Дар таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии А. Дониш ва дигар маорифпарварони форсу тоҷик масъалаҳои таҳсилоти динӣ, омӯзиши илмҳои динӣ ва дунявӣ, ислоҳи низоми таҳсилоти динӣ ва дигар масъалаҳои маорифпарварӣ ботафсил инъикос гардидаанд.

Масъалаҳои дин ва таҳсилоти динӣ, таносуби дин ва давлати дунявӣ, арзишҳои динӣ ва дунявӣ, нақши дин дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ва дигар масъалаҳои ба дин ва таҳсилоти динӣ алоқаманд бо равишҳои ҷомеашиносӣ дар китобҳои Ҷ. Локк, Г.В.Ф. Гегел, М. Лютер,

[1] Ниг.: Абӯали, Ибни Сино. Осори мунтахаб. (Иборат аз даҳ ҷилд) / Абӯали Ибни Сино. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 560 с.; Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты Пер. с арабского / Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. – Алма-Ата: Наука, 1973. – 400 с.; Берунӣ, А. Осор-ул-боқия / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.; Ғаззолӣ, М. Кимиёи саодат (Ҷилдҳои I ва II) / М. Ғаззолӣ. – Теҳрон: Суруш, 1999. – 827 с.; Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2 // А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 1989. – 344 с.

О. Конт, Г. Спенсер, Э. Дюркгейм, К. Маркс, Ф. Энгелс, М. Вебер, П.А. Сорокин, Ю. Хабермас, Ш. Эйзенштадт, Э. Гидденс. Ф. Саттон ва дигарон[2] таҳқиқ гардидаанд.

Аз ҷомеашиносони хориҷӣ, аз ҷумла донишмандони рус ба масъалаҳои озодии виҷдон, таҳсилоти динӣ, дунявият, секуляризм, алоқамандии таҳсилоти динӣ ва дунявӣ, таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ В.В. Аржанукин, К.А. Пшенко, А.И. Уткин, Д.Г. Биткулов, А.О. Блинкова, О.В. Боброва, Р.С. Валеев, О.Б. Маяская, А.А. Мишучков, Г.В. Демидов, А.А. Исаева, И.Г. Каргина, Ф.Н. Козирев, А.В. Колодин, Т.А. Костюкова, А.Ю. Лаврентева, Д.Ю. Лескин, Найденов, А.Г. Нестерова, Д.В. Овсянников, Д.Г. Попов, А.В. Орлова, Г.В. Осипов, Ж.Т. Тошенко, И.Ф. Парамонов, Н.Н. Реутов, Т.Д. Шапошникова, З. Халилова, Б. Бабаджанов, Л.А. Харисова, Н.Б. Шувалова, М.Я. Яхяев ва дигарон[3] таҳқиқотҳои илмии пурарзишеро ба анҷом расонидаанд.

---

[2] Ниг.: Локк, Дж. Сочинения. / Дж. Локк. ред. И.С. Нарский, А.Л. Субботин. Т. 2. – М.: Мысль, 1985. – 560 с.; Гегел, Г.В.Ф. Философия права / Г.В.Ф. Гегел. Перевод Б.Г. Столпнера. – М.: Соцэкгиз, 1934. – 384 с.; Лютер, М. Избранные произведения / М. Лютер. Перевод и комментарий: К. С. Комаров, Ю. А. Голубкин, Ю. М. Каган. – СПб.: Андреев и Согласие, 1994. – 430 с.; Конт, О. Общий обзор позитивизма / О. Конт. Пер. с фр. / Под ред. Э. Радлова. Изд. 3-е. – М.: Либроком, 2012. – 296 с.; Спенсер, Г. Социальная статика / Г. Спенсер. Пер. с англ. – К.: Гама-Принт, 2013. – 496 с.; Дюркгейм, Э. Элементарные формы религиозной жизни: тотемическая система в Австралии / Э. Дюркгейм; пер. с фр. А. Апполонова и Т. Котельниковой; под науч. ред. А. Апполонова. — М.: Дело, 2018. – 736 с.; Маркс К. К критике гегелевской философии права. Введение // К. Маркс, Ф. Энгельс Сочинения, т. 1. – М.: Политиздат, 1955. – С. 414-415; Энгельс Ф. Анти-Дюринг // К. Маркс, Ф. Энгельс Сочинения, т. 20. – М.: Политиздат, 1955. – С. 328; Вебер, М. Избранные произведения / М. Вебер. Пер. с нем. / Сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; Предисл. П. П. Гайденко. – М.: Прогресс, 1990 – 808 с.; Сорокин П.А. Человек. Цивилизация. Общество / П.А. Сорокин. Общ. ред., сост. и предисл. А. Ю. Согомонов: Пер. с англ. — М.: Политиздат, 1992. – 543 с.; Хабермас, Ю. Постсекулярное общество – что это? / Ю. Хабермас // Российская философская газета. – 2008. – №4 (18). – С. 1-2; Эйзенштадт, Ш. Революция и преобразование обществ: Сравнительное изучение цивилизаций / Ш. Эйзенштадт. – М.: Аспект-Пресс, 1999. – 415 с.; Гидденс, Э. Основные понятия в социологии / Э. Гидденс, Ф. Саттон. Пер. с англ. Е. Рождественской, С. Гавриленко; под науч. ред. С. Гавриленко. – М.: Высшая школа экономики, 2018. – 336 с. – С. 141.

[3] Ниг.: Аржанукин, В.В. Религия в государственных образовательных программах / В.В. Аржанукин, К.А. Пшенко // Проблемы современной экономики. – 2002. – № 2. – С. 123-125; Блинкова, А.О. Образование в области религии в школе в России и странах европейского союза: сравнительный анализ. Диссер. … канд. филос. наук: 09.00.14 / Блинкова Александра Олеговна. – Санкт-Петербург, 2018. – 180 с.; Боброва, О.В. Социологические проблемы исследования религиозного образования в современной России (на материале православного образования). Автореф. дис. ... канд. социолог. наук: 22 00.06 // Боброва Ольга Владимировна. – Нижний Новгород 2014. – 29 с.; Валеев, Р.С. Особенности и перспективы взаимоотношений государства и религии / Р.С. Валеев, О.Б. Маяцкая // Евразийский юридический журнал. – 2022. – № 5(168). – С. 509-510; Мишучков, А.А. Взаимодействие светского и религиозного образования: дефиниция понятий и постановка задач / А.А. Мишучков, Ю.Л. Гильманова // Вестник ОГУ. – 2005. – №4. – С. 17-24; Демидов, Г.В. Светскость и религия: трансформация понятия «религиозное образование» в современном мире / Г.В. Демидов // Вестник РГГУ Серия «Философия. Социология. Искусствоведение». – 2016. – №4. – С. 43-60; Исаева, А.А. Формы ограниченный свободы совести и перспективы секуляризма в современном мире / А.А. Исаева. – Томск: ТГУ, 2017. – 228 с.; Каргина, И.Г. Современный религиозный плюрализм: теоретико-

Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ, ҷаҳонбинии динӣ ва дунявӣ, ифротгароии динӣ ва дигар масъалаҳои ба таҳсилоти динӣ алоқаманд дар корҳои илмии ҷомеашиносони ватанӣ К.А. Абдулҳаев, К.А. Абдухалилзода, Р. Азизӣ, С. Аҳмадов, Ф. Баротзода, В.А. Баҳромбеков, М. Виркан, Л.Н. Додхудоева, М.М. Джавхарова, Ғ.Ғ. Қаҳҳоров, М. Марамбеков, Н.Д. Маҳмадизода, Ф.С. Миров, Ғ.Ҷ. Мирзоев, К. Мухторов, М. Наҷотзода, Б.А.Насурова, Р.Ҳ. Носиров, Қ. Нурулҳақов, С. Олимов, С. Расулов, Н.Х. Рахимова, А. Раҳнамо. Ш.Ш. Саидов, Х.Қ. Сафарализода, Д. Сангинов, Н.Н. Содиқова, А.Г. Холиқзода, Р. Хайдаров, М. Хидирзода, А. Шерзод, Ш. Шоисматуллоев, С.С. Ятимов ва дигарон[4] мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

---

социологический анализ. Автореф. дис. ... канд. социолог. наук: 22.00.01 // Каргина Ирина Георгиевна. – М., 2015. – 53 с.; Козырев, Ф.Н. Религиозное образование в светской школе. Теория и международный опыт в отечественной перспективе. Монография / Ф.Н. Козырев. – СПб: Апостольский город, 2005. – 636 с.; Колодин, А.В. Религиоведческое и религиозное образование: сущность, специфика, проблемы реализации в государственных и муниципальных образовательных учреждениях РФ: автореф. дис. ... канд. филос. наук: 09.00.13 / Колодин, Александр. – М., 2007. – 37 с.; Костюкова, Т.А. Модели взаимодействия светского и религиозного в образовании: мировой опыт / Т.А. Костюкова // Сибирский педагогический журнал. – 2019. – № 5. – С. 103-108; Лаврентьева, А.Ю. Специфика религиозного и религиоведческого образования (социально-философский аспект). Автореф. дис. ... канд. философ. наук: 09 00 11 // Лаврентьева Анна Юрьевна. – Архангельск, 2007. – 23 с.; Лескин, Д.Ю. Религиозное образование в светской школе: история и современность / Д.Ю. Лескин // Поволжский вестник науки. – 2019. – № 1(11). – С. 6-10; Найденов, М.С. Взаимодействие светского и религиозного образования в современных условиях / М.С. Найденов // Вестник Бурятского государственного университета. – 2014. – № 14-1. – С. 36-40; Нестерова, А.Г. Взаимодействие институтов светского и религиозного образования в современной России: опыт социологического анализа: автореф. дис. ... канд. социол. наук: 22.00.04 / Нестерова Анна Геннадиевна. – Волгоград, 2007. – 25 с.; Овсянников, Д.В. Суннитский ислам и государственная власть в Таджикистане: вопросы взаимодействия и идентификации / Д.В. Овсянников, Д. Г. Попов // Мусульманский мир. – 2017. – №2. – С. 6-25; Орлова, А.В. Религия в образовании и/ или религиозное образование / А.В. Орлова // Социология и общество: традиции и инновации в социальном развитии регионов: Сборник докладов VI Всероссийского социологического конгресса, Тюмень, 14–16 октября 2020 года / Отв. редактор В.А. Мансуров. – Тюмень: Российское общество социологов, 2020. – С. 4980-4988; Осипов, Г.В. Современный мир и религия / Г.В. Осипов, Ж.Т. Тощенко // Вопросы философии. – 2007. – №6. – С. 3-16; Парамонов, И.Ф. Педагогическое моделирование: взаимодействие светского и религиозного образования / И.Ф. Парамонов // Современные исследования социальных проблем (электронный научный журнал). – 2017. – № 6-2. – С. 149-154; Реутов, Н.Н. Социокультурные практики интеграции светского и религиозного образования: автореф. дис. ... канд. социолог. наук: 22 00.06 // Реутов Николай Николаевич. – Саратов, 2008. – 20 с.; Шапошникова, Т.Д. Управление взаимодействием светского и религиозного компонентов в образовании / Т.Д. Шапошникова, А.А. Ожиганова // Вестник научных конференций. – 2021. – №10-2 (74). – С. 77-79; Халилова, З. Советская идеология в медресе: политические контексты и учебная практика / З. Халилова, Б. Бабаджанов // Islamology. – 2017. – № 2. – С. 29-52; Харисова, Л.А. Педагогический потенциал ислама. Монография / Л.А. Харисова. – М.: Русское слово, 2008. – 352 с.; Шувалова, Н.Б. Образование, молодежь и ислам в Таджикистане / Н.Б. Шувалова // Реферативный журнал: Востоковедение и африканистика. – 2011. – №11. – С.56-61; Яхьяев, М.Я. Светское и религиозное в современном обществе / М.Я. Яхьяев, Е.Г. Камышова // Исламоведение. – 2011. – №2. – 90-95.

[4] Ниг.: Абдулхаев, К.А. Проблема секуляризма в исламе / К.А. Абдулхаев // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2013. – № 1-2. – С. 77-81; Абдулҳаев, К. Дунявият: моҳият ва таҳаввули мундариҷаи он / К. Абдулҳаев // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе:

Мусъаб, 2019. – С. 157; Абдулхалилзода, К.А. Арзишҳои дунявӣ дар ислом. Монография / К.А. Абдулхалилзода. – Душанбе: Эр-граф, 2003. – 342 с.; Азизӣ, Р. Ислом ва миллатгароӣ / Р. Азизӣ // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ (Маҷмуаи илмӣ). – Душанбе: Андалеб Р, 2015. – С. 39; Аҳмадов, С. Озодии виҷдон – рукни муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ / С. Аҳмадов // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 12 декабри соли 2018. – Душанбе: ДМТ, 2018. – 362 с. – С. 39; Баротзода, Ф. Баъзе андешаҳо перомуни фарҳанги таҳаммулпазирӣ / Ф. Баротзода // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 296 с. – С. 15; Миров, Ф.С. Радикализм дар байни ҷавонон / Ф.С. Миров, В.А. Баҳромбеков // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир” (ш. Душанбе, 25-26уми январи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 125-135; Виркани, М. Гуманизм ва дин дар даврони Эҳё / М. Виркани // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – № 3. – С. 162-165; Додхудоева, Л.Н. Секуляризм и ислам: к истории взаимодействия / Л.Н. Додхудоева // Исламоведение. – 2021. – Т. 12, № 2(48). – С. 91-112; Джавхарова, М.М. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Джавхарова // Вестник ТГУПБП. – 2021. – №2. – С. 100-106; Қаҳҳоров, Ғ.Ғ. Омилҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон / Ғ.Ғ. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2022. – 104 с.; Марамбеков, М. Муносибати ҳокимияти сиёсӣ ба дин дар таҷрибаи давлатҳои миллӣ / М. Марамбеков // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе: Андалеб, 2016. – 292 с. – С.134; Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ–сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он: Монография [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 324 с.; Мирзоев, Ғ.Ҷ. Ислом дар матни шуури иҷтимоии мардуми точик (гузашта ва имрӯза) / Ғ.Ҷ. Мирзоев. – Душанбе, 2009. – 152 с.; Мирзоев, Ғ.Дж. Реформаторские концепции и обновленческие движения в исламе (философско-критический анализ): автореф. дис. ... д-ра. филос. наук: 09.00.14 / Мирзоев Гаффор Джаборович. – Душанбе, 2020. – 50 с.; Мирзоев, Г.Дж. Реформаторские тенденции в исламе (особенности, проблемы и перспективы) / Г. Дж. Мирзоев. – Душанбе: Илм, 2022. – 328 с.; Насурова, Б.А. Молодежь в трансформирующемся таджикистанском обществе / Б.А. Насурова. – Душанбе, 2016. – 155 с.; Наҷотзода, М. Таълимот ва анъанаҳои ҳуқуқи исломӣ оид ба муносибати дин ва давлат аз нигоҳи ниёзҳои имрӯзаи ҳуқуқӣ / М. Наҷотзода // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 300 с. – С. 124-125; Нурулхаков, К. Концепция национальных отношений в современном исламе и вопросы атеистического воспитания: дисс. ... кандид. философ. наук: специальность: 09.00.06 / Нурулхаков Камар. – Душанбе, 1984. – 176 с.; Нурулхаков, К. Культурное отчуждение и непонимание себя как фактор проявления религиозного экстремизма / К. Нурулхаков // Наука и инновация. – 2015. – №2(6). – С. 213-221; Нурулҳақов, Қ.Н. Салафиягароии ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он / Қ.Н. Нурулҳақов. – Душанбе: Донишгохи миллии Точикистон, 2018. – 94 с.; Олимов, С. Молодежь и ислам в Таджикистане / С. Олимов // Страны и народы. – 2006. – №32. – С. 157-178; Расулов, С. Сиёсикунонии дин таҳдид ба оромии ҷомеа / С. Расулов // Тоҷикистон дар масири истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 5-6-уми январи соли 2017. – Душанбе, 2017. – 182 с.; Рахимова, Н.Х. Вклад религиозных конфессий в развитие духовной культуры Республики Таджикистан / Н.Х. Рахимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – 2018. – № 4(77). – С. 31-41; Рахнамо, А. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / А. Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. – № 5(251). – С. 64-65; Раҳнамо, А. Дидгоҳи давлатмеҳвар. Монография / А. Раҳнамо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 248 с.; Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. Монография / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 298 с.; Саидов, Ш.Ш. Исламский фактор в политических процессах Центральной Азии / Ш.Ш. Саидов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – № 1(53). – С. 197-204. – С. 199; Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография / Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 420 с.; Сангинов, Д. Положение образования в медресе Восточной Бухары в конце XIX -начале XX вв / Д. Сангинов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 3. – С. 19-25; Садыкова, Н. Н. Преодоление конфессиональных противоречий как важное направление борьбы с религиозным экстремизмом / Н. Н. Садыкова, З. М. Диноршоева // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – № 1. – С. 17-21; Холикзода, А. Г. Светское государство Таджикистан и проблемаполитизации ислама: анатомия проблемы и механизмы решения / А. Г. Холикзода, Н. Н. Садыкова // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2016. – № 4. – С. 118-126; Хайдаров, Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы Ислам в СНГ / Р. Хайдаров. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35; Хидирзода, М. Ифротгароии динӣ: моҳият, ҷанбаҳои сохторӣ ва роҳҳои пешгирӣ / М. Хидирзода // Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амалии пешгирии он дар маҳалҳо: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Бохтар, 25 апрели соли 2018. – Бохтар, 2018. – 88 с. – С. 10; Шерзот, А. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ /

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар мавзуи «Таҳлили сотсиологии омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии рушди ҷомеаи баъдишуравии Тоҷикистон») иҷро гардидааст. Яке аз қисматҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур фарогири масъалаи «Муносибати таълимоти дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи баъдишуравии Тоҷикистон» марбут ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян ва таҳлил намудани масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва хусусиятҳои раванди иҷтимоишавии динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқот иҷрои чунин вазифаҳо ба нақша гирифта шудаанд:

– таҳлилу тавзеҳи назариявӣ-методологии масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ;
– муайян намудани шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар замони муосир;
– шарҳу тафсири асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– таҳқиқ намудани таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон;
– муайян намудани вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар шароити муосири ҷомеаи Тоҷикистон;
– таҳқиқи афкори ҷамъиятӣ оид ба таҳсилоти динӣ ва масъалаҳои ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

А. Шерзот. – Душанбе: Маориф, 2021. – 504 с.; Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в годы независимости: социальные и социокультурные трансформации [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: Дониш, 2018. –160 с.; Ятимов, С.С. Дунявият ва амният / С.С. Ятимов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – №. – 2(2). – С. 18-36.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти диссертатсия низоми таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ баромад менамояд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқотро таҳлили сотсиологии масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистони муосир ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тайи солҳои 2015–2022 дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла равишҳои умумиилмии позитивизм, функсионализми сохторӣ, равиши системавӣ ва таърихӣ ташкил медиҳанд. Равиши позитивистии мавзуи таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки таҳсилоти динӣ ва арзишҳои динӣ аз нуқтаи назари аҳамияти иҷтимоии онҳо дида баромада шавад. Тавассути равиши функсионализми сохторӣ вазифаҳои иҷтимоии таҳсилоти динӣ дар низоми маориф таҳқиқ мегардад. Равишҳои системавӣ ва таърихӣ барои дарки низоми таҳсилоти динӣ ва таҳқиқи таҳаввулоти таърихии он мусоидат менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Барои таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ методҳои диалектикӣ, таҳлили мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ ва умумиятдиҳӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида ва пурсиши сотсиологӣ, махсусан, пурсиши миқдории анкетавӣ, васеъ истифода бурда шудаанд. Ҳамзамон, сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ: адабиёти илмӣ ва таълимии соҳавӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таърихӣ, мақолаҳо ва маводи сомонаҳои интернетӣ, маводи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ васеъ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои сотсиологии дар заминаи кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ ташкил медиҳанд. Коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологии гузаронидашуда, ки асосан тавассути методҳои сотсиологии микдорӣ (пурсиши сотсиологӣ) анҷом ёфтаанд, бо методҳои коркарди оморӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар ин диссертатсия муаллиф нахустин шуда масъалаҳои таҳсилоти диниро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври фарогир таҳқиқ намудааст ва навгониҳои он дар ҷанбаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

- Масъалаҳои таҳсилоти динӣ вобаста ба равишҳои мухталифи илмӣ, назарияҳои сотсиологӣ ва фарҳанги миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Аввалин маротиба бо равиши сотсиологӣ масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар таълимоти сотсиологии классикони илми сотсиология таҳқиқ гардиданд.
- Дар асоси омӯзиши маводи илмӣ-таҳқиқотӣ шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ ошкор гардида, таҳаввулоти таърихии ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи дин ва дунявият бо далелҳои муътамад таҳқиқ гардидааст. Муайян карда шуд, ки маҳз ташаккул додани ҷаҳонбинии дунявӣ ва тафаккури илмӣ ба ваҳдати миллӣ ва рушди ҷамъият мусоидат менамояд;
- Хусусиятҳои заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динии шаҳрвандон таҳқиқ гардида ва шароитҳои ҳуқуқии рушди таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шуданд. Муайян карда шуд, ки дар давлати дунявии Тоҷикистон барои татбиқ гардидани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудаанд;

– Муносибат ва ҳамтаъсиррасонии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, амсилаҳои иртиботи давлати дунявӣ ва иттиҳодияҳои динӣ муайян карда шуданд. Маълум гардид, ки давлати дунявӣ зидди дин набуда, барои фаъолияти озоди иттиҳодияҳои динӣ ва шаҳрвандон мусоидат менамояд.
– Аввалин маротиба масъалаҳои таҳсилоти динии Тоҷикистон бо далелҳои возеҳ баррасӣ гардида, вазъи кунунӣ, машкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтанд. Ошкор карда шуд, ки маҳз таҳсилоти босифати динии расмӣ ва давлатӣ ҷаҳонбинии солими динии шаҳрвандонро ташаккул медиҳад;
– Барои муайян намудани муносибати аҳолӣ ба дин, таҳсилоти динӣ ва ифротгароии динӣ таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шуданд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дин дар ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон мақоми хеле баланд соҳиб шуда, аҳолӣ ба таҳсилоти динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Муайян карда шуд, ки рушди таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар Тоҷикистон омили муҳими пешгирии ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дин яке аз институти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, муҳимтарин зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад ва дар ҷамъият вазифаҳои муайяну муҳимеро ба амал мебарорад. Бо ин сабаб, аз замони қадим донишмандон ба дин, ҷаҳонбинии динӣ ва таҳсилоти динии аҳолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд. Таҳсилоти динӣ ҳамчун қисми таркибии низоми маориф яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатҳои дунявӣ мустаҳкам гардидааст.

2. Ба ақидаи донишмандони соҳа таҳсилоти динӣ раванди мақсадноки таълиму тарбияи инсон буда, аз маҷмуи донишҳо, арзишҳо

ва бовариҳои динӣ, неруҳои инсонӣ ва зерсохторҳо таркиб ёфтааст. Дар ҳама давру замон иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, аз насл ба насли дигар гузаштани анъанаҳо, ҷашну маросим ва дигар арзишҳои динӣ маҳз тавассути таҳсилоти динӣ амалӣ мегардиданд. Нахуст таҳсилоти динӣ дар назди ибодатгоҳҳо ва рӯҳониён сурат мегирифт, бо пешрафти ҷомеа мактабу мадрасаҳо ва донишгоҳҳои динӣ кушода шуданд. Дар натиҷаи таҳсилоти динӣ диншиносон, кормандони ташкилотҳои динӣ ва рӯҳониёни оянда ба воя мерасанд. Ҳамзамон вазъи динии ҷомеа аз амсилаҳо ва сатҳи сифати таҳсилоти динӣ вобастагии калон дорад.

3. Дин дар давлати дунявӣ низ ҷойгоҳи хоссаи худро дорад, он ҳамчун институти иҷтимоӣ ва зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ эътироф мегардад. Маҳз давлати дунявӣ барои ҳифзи дин ва арзишҳои динӣ, таҳаммулпазирии динӣ, озодии виҷдон, фаъолияти шаҳрвандон дар ташкилоту иттиҳодияҳои динӣ шароити зарурииро фароҳам месозад. Озодии виҷдон яке аз арзишҳои давлати дунявӣ буда, шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳои динии худ васеъ истифода бурда метавонанд. Дар давлати дунявӣ иттиҳодияҳои динӣ аз ҳокимияти сиёсӣ ҷудо ҳастанд ва давлат барои нигоҳдошти амнияти ҷомеа ба ифротгароии динӣ ва низоъҳои динӣ-мазҳабӣ монеа мегардад.

4. Таҳсилоти динӣ, фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон ва дигар принсипҳои озодии виҷдон дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидаанд. Давлати дунявии Тоҷикистон барои фаъолияти озоди иттиҳодияҳои динӣ ва шаҳрвандон заминаҳои ҳуқуқиро муҳайё сохтааст. Ҳамзамон, дар Тоҷикистон барои таҳсилоти динии ғайрирасмӣ, мубориза ба муқобили ифротгароии динӣ ва пешгирӣ намудани таъсири мазҳабу равияҳо ва ташкилотҳои диние, ки ба амнияти кишварамон таҳдид менамоянд, санадҳои зарурии меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд.

5. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар мебошад ва барои ҳалли

масъалаҳои таҳсилоти динӣ, танзими муносибатҳои динӣ, робитаҳои давлати дунявӣ ва иттиҳодияҳои динӣ равона шудааст. Дар Иттиҳодияи Шуравӣ ҳарчанд озодии виҷдон дар қонунгузории расмӣ инъикос гардида буд, аммо Ҳокимияти Шуравӣ ба таҳсилоти динӣ ва фаъолияти динии руҳониён монеа мегардид, аммо то охири мавҷудияти худ таъсири динро ба  ҳаёти иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ аз байн бурда натавонист. Пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон якбора ба фазои динии кишварамон мазҳабу равияҳои гуногуни динӣ ва ҳатто ифротӣ роҳ ёфтанд. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фазои динии Тоҷикистон ба эътидол дароварда шуда, амсилаҳои мувофиқи ҳамкорӣ ва робитаҳои байни давлати дунявӣ ва иттиҳодияҳои динӣ кор карда баромада шуданд.

6. Пас аз барқарор шудани Ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон таҳсилоти динӣ манъ карда шуд, фаъолияти таълимии рӯҳониёни динӣ маҳдуд гардид, ки дар натиҷа мактабҳо ва ҳавзаҳои таълими динии хонагӣ («ҳуҷрагӣ») ба вуҷуд омаданд. Рӯҳониёни бонуфузи динӣ аз рӯйи барномаҳои таҳиякардаи худ ба шогирдон пинҳонӣ дарс медоданд. Пас аз соҳибихтиёр шудани Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти динӣ кушода шуданд, аммо ҳамзамон мактабҳо ва ҳавзаҳои хусусии динӣ вуҷуд доштанд. Баъзе аз рӯҳониёни динӣ дар баробари таҳсилоти динӣ ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб намуданд ва бо ин сабаб дар Тоҷикистон таҳсилоти динӣ дар мактабҳои хусусӣ ва кишварҳои хориҷӣ манъ карда шуд. Маҳз таҳсилоти динии расмӣ ба омода гардидани мутахассисони касбии динӣ, рӯҳониёни дорои ҷаҳонбинии динӣ ва дунявӣ, ташаккулёбии ҷаҳонбинии солими динӣ ва амнияти кишвар мусоидат менамояд.

7. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ маълум мегардад, ки дин дар ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандон мақоми баланд дошта, вазифаи танзими муносибатҳои иҷтимоиро ба амал мебарорад. Аксарияти мусоҳибон қайд кардаанд, ки таҳсилоти динӣ барои ҷомеа хело зарур

буда, бояд он дар муассисаҳои динии давлатӣ ба таври расмӣ дастраси шаҳрвандон гардад. Сабаби ба ташкилоту гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ҳамроҳшавии баъзе аз ҷавононро мусоҳибон дар паст будани донишҳои динӣ ва ҷаҳонбинии хурофотии онҳо марбут донистаанд. Таҳсилоти босифати динӣ дар муассисаҳои таълимии динии расмӣ бо барномаҳои замонавии таълимӣ ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва фазои ороми динӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияи номзадиро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати давлатӣ нисбат ба дин, таҳкими арзишҳои дунявӣ, ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ, танзими раванди таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон ва пешгирии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароии динӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон, рушди ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои дунявии ҷавонон, самаранок истифода бурдани арзишҳои динӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта метавонад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими фанҳои «Диншиносӣ», «Сотсиологияи дин ва маданият», «Сотсиологияи умумӣ», «Таърихи сотсиология», «Этносотсиология», «Сотсиологияи шахс» ва «Афкори иҷтимоии мутафаккирони Шарқ» васеъ истифода бурдан мумкин аст. Муҳаққиқон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз натиҷаҳои ин диссертатсияи илмӣ истифода бурда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, маърӯза ва мақолаҳои интишоргардида бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо

дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳиянамудаи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо расидан ба мақсаду вазифаҳои диссертатсияи илмӣ, сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин иштирок дар гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсияи илмӣ муаллиф маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил кардааст. Муҳаққиқ шахсан дар таҳқиқотҳои сотсиологии аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм» (соли 2018), «Таҳлили вазъият дар самти муайян намудани рӯ овардани ҷавонон ба фарҳанги бегона» (соли 2019), «Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021) ва «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022) ширкат варзида, дар коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ саҳми худро гузошта, дар навиштани

диссертатсияи номзадии худ натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотҳои сотсиологиро бомаврид истифода бурдааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шуда, натиҷаҳои он дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии ҳайати устодону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза шудаанд. Нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар мақолаҳои илмӣ инъикос гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 11 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА–и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба нашр расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Матни рисолаи номзадӣ фарогири 12 расм буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДИНӢ ДАР ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ

## 1.1. Таҳлили назариявӣ-методологии масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосир

Дар ибтидои истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дин ҳамчун институти иҷтимоӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ҷойгоҳи устувореро пайдо намуд, таваҷҷуҳи тамоми қишрҳои аҳолӣ ба дин ва таҳсилоти динӣ зиёд гардид, мақоми иҷтимоии рӯҳониён ва сарварони динӣ дар ҷомеа ва байни шаҳрвандон боло рафт ва онҳо дар идора ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекарданд. Баъзе аз зиёиён, ки пешбаранда ва тарғибгари илми дунявӣ ҳастанд, ба таҳсилоти динӣ рӯ оварданд, ҳатто дар муассисаҳои илмӣ олимони ҷавон ба сифати мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ мавзуъҳои динӣ ва таълимоти динии рӯҳониёни диниро интихоб мекарданд ва ин раванд то ҳол ба назар мерасад.

Вақте Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон гардид, аз ин сохтори давлатдорӣ аввалин шуда рӯҳониёни динӣ истифода бурданд, ва фаъолияти тарғиботӣ-сиёсии худро ба роҳ монданд, масҷиду муассисаҳои таълимии динӣ босуръати баланд бунёд шуданд, ташкилоту иттиҳодияҳои динӣ бунёд ёфтанд, таҳсилоти бенизоми динӣ зуд авҷ гирифт, расму маросимҳои динӣ дар байни аҳолӣ бо тамомии муқаррарот ва ҳатто дар сатҳи ифротӣ анҷом дода мешуданд.

Хушбахтона, пас аз неруманд гардидани Ҳукумати қонунии Тоҷикистон, хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ, ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва мустаҳкам гардидани низоми қонунгузории кишварамон фазои динии кишварамон ба эътидол омад. Бо кушишу талошҳои ҳукумати кишвар, махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳсилоти динии аҳолӣ ба танзим даровarда шуд, ворид гардидани таълимоти равияҳои динию мазҳабии

барои кишварамон хатарнок бартараф гардида, низоъҳои эҳтимолии динию мазҳабӣ пешгирӣ гардиданд.

Дин яке аз институтҳои муҳимми иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ ва эътиқод зиёда аз ҳазор сол дар шаклу намудҳои гуногун вуҷуд дорад. Ҳоло дар аксарияти давлатҳои пасошуравӣ бозгашт ба арзишҳо ва тафаккури динӣ ба назар мерасад, ки дар чунин шароит таҳсилоти динӣ дурнамои ин равандро муайян менамояд. Таҳсилоти динӣ дар давлатҳои пасошуравӣ ба амсилаҳои гуногун, аз ҷумла ба тариқи ташкили таълимгоҳҳои динӣ дар назди муассисаҳои динӣ сурат мегирад. Бо вуҷуди ҷой доштани таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ то ҳол амсилаҳои ҳамтаъсиррасонии таҳсилоти динӣ ва дунявӣ то охир муайян нагардидаанд.

Дар давлатҳои пасошуравӣ таҳсилоти дунявӣ хусусияти атеистӣ надошта, дар ҷомеа дин ва арзишҳои динӣ низ ҷойгоҳи худро пайдо намудааст. «Таълими дунявӣ атеистӣ нест, аммо ҳамкорӣ бо таълими динӣ дар сурати як навъ «бетарафии идеологӣ» ва муносибати объективӣ ба таълими диншиносӣ имконпазир аст»[5]. Масъалаи татбиқи озодии виҷдон дар низоми таҳсилот яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ба ҳисоб меравад. Аллакай ҳокимияти давлатӣ дарк менамояд, ки баланд бардоштани шуури динии аҳолӣ нисбат ба муқовимат ба зуҳуроти ифротгароии динӣ камхарҷтар ва манфиатовар мебошад. Аз ин сабаб, дар назди академияҳо ва факултетҳои донишгоҳҳои олӣ шуъбаҳо ва кафедраҳои диншиносӣ кушода мешаванд ва барои таълими диншиносии илмӣ мутахассисони варзидаи динӣ ҷалб мегарданд.

Дар ташаккулёбии шуури динии шаҳрвандони Тоҷикистон ҳам дар замони шуравӣ ва ҳам даврони истиқлолият нақши оила ва хешовандон хеле бузург аст. Дар оилаҳои тоҷик ба тарбияи динии ҷавонон муносибати махсус зоҳир карда мешавад. Талаботҳои рӯзафзуни динии

[5]Колодин, А.В. Религиоведческое и религиозное образование: сущность, специфика, проблемы реализации в государственных и муниципальных образовательных учреждениях РФ: автореф. дис. ... канд. филос. наук: 09.00.13 / Колодин, Александр. – М., 2007. – 37 с.

ҷавононро волидайн ва хешовандони наздик қонеъ гардонида, бо ин восита иштироки онҳоро дар ҳаёти динии ҷомеа таъмин мегардонанд. «Пурсишҳои сокинони шаҳри Душанбе нишон медиҳанд, ки намояндагони тамоми қишрҳои иҷтимоӣ бидуни истисно меъёрҳои дини исломро муҳимтарин танзимгари ҳаёти ҷамъиятӣ медонанд»[6]. Оилаҳое, ки гузаштагонашон мулло ва донишмандони динӣ буданд, чун анъанаҳо фарзандонашон низ бо сатҳи баланди донишҳои динӣ аз дигар шаҳрвандон фарқ намуда, дар байни аҳолӣ соҳиби мақоми баланди иҷтимоӣ ҳастанд.

Ба муҳити оилавӣ ва ҳаёти шахсӣ гузаштани дин боиси нигоҳ дошта шудани нақши ислом ва арзишҳои динӣ дар ҷомеа, махсусан, муҳити ҷавонон гашт. Аксарияти ҷавонон раванди иҷтимоишавии динии худро дар муҳити оилавӣ ва зери таъсири хонавода гузаштаанд. Азхудкунии арзишҳои динӣ, иҷро намудани маросимҳои динӣ, хондани адабиёти динӣ ва хондани намоз қарзи асосии аъзоёни аксарияти оилаҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Пас аз истиқлолият фаъолияти динӣ ва иштироки занон дар ҳаёти динии Тоҷикистон низ ташаккул ёфт. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ аксарияти мусулмонони Тоҷикистон дар муҳити оилавӣ донишҳои динӣ гирифта, хондани намоз ва адабиёти диниро омӯхтаанд. Аз байни иштирокчиёни таҳқиқоти сотсиологӣ ҳамагӣ 3,4%-и иштирокчиёни таҳқиқот дониши диниро берун аз оила ва муҳити хешовандон гирифтаанд, 2,0% дар масҷид ва 0,3%-и мусоҳибон дар мадараса таҳсил кардаанд. Аз байни пурсишшавандагон 25,3% умуман дар ягон ҷо дониши динӣ нагирифтаанд ва дар бораи дин маълумот надоранд[7].

Барои омӯзонидани таълимоти динӣ, ки аксарияти оилаҳои тоҷик барои дониши динӣ гирифтани фарзандони худ таваҷҷуҳ доранд, шумораи марказҳои қонунии таълимии динӣ хеле кам аст. Худомӯзии

[6]Шувалова, Н.Б. Образование, молодежь и ислам в Таджикистане / Н.Б. Шувалова // Реферативный журнал: Востоковедение и африканистика. – 2011. – №11. – С.56-61.
[7]Ниг.: Олимова, С. Молодежь и ислам в Таджикистане / С. Олимова // Страны и народы. – 2006. – №32. – С. 157-178.

динӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ, инчунин гирифтани дониши динӣ дар назди рӯҳониёни динӣ хатари ба гурӯҳҳо ва шахсони ифротӣ афтодани хонандагонро зиёд менамояд. «Айни замон дар кишвар танҳо як донишгоҳи олии динӣ мавҷуд аст, ки дар он маълумоти мувофиқи динӣ гирифтан мумкин аст. Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа ягона муассисаи давлатии динӣ буда, дар ин ҷо ба ҷуз аз таълими динӣ, фанҳои дунявӣ низ таълим дода мешаванд. Донишгоҳро ҳамасола то 150 нафар хатм мекунанд. Як қисми онҳо минбаъд дар ҳамин донишгоҳ ба сифати омӯзгор фаъолият мекунанд. Чунин шумораи кадрҳо ва хатмкунандагон барои кишваре, ки 90%-и аҳолии он мусулмон ҳастанд, ҳатто барои маърифати ҳадди ақали динӣ кофӣ нест»[8].

Аз ин рӯ, давлат барои баланд бардоштани шуури динии аҳолӣ, қонеи талаботи маънавии аҳолӣ ба таълими динӣ, омода намудани мутахассисони соҳаи дин ва танзими ҳаёти динӣ омӯзишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатии диниро таъсис дода метавонад.

Бояд ёдовар шавем, ки ҳоло дар рӯйи замин 8 087 158 480 нафар зиндагӣ менамояд ва аз ин шумора танҳо 15,3%-и аҳолӣ (1 214 708 370 нафар) бедин ё атеист мебошанд. То 01.01.2022 аз ҳамаи дини бузурги ҷаҳонӣ дини насронӣ мебошад, ки 31,7%-и аҳолӣ (2 516 609 196 нафар) ба ин дин эътиқод доранд, дини ислом дар рейтинги динҳо бо 24,9%-и аҳолии рӯйи замин (1 976 694 115 нафар) ҷойи 2-юмро ишғол менамояд[9]. Мувофиқи дурнамои рушди динҳо то соли 2100 пайравони дини ислом зиёд гардида, ҷойи дини насрониро гирифта, аз ҷиҳати шумораи пайравон ҷойи аввалро соҳиб мешавад.

Соли 2022 Нашриёти бонуфузи британиявии **The Telegraph** руйхати давлатҳоро вобаста ба дараҷаи диндории аҳолии он таҳия намуд, ки дар асоси пурсишҳои WIN/Gallup International дар солҳои 2008, 2009, 2015

---

[8] Религиозное образование в таджикистане: «если мы не научим, то научит кто-то другой» [электронный ресурс]. URL: https://ia-centr.ru/experts/nargis-arabova/religioznoe-obrazovanie-v-tadzhikistane-esli-my-ne-nauchim-to-nauchit-kto-to-drugoy/ (дата обращения 12.01.2023).

[9] Ниг.: Население Земли [электронный ресурс]. URL: https://countrymeters.info/ru/World#religion (дата обращения 26.03.2023).

тартиб дода шудааст. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, аз ҳама минтақаҳои аҳолиаш диндор Африка ва Ховари Миёна ба ҳисоб меравад. Аз ҳама аҳолии диндори рӯйи замин Эфиопия, Нигерия, Шри-Ланка ва Яман будаанд, ки 99 фоизи аҳолии онҳо ба дини ислом гаравиш доштаанд. Дар ин руйхат аҳолии диндори мусалмони Сомали – 98 фоиз ва Афғонистон – 97 фоизро ташкил додааст. Аҳолии Аврупои Ғарбӣ, Шимолӣ ва Марказӣ асосан майли атеистӣ доранд, дар Аврупо аҳолии диндор Полша (86%), Италия (74%) ва Юнон (71%) будаанд. Тибқи омор, аксари атеистҳо ва агностикҳо дар кишварҳои пешрафта зиндагӣ мекунанд.

Дар ин рӯйхат Узбекистон бо 51%-и аҳолии эътиқодманд дар ҷойи 36-ум, Қазоқистон бо 64% дар ҷойи 43-ум, Россия бо 70% дар ҷойи 50-ум, Қирғизистон бо 72%-и дар ҷойи 56-ум, Туркманистон бо 80% дар ҷойи 71-ум ва Тоҷикистон бо 85% дар ҷойи 87-ум ҷойгир шудаанд. Дар сегонаи аввали рӯйхат Хитой бо 7%-и аҳолии диндор дар ҷойи 1-ум, Япония бо 13% дар ҷойи дуюм ва Эстония бо 16% дар ҷойи сеюм қарор доранд. Аз рейтинги мазкур маълум мегардад, ки аз ҳама аҳолии диндор дар Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекардаанд, ки 85%-и аҳолӣ асосан пайрави дини ислом мебошанд[10].

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти Маркази таҳқиқоти байналмилалии (Gallup International) дар соли 2012, ки дар байни 50 ҳазор нафар аҳолии 59 давлати ҷаҳон гузаронида шудааст, аксарияти аҳолии рӯйи замин – 59% худро шахси диндор меҳисобанд. Аз панҷ як ҳиссаи аҳолӣ – 23% худро шахси бедин мепиндоранд. Шумораи бештари атеистҳо дар Осиёи Шарқӣ: Хитой (47%) ва Япония (31%) зиндагӣ мекардаанд. Дар Россия 55%-и аҳолӣ худро диндор ва 26% худро бедин номидаанд[11].

---

[10] Ниг.: Рейтинг стран по уровню религиозности [электронный ресурс]. URL: https://nonews.co/directory/lists/countries/relgiousness (дата обращения 26.03.2023).
[11] Ниг.: Исследование Gallup: мир становится менее религиозным [электронный ресурс]. URL: https://gtmarket.ru/news/2012/08/02/4743 (дата обращения 19.03.2023).

Дар бештари давлатҳои ҷаҳон тамоюли камшавии аҳолии диндор мушоҳида мешавад. Масалан, агар соли 2007 аҳолии диндори Россия 57%-ро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2012 ба 55% рафта расида, шумораи атеистҳо афзудааст. Вобаста ба сатҳи таҳсилот 67%-и аҳолии дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 52%-и аҳолии дорои маълумоти олӣ худро диндор меноманд. Шумораи зиёди атеистҳо дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон, мисли Хитой, Япония, Чехия, Франсия, Германия, Нидерландия, Австрия ва Австралия зиндагӣ мекунанд. Таҳқиқот фарқиятҳои ҷолиброи байни намояндагони динҳои гуногун ошкор кард, дар муқоиса бо мусулмонон ва яҳудиён, дар байни насрониҳо шумораи одамоне, ки худро «диндор» медонанд, бештар аст[12].

Таҳсилот яке аз намудҳои фаъолияти ташкилотҳои динӣ ба ҳисоб меравад, ки барои интиқоли арзишҳои динӣ, урфу одат ва маросимҳои динӣ аз як насл ба насли дигар, инчунин иҷтимоикунонии динии шаҳрвандон нақши калон мебозад. Дар натиҷаи таҳсилоти динӣ намояндагони ташкилотҳои динӣ, донишмандони диншинос ва рӯҳониёни оянда ба воя мерасанд. Таъсири минбаъдаи дин ба давлат ва ҷомеа, вазъи фазои динии ҷомеа аз хусусиятҳо ва шаклҳои таҳсилоти динӣ вобастагии калон дорад.

Ҳарчанд дунявияти низоми таҳсилот босуръат идома дорад ва тамоми шаклҳои таҳсилот ба зери назорати давлат ворид мегардад, аммо таҳсилоти динӣ ҳеҷ гоҳ аз низоми дунявӣ пурра берун монда наметавонад. Таҳсилоти динӣ дар низоми қонунгузории тамоми давлатҳои дунявӣ пешбинӣ гардидааст ва яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад ва дар бораи маблағгузории давлатии таҳсилоти динӣ дар муассисаҳои таълимӣ низ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Ба андешаи донишманди рус И.В. Понкин таҳсилоти динӣ «ин раванди мақсадноки таълиму тарбия мебошад, ки ба манфиати шахс,

[12] Ниг.: Исследование Gallup: мир становится менее религиозным [электронный ресурс]. URL: https://gtmarket.ru/news/2012/08/02/4743 (дата обращения 19.03.2023).

оила, иттиҳодияҳои динӣ, ҷомеа ва давлат тавассути ба даст овардани донишҳо оид ба таълимоти динӣ, амалияи динӣ, фарҳанг ва ҳаёти динӣ ва иттиҳодияи динӣ, ташаккули хислатҳои шахсият ва тарзи зиндагии инсон дар асоси таълимоти дахлдори динӣ, аз ҷумла арзишҳои маънавии он сурат мегирад»[13]. Донишманди дигари рус И.В. Метлик аҳамияти иҷтимоии таҳсилоти диниро махсус қайд намуда, чунин навиштааст: «Таҳсилоти динӣ раванди мақсадноки таълиму тарбияест, ки ба манфиати шахс, оила, иттиҳодияҳои динӣ, ҷомеа ва давлат дар асоси идеологии дини муайян ва (ё) дар ҳамкорӣ бо ташкилоти муайяни динӣ амалӣ карда мешавад»[14].

Муҳаққиқи соҳа А.Г. Нестерова зери мафҳуми «таҳсилоти динӣ» чунин намуди фаъолиятеро фаҳмидааст, ки «барои интиқоли таълимоти динӣ, таҷрибаҳо, эҳсосот, усулҳои амалияи диниро, ки аз ҷониби шахсони аз ҷиҳати касбӣ омодашуда (рӯҳониён, омӯзгорони дин ва дигарон) амалӣ карда мешавад, инчунин системаи тайёр кардани омӯзгорон барои низоми худи таълими динӣ мебошад»[15]. Таҳсилоти динӣ ба омӯзиши дин ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таърихӣ нигаронида шудааст, ки дар натиҷаи он ҷанбаҳои таърихию фалсафӣ, фарҳангию психологии дин дида баромада мешавад. Ба сифати институтҳои таҳсилоти динӣ маҷмуи алоқаҳо ва меъёрҳои динӣ баромад мекунанд, ки таълим ва тарбияи диниро танзим менамоянд.

Таҳсилоти динӣ, ба андешаи А.Ф. Козирев «намудҳои гуногуни фаъолияти тарбиявиро дар бар мегирад, ки ин ё он тарз бо омӯзиши дин, тарбияи эҳсосоти динӣ ва рушди шуури динӣ алоқаманд аст»[16]. Ҷомеашиноси рус Г.В. Осипов оид ба аҳамияти иҷтимоии дин чунин навиштааст: «Дин бо тамоми шаклу зуҳуроташ бузургтарин падидаи таърихи инсоният мебошад. Он шахсро дар тамоми марҳилаҳои

---

[13] Понкин, И.В. Правовые основы светскости государства и образования / И.В.Понкин. – М.: Про-Пресс, 2003. – С. 21.
[14] Метлик, И.В. Религия и образование в светской школе / И.В. Метлик. – М.: Планета, 2004. – С. 97.
[15] Нестерова, А.Г. Взаимодействие институтов светского и религиозного образования в современной России: опыт социологического анализа: автореф. дис. ... канд. социол. наук: 22.00.04 / Нестерова Анна Геннадиевна. – Волгоград, 2007. – С. 15.
[16] Козырев А.Ф. Религиозное образование в светской школе. – СПб., 2005. – С. 13.

мавҷудияти ӯ, аз замоне дар бораи худ дар робитаи ногусастанӣ бо табиат фикр мекард ва то имрӯз ҳамроҳӣ менамояд. Маҳз таълимоти динӣ хирад ва таҷрибаи ҳаётии одамонро оид ба масъалаҳои ахлоқӣ ҷамъбаст намуда, дар ин замина заминаҳои асосии ахлоқро ифода мекунанд, ки бидуни онҳо мавҷудияти халқҳо, ташкили ҳаёти рӯзмарраи иҷтимоии онҳо ғайриимкон аст. Ҳамаи динҳо бавуҷудомада, пеш аз ҳама «ҳаракатҳои ҷамъиятии ахлоқӣ» буданд»[17].

Бояд ёддовар шавем, ки байни мафҳумҳои «таҳсилоти динӣ» ва «диншиносӣ» фарқиятҳои ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки дарки онҳо ҳангоми таҳлили масъалаи таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ аҳамияти калон дорад. Мақсад аз таҳсилоти динӣ омода намудани мутахассисон ва рӯҳониёни динӣ ва ба тарзи низмнок ба роҳ мондани омӯзиши моҳияти дин мебошад, ки асосан, дар мадрасаҳо, курсҳои динӣ ва мактабҳои назди муассисаҳои динӣ ба роҳ монда мешавад. Диншиносӣ фанни таълимӣ буда, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ба роҳ монда шуда, хонандагону донишҷӯён онро барои ошноӣ пайдо намудан ба дин ҳамчун институти иҷтимоӣ меомӯзанд. Баъдан, таҳсилоти динӣ барои омӯзиши моҳияти як дин равона шудааст, аммо дар таълими диншиносӣ толибилмон ба асосҳои динҳо ва эътиқодҳои гуногуни ҷаҳонӣ ошноӣ пайдо менамоянд.

А.Г. Нестерова фарқияти байни мафҳумҳои «таҳсилоти динӣ» ва «диншиносӣ»-ро шарҳ дода, қайд менамояд, ки таҳсилоти динӣ аз диншиносӣ бо мақсаду вазифаҳо, мазмун, субъектҳои масъул тафовут доранд. Ба андешаи донишманд «баръакси таълими динӣ, ки ба тафаккури донишҷӯён ворид намудани эътиқоди динӣ, худмуайянкунии динӣ ва таълими догмаҳо ва расму оинҳои динӣ нигаронида шудааст, диншиносӣ ба донишҷӯён дар самти гирифтани донишҳои илмӣ дар бораи дин ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҷойгоҳи он дар ҳаёти маънавии ҷамъият ва таърихи халқҳои мушаххас мусоидат

[17] Осипов, Г.В. Современный мир и религия / Г.В. Осипов, Ж.Т. Тощенко // Вопросы философии. – 2007. – №6. – С.6.

мекунад. Мақсади таҳсилоти динӣ ташаккули шахсияти ҳамаҷонибаи дорои зарфияти баланди фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии васеъ мебошад. Дар доираи диншиносӣ шиносоӣ ба фарҳанги динӣ (фарҳанги динҳо ва иттиҳодияҳои динӣ) ҳамчун ҷузъи мероси фарҳангии миллӣ ва ҷаҳонӣ сурат мегирад»[18].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунанаи интихоби таҳсилоти динӣ аз дунявӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳсилоти динӣ ба эътиқод ва ҳиссиёти хонандагон ва ё волидайни онҳо алоқамандӣ дорад. Агар дар оила тарзи зиндагии динӣ интихоб шуда бошад ва аъзоёни оила арзишҳои диниро аз дунявӣ афзалтар шуморанд, пас роҳи таҳсилоти диниро пеш мегиранд. Албатта, дар ин самт ҳолатҳои истисноӣ ҷой дорад, яъне нафароне вомехӯранд, ки оилаашон аз тарзи зиндагии динӣ дур мебошанд, аммо зери таъсири муҳити иҷтимоӣ, махсусан, ҳамсолон монда, таҳсилоти диниро интихоб менамояд ва ё мақому нуфузи рӯҳониёни диниро дида, тарзи зиндагии диниро афзалтар мешуморанд.

Нисбат ба интихоби таҳсилоти дунявӣ муносибат дигар аст ва бештар ба интихоби оқилона такя карда мешавад. Дар ин ҳолат шахс ба қобилият ва малакаи шахсӣ такя карда, касби худро интихоб менамояд. «Агар интихоби комилан ҳама гуна намуди таҳсилоти касбии дунявӣ ба ангезаҳои оқилонаи шахс асос ёбад, пас бо таълимоти динӣ ҳама чиз комилан муқобил аст – дар ин ҷо интихоб ба андозаи бештар аз ҷониби маҷмуи ангезаҳои бешуурона, муносибатҳои психологӣ муайян карда мешавад»[19].

Ба андешаи донишмандони соҳа М.К. Баглик ва А.И. Уткин ба низоми таълиму тарбияи дунявӣ ворид намудани диншиносӣ ва таҳсилоти динӣ чунин манфиатҳо дорад:

---

[18]Нестерова, А.Г. Взаимодействие институтов светского и религиозного образования в современной России: опыт социологического анализа: автореф. дис. ... канд. социол. наук: 22.00.04 / Нестерова Анна Геннадиевна. – Волгоград, 2007. – С. 15-16.
[19]Найденов М.С. Взаимодействие светского и религиозного образования в современных условиях [манбаи электронӣ]. URL: https://doi.org/10.30853/manuscript.2018-12-1.15 (санаи истифодабарӣ: 27.03.2023).

– бартараф намудани шиддати иҷтимоии ҷомеа, ифротгароӣ, ксенофобия, таҳаммулнопазирии миллӣ;
– баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии одамон дар ҳалли масъалаҳои шахсӣ ва давлатӣ;
– баланд бардоштани сатҳи донишҳои фарҳангӣ ва маънавию динии аҳолӣ ва таҳаммулпазирии динӣ нисбат ба дигар дину мазҳабҳо;
– эҳёи неруи маънавию ахлоқӣ, илмию зеҳнӣ, фарҳангию ахлоқӣ ва эстетикии миллат[20].

Аз нуқтаи назари муҳаққиқи динӣ ва коршиноси сиёсии тоҷик А. Раҳнамо омӯзиши маҷмуи донишҳо ва бовариҳои диниро бо мафҳуми «маорифи динӣ» ифода намудааст. Ба ақидаи донишманди тоҷик маорифи динӣ, омӯзиши дин, сарчашмаҳои динӣ, мактабу ҳавзаҳои динӣ, шахсиятҳои динӣ, аз худ намудани суннатҳо ва анъанаҳои диниро ифода менамояд. Худи донишманд дар ин маврид чунин навиштааст: «Маорифи динӣ мафҳуми васеъ буда, маҷмуи донишҳо, арзишҳо ва бовариҳои динӣ, сарчашмаҳо ва суннатҳои илмию амалии омӯзишу нашри онҳо, чеҳраҳо, ҳавзаҳо ва неруҳои инсонӣ ва зерсохторҳои (инфраструктураҳои) модии соҳаи таълими динӣ ва ҳамчунин, маҷмуи муносибатҳои дохилӣ ва атрофи онро дар бар мегирад. Албатта, барои ифодаи ин мафҳуми васеъ ибораҳои «таълимоти динӣ» ё «низоми таълимоти динӣ» низ истифода мешаванд, он низ хато нест, вале ибораи «маорифи динӣ» моҳияти фарогиртар дошта, ин падида ва ин равандро «аз аввал то охир» дар бар мегирад»[21].

Ба андешаи донишманд имрӯз мардуми Тоҷикистон дониши динии худро асосан аз муҳити атроф, хонавода, сомонаҳо ва шабакаҳои интернетӣ ва масҷиду китобҳо дастрас менамоянд, ҳарчанд навъ ва сифати ин сарчашмаҳо баҳснок мебошанд, аммо то омодагии бо роҳи

[20] Ниг.: Баглик, М.К. Становление религиозного образования в системе светского образования России / М.К. Баглик, А.И. Уткин // Студенческая наука Подмосковью: материалы Международной научной конференции молодых ученых (Орехово-Зуево, 08–09 апреля 2016 г.). – Орехово-Зуево: Государственный гуманитарно-технологический университет, 2016. – С. 71.
[21] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 186.

расмӣ ва марказонида анҷом додани барномаҳои маҳви бесаводии динии мардум мавҷудияти ин манбаҳо барои қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи аҳолӣ ба донишҳои динӣ нақши муайянкунанда бозида метавонанд.

Таҳсилоти динӣ ҳанӯз аз пайдоиши динҳои аввалин дар Мисру Бобул ва Буддизм ба роҳ монда шуда буд, ки асосан дар назди рӯҳониён ва ибодатгоҳҳо сурат мегирифт. Бо пайдоиши дини Масеҳӣ таҳсилоти динӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии Рим ва Ерусалим ба роҳ монда шуда буданд. Низоми таҳсилоти динӣ дар асрҳои миёнаи Аврупо, ки дин ва калисо тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта буданд, ҷойгоҳи асосиро ишғол намуда, диншиносӣ фанни асосии мактабҳои дунявӣ ба ҳисоб мерафт. Калисо соҳиби шабакаҳои нерумандӣ динӣ ва муассисаҳои динӣ буданд. Дар асри XVI ва давраи Реформатсияи аврупо мақоми таҳсилоти динӣ дар соҳаи ҳаёти маънавии ҷомеа мақоми ҳукмронии худро аз даст дод, аммо то миёнаҳои асри XX омода намудани мутахассисони соҳаи дин, рӯҳониёни динӣ идома намуд. Дар мактабҳои динӣ асосан китобҳои динӣ ва таълимоти динии асосгузорони дин омӯзонида мешуданд. Барои таҳсилоти динӣ ибодатгоҳҳо (масҷидҳо, калисоҳо ва ғайра) истифода мешуданд.

Барои шарикӣ, ҳамкорӣ ва иртиботи дин ва давлат таҳсилоти динӣ нақши калон мебозад. Ҳукумати Тоҷикистон барои таҳкими принсипҳои дунявият ва баланд бардоштани нақши маорифи исломӣ дар замони истиқлолият корҳои зиёдеро анҷом медиҳад. Барои таълими динӣ дар Тоҷикистон заминаҳои илмӣ-методӣ вуҷуд дорад, зеро садсолаҳо донишгоҳҳои исломӣ бо методикаи самарабахши таълими худ машҳури ҷаҳон гашта буданд. Бузургтарин донишмандон ва олимони шарқӣ, аз ҷумла донишмандони форсу тоҷик дар чунин донишгоҳҳо таҳсил намудаанд. Низоми маорифи исломӣ барои ташаккулёбии амсилаи нави маорифи дунявӣ нақши калон гузоштааст. Дар ин маврид шарқшиноси шуравӣ В.В. Бартолд қайд карда буданд, ки мадрасаҳои мусулмонӣ ба пайдоиши макотиби олии аврупоӣ таъсири калон расонидаанд. Аз

донишгоҳҳои муосири аврупоӣ, махсусан, коллеҷи англисӣ, ба мадраса шабоҳат дорад. Вале таъсири мактаби олии мусулмонӣ ба илми аврупоӣ ҳанӯз омӯхта нашудааст ва он як саҳифаи норавшани таърихи мусулмононро ташкил медиҳад[22].

Рушди маориф ва таҳсилоти гузаштаи халқи тоҷик ба давраи Сомониён рост меояд. Дар давлати Сомониён дар баробари рушди адабиёт, инчунин илму фан ҳам тараққӣ ёфт. Бузургтарин олимону донишмандони ин давра Ибни Қутайба («Китоб-ул-маориф»), Муҳаммади Балхӣ, Абӯбакри Наршахӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва дигарон дар рушди илму маорифи ин давра нақши бузург гузоштаанд.

Яке аз намояндагони маъруфи илму фалсафаи тоҷик дар асрҳои IX-X файласуфи машҳур, яке аз асосгузорони назарияи идораи давлатӣ дар робита бо «мадинаи фозила» Абӯнаср Муҳаммад бинни Муҳаммади Форобӣ (873-950) мебошад, ки китоби доиратул-маорифӣ (энсиклопедӣ) бо номи «Мақола фӣ иҳсои-л-улум»-ро навиштааст ва ин китоб пурра ба таҳқиқу баррасии масъалаи таснифоти илмҳо бахшида шудааст. А. Форобӣ дар таълимоти худ омӯзиши илму донишро аввалиндараҷа дониста, таъкид менамояд, ки танҳо тавассути илму дониш инсон ҳақро аз ботил фарқ менамояд.

Масъалаи аввалине, ки донишманд ҳангоми баррасии он кушиш намудааст, назарияи «мадинаи фозила» ва «мадинаи ҷоҳила» мебошад. Мутафаккир мадинаи фозиларо чунин шарҳ додааст: «мадинае, ки мақсади он таовун дар корҳоест, ки тавассути онҳо саодати ҳақиқӣ ҳосил мешавад, мадинаи фозила аст»[23]. Ба ақидаи А. Форобӣ дин мисли фалсафа ҳодисаҳо ва чизҳои олиро шарҳ медиҳад, аммо фалсафа ба далел ва дин ба эътиқод табдил меёбад.

А. Форобӣ дар бораи нақши шариат дар бунёди мадинаи фозила чизе нагуфтааст, диндорон дар баробари дигарон сокинони ин шаҳр

---

[22] Ниг.: Бартольд, В.В. Сочинения. Т. VI. Работы по истории ислама и Арабского халифата / В.В. Бартолд. – М.: Наука, 1966. – С.52.

[23] Форобӣ А. Ал-Сиёсата–л-маданията. Тарҷума ва тасҳеҳи Фавзии Нуҷор. – Теҳрон, 1344. – С. 73-74.

буда, ҳар як шаҳрванд бе таъсири дин ва диндорон нақши худро ба анҷом мерасонанд. Файласуф дар таълимоти мадинаи фозилаи худ дини исломро аз дигар динҳо бартарӣ надода, хушбахтии инсонро аз аҳкоми динӣ болотар гузоштааст. Ӯ дар мавриди зиндагии муштараки намояндагони динҳои гуногун дар мадинаи фозила чунин ибрози ақида намудааст: «халқҳои некӯкор ва шаҳрҳои некӯкор метавонанд динҳои гуногун дошта бошанд, гарчанде ки ҳама ба як хушбахтӣ оварда мерасонанд»[24].

Донишманди дигари форсу тоҷик Абӯалӣ ибни Сино низ дар бораи дин ва таҳсилоти динӣ андешаҳои худро иброз намуда буд. Китоби ӯ «Ал-қонун фи-т-тиб» беҳтарин асар дар илми тиб буда, дар давоми шаш аср (аз асри XI то миёнаҳои асри XVII) ҳамчун дастур барои духтурон ва китоби дарсӣ барои мактабҳои тиббии тамоми Европа хизмат кардааст. «Ал-Қонун» дар Европа чандин маротиба ба забони лотинӣ ва дигар забонҳо нашр гардидааст»[25].

Ибни Сино барои низоми ҷомеаи одилона мавҷудияти ду қонунро ҳатмӣ медонад. Яке аз ин қонунҳо барои зиндагии дунявӣ ва қонеъсозии талаботи моддии мардумон, дигаре қонунҳои илоҳӣ мебошад. Мутафаккир дар бораи арзиши қонунҳои илоҳӣ чунин менависад: «Мақсуди ҳакимон (файласуфон) аз шариат он чӣ авом мепиндоранд, нест»[26], балки суннати ростин ва абадӣ аст. Аз тариқи ин бахши ҳикмати амалӣ набувватро мешиносем ва аҳли башар барои ҳастӣ ва бақою охирати хеш ба шариат ниёзманд аст.

Ба андешаи Ибни Сино қонунҳои илоҳӣ барои башар арзишманд буда, тавассути онҳо низоми мадинаҳои фосидро ба ислоҳ овардан мумкин аст. Мутафаккир дар бораи нақши мазҳаб дар ваҳдати иҷтимоӣ ва ахлоқи инсонӣ сухан ронда, подшоҳро барои иҷрои аҳкоми шариат ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ даъват менамояд. Бояд зикр кард, ки

---

[24] Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты Пер. с арабского. – Алма-Ата: Наука, 1973. – С. 35.
[25] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 379.
[26]Абӯали Ибни Сино. Осори мунтахаб. (Иборат аз даҳ ҷилд). Ҷилди 2- Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 14.

ҷомеаи адолатпешаи мутафаккир асосан ба арзишҳои исломӣ бунёд ёфтааст.

Донишманди дигари форсу тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) низ паҳлуҳои гуногуни таърихи динҳоро таҳқиқ намудааст. Донишманд ҳангоми баёни таълимот, шарҳи иду ҷашнҳо ва дигар масъалаҳои илмӣ, ахлоқӣ ва аз китобҳои динии «Авесто», «Забур», «Таврот», «Инҷил» ва «Қуръон» истифода намудааст. Ӯ дар асараш «Мо-ли-л-Ҳинд» осори қадимаи динии ҳиндуҳо, ва масъалаҳои ба эътиқоди динии онҳо вобастаро баррасӣ кардааст. Дар китоби «Осор-ул-боқия»-и А. Берунӣ ахбороти фаровонро дар бораи дину мазҳаб, урфу одат ва тарзи зиндагии мардуми форсу тоҷик то паҳншавии исломро дарёфт кардан мумкин аст.

Абӯрайҳони Беруниро метавон на танҳо бунёдгузори илми фарҳангшиносӣ, балки асосгузори илми диншиносии муқоисавӣ номид, зеро ба дараҷае, ки ӯ динҳои гуногуни ҷаҳониро ба риштаи тасвир ва таҳлили муқоисавӣ кашидааст, то ҳанӯз кам касе чунин кореро анҷом додаст. «Асари «Осор-ул-боқия» беҳтарин намунаи таърихи ҷаҳонбинӣ, тамаддун, фалсафа ва адёни ҷаҳон аст»[27].

А. Берунӣ нақлу ривоятҳои мардумиро ҳангоми омӯзиш ва баррасии динҳо ва мазҳабҳо истифода бурдааст ва дар ин бора дар китоби худ «Осор-ул-боқия» чунин навиштааст: «Гӯем, наздиктарин сабабе, ки маро ба он чи аз ман пурсидаанд, мерасонад, шиносоии ахбори умматҳои гузашта ва таворихи қарнҳои гузашта аст ва бештари ин аҳвол, ки аз эшон ва розу сирри эшон боқӣ мондааст…Ва пас аз он ки фикри худро аз омилҳое зиёноваре, ки бад-он одат шуда, аз қабили ғалабаи таассуб ва ҳавобаландию риёсатталабӣ, ки сабаби ҳалоки бисёре аз мардум аст ва монеи дидори ҳаққу ҳақиқат аст, пок сохтем, бояд

[27]Муҳаммадқодири, Н. Таълимотҳои иҷтимоии мутафаккирони Шарқ. Воситаи таълимӣ / Н. Муҳаммадқодир. – Душанбе: ДМТ, 2021. – С. 128.

фикрҳо ва гуфтаҳои эшонро дар исботи ин мақсуд ба якдигар бисанҷем»[28].

Мутафаккир аввалин шуда, усули муқоисавии таърихии фарҳангҳоро ба роҳ монда буд. Ӯ тамоми фарҳангҳои маълуми замони худро мавриди муқоисаи таърихӣ қарор медиҳад, якеро бар дигаре боло намегузорад, дар баробари ин, оид ба наздикии генетикии мардумон ва фарҳангҳои хоразмӣ, форсӣ ва суғдӣ суҳбат мекунад. Донишманд нисбат ба ақидаҳои динӣ муносибати таҳаммулпазирона доштааст ва мавҷудияти ҳамаи динҳоро барои оромиши равонии ҷомеа зарур меҳисобидааст. Бузургии А. Берунӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ба дустӣ ва таҳаммулпазирии байни одамон, нажодҳо ва намояндагони динҳои гуногун, ки дар минтақаҳои мухталиф зиндагӣ мекунанд, таваҷҷуҳи махсус додааст ва дар дӯстии халқҳо неруи тараққиёти ҷамъиятӣ ва хушбахтии инсонро дидааст.

Дигар донишманди форсу тоҷик Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолии Тӯсӣ (1058-1112) аз маъруфтарин намояндагони дурахшони афкори фарҳангии ҷаҳони ислом ба ҳисоб меравад, ки дар шарҳи масъалаҳои дин ва таҳсилоти динӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар асари худ «Эҳё-ул-улум-уд-дин» дину мазҳаб ва шариати исломро нисбати давлат ва ҳуқуқ боло гузошта, тамоми андеша ва афкори худро дар асоси таълимоти Қуръону ҳадис баён намудааст. Ба ақидаи М. Ғаззолӣ камолоти инсонӣ пахши нафси разила ва рушди маърифати инсонӣ буда, мақсади ҳастии дунёии инсон расидан ба Ҳақ мебошад, «бидон, ки дунё манзиле аст аз манозили роҳи дин ва роҳгузаре аст мусофиронро ба ҳазрати Ҳақ таъоло ва бозоре аст ороста, бар сари бодия ниҳода, то мусофирин аз вай зоди худ баргиранд»[29].

Дар замони ҳукумронии Салҷуқиён вазири дарбор Низомулмулк барои пешбурди таҳсилоти динӣ ва дунявӣ хизматҳои шоёнеро ба анҷом расонидааст. Таърихшиноси бузург Б. Ғафуров дар китоби худ

[28] Берунӣ, А. Осор-ул-боқия / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 220.
[29] Ғаззолӣ, М. Кимиёи саодат (Ҷилдҳои I ва II) / М. Ғаззолӣ. – Теҳрон: Суруш, 1999. – С. 70.

«Тоҷикон» дар бораи ташаккулёбии маорифи ин давра чунин навиштааст: «Низомулмулк барои ташкил намудани мактабҳои олии диния – мадрасаҳо кӯшиши зиёде кард. Дар бисёр шаҳрҳо, аз ҷумла, дар Бағдод, Нишопур, Ҳирот, Балх, Марв ва ғайра ин қабил мактабҳо таъсис ёфта, ба шарафи ташкилкунандаи худ унвони «Низомия»-ро гирифтанд. Барномаи таълимии мадрасаи «Низомия»-и Бағдод дар баробари аз ёд кардани Қуръон, ҳадисҳо ва дигар риштаҳои улуми динӣ, ҳамчунин илми ҳуқуқ, забон ва адабиёти араб, риёзиёт ва амсоли инро дар бар гирифта буд»[30].

Минбаъд рушди илму маорифи исломӣ дар давраи ҳукумронии Темуриён, махсусан, Улуғбек маъруфтарин мунаҷҷимон ва риёзидонони он замонро ба Самарқанд ҷамъ карда, расадхонае сохт, ки бо асбобҳои мукаммал таҷҳизонидашуда буд. Дар ин мадраса бештар илмҳои дунявӣ, махсусан, нуҷум рушд менамояд. «Бо фармоиши Улуғбек дар Самарқанд, Бухоро, Кеш ва Ғиждувон бисёр биноҳои бузургу муҳташам сохта шудаанд, ки мадрасаи машҳури регистони Самарқанд аз ҷумлаи ҳамин биноҳост»[31].

Дар Шарқи исломии асримиёнагӣ илмҳои дунявӣ низ мақоми арзандаро соҳиб мешаванд, кашфиётҳои илмӣ ва тамаддуни Шарқи исломӣ барои рушди илми Давраи Эҳё ва Замони Нави Аврупо ҳамчун заминаи илмӣ-назариявӣ хизмат мекунанд. Маҳз халқҳои форсу тоҷик амсилаҳои беҳтарини таълиму тарбияи динӣ ва дунявиро кор карда баромаданд. Таҷрибаи ҳамкории дину давлати дунявӣ дар соҳаи маорифу таҳсилот дар илму фарҳанги халқи тоҷик заминаи амиқи таърихӣ доштааст.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои илмӣ дар Аморати Бухоро таълими дин бо воситаҳои гуногун ба роҳ монда шуда буд. Муассисаҳои таълимӣ дар Аморати Бухоро ба чор дараҷа тақсим мешуданд:

---

30 Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 391.
31Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. 870 с. – С.74.

1. Мактаб – маълумоти ибтидоӣ;
2. Далил-хон – мактаби ибтидоии таълими дуоҳои муайяни арабӣ;
3. Қорихона – мактаби ибтидоии махсус ҷиҳати азёд ва аз бар кардани сураву оятҳои Қуръон;
4. Мадраса – мактаби олӣ ҷиҳати таълими улуми динӣ ва соҳавӣ (мадраса дар навбати худ ба се қисм: аъло, авсад ва адно тақсим мешуд)[32].

Донишманди тоҷик С. Айнӣ, ки худ низ дар таълими илмҳои динӣ ва дунявӣ саҳми босазое гузоштааст, дар ин бора чунин навиштааст: «Дар мадрасаҳои Бухоро дар баробари улуми динӣ, илмҳое аз қабили ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб, ҳикмати табиӣ, мантиқ, шеър ва адабиёт низ омӯхта мешуданд. Дар қисми динӣ: Қуръон, ҳадис, тафсир ва усули фиқҳ барин қоидаҳои асосии шариат, дар қисмати таърих: сияри набӣ (шарҳи ҳоли пайғомбарон), тарҷумаи ҳоли салаф (гузаштагон) ва табақот барин илмҳои ибратомӯз хонда мешуданд ва бино бар ин, муллоҳои онвақтаи Бухоро аз асли дини ислом бохабар буда, аз номи шариат ҳар фанро ҳаром нашуморида, ҳар касро такфир намекарданд»[33].

Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар Аморати Бухоро таҳсилоти динӣ ва илмҳои дунявӣ ба талабот ҷавобгӯ набуд ва ҷомеа баислоҳоти соҳаи маориф ниёз дошт. Бо ин мақсад дар Осиёи Марказӣ бо сарварии Аҳмади Дониш ҳаракати маорифпарварӣ ба вуҷуд омад, ки намояндагони ин ҳаракат бо роҳи тағйир додани тафаккури аҳолӣ, инкишофи илму маориф дар ҷомеа дигаргуниҳои мусбатро имконпазир гардонанд. А. Дониш се маротиба дар сатҳи баланд ба Русия сафар кард ва бо шахсиятҳои олимақом, бо донишмандон ҳамсуҳбат шуд ва ҷаҳонбиниаш комилан тағйир ёфт. Аҳмади Дониш илм ва дониши дунявиро ба системаи илмомӯзии дини схоластикӣ муқобил мегузошт ва ҷоҳилияти бо ном уламои Бухороро фош месохт.

[32] Ниг.: Шерзот, А. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ / А. Шерзот. – Душанбе: Маориф, 2021. – С. 78.
[33] Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 9.

Аҳмади Дониш хуб медонист, ки сохти сиёсии аморати Бухоро дар заминаи беадолатии иҷтимоӣ, ҷаҳолату нодонӣ ва бемаърифатӣ қарор дорад, унсурҳои ин сохти сиёсӣ ноустувор буда, амиру мансабдорон аз уҳдаи иҷрои мақсадҳои наҷиб – тараққиёту пешрафти ҷамъият, инкишофи илму маърифат, баланд бардоштани маънавиёти мардум, ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ баромада наметавонад. Ӯ тарзу усули таълими мадрасаҳои Бухоро ва усули омӯхтани забони арабиро сахт танқид мекунад[34]. Дар мактабу мадрасаҳо ба омӯхтани забони арабӣ, аз худ кардани талаботи дини ислом машғул мешуданд, вале ба омӯхтани илмҳои даққиқ ва табиатшиносӣ эътибор намедоданд.

Дар мадрасаҳо низоми ягонаи таълим вуҷуд надошт, толибони фақир ҳаққи хонданро дода наметавонистанд. Амир ба соҳаи маориф, такмилу беҳбудии таълим маблағ ҷудо намекард. Чунин ҳолатро Аҳмади Дониш танқид намуда, ислоҳоти ҷиддии маорифро пешниҳод мекунад. Ӯ ба амир маслиҳат медиҳад, ки барои мустаҳкам кардани давлат ва такмил додани усули давлатдорӣ ба таълиму тарбияи мадрасаҳо эътибор додан зарур аст. Зеро тарбия кардани мутахассисони соҳаи тиб, мутахассисони корхонаҳо, соҳаи обёрии кишвар ва ғайра бе таълими илмҳои даққиқ ва табиатшиносӣ муяссар намешаванд.

Аҳмади Дониш ҷавононро даъват мекунад, ки забони русиро омӯзанд, аз илму фарҳанги пешқадами ин кишвар баҳравар шаванд. Мутафаккир афсӯс мехурад, ки бо сабаби кам будани вақт забони русиро наомӯхтааст. Маорифпарвар дар бораи пешрафти илму техника ва маорифи Русия нақл карда, аҳли зиёи Бухоро ва ҷавононро талқин ва ташвиқ мекунад, ки ба омӯхтани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ рӯ биёранд ва мамлакати худро ба мисли кишварҳои Фаранг ва Русия тараққӣ диҳанд.

Андешаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш оид ба ислоҳоти тарзу усули таълими мадрасаҳо, кушодани мактабҳои нав, ҷорӣ кардани илмҳои даққиқ ва табиатшиносӣ, тарбия кардани мутахассисон дар

---

[34] Ниг.: Дониш, А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2 // А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.110.

хориҷи кишвар, даъват кардани муаллимони забони русӣ, ҳарбӣ ба корҳои идораи давлатӣ ҷалб намудани донишмандону фозилон, гирифтани пеши роҳи ришвахӯрӣ ва ғайра аз аҳаммияти хосса бархурдоранд.

Ҳамзамон бо кӯшиши зиёиёни донишманди динии Бухоро равияи сиёсию фарҳангии ҷадидия таъсис ёфт, ки мақсади онҳо тавассути ташкили ислоҳи низоми маориф, мактабҳои усули ҷадид ва рушди илм маърифатнокии аҳолиро боло бардошта, дар натиҷа низоми давлатдории Аморати Бухороро тағйир диҳанд. Ба зиддият ва мухолифатҳои шаддиди ҳокимон ва рӯҳониёни куҳнапараст ҷадидон имкон ёфтанд, ки мактабҳои навро созмон диҳанд ва ҷавонони зиёди бедор, таҳсилдида ва босаводро тарбия намоянд. «Дар Бухоро 3-юми декабри соли 1910 ҷадидон ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол»-ро ташкил намуданд. Вазифаи аввалиндараҷаи он тайёр кардани мутахассисон ва кумак ба онҳое буд, ки хондан мехостанд. Бо ин мақсад ҷавононро ба хориҷ мефиристоданд. Аъзои он бо ислоҳоти мактаб, мадраса ва инкишофи маориф таваҷҷуҳи бештар доштанд. Бо сабаби он ки давлат ба ислоҳот омода набуд, бо фармони Амир аз 5-уми июли соли 1919 фаъолияти мактабҳои усули ҷадид дар қаламравӣ Бухоро бо талаби як гурӯҳ рӯҳониён ва Агенти сиёсии Россия манъ карда шуд. Ҷадидони Бухоро чунин ақида доштанд, ки сабаби асосии қафомонии ҷомеа бесаводии худи ходимони дин ва аҳолӣ мебошад»[35].

Умуман, дар ибтидои асри XX дар олами ислом, аз ҷумла Осиёи Марказӣ зарурати ба талаботҳои нави ҷомеа мутобиқ намудани меъёрҳои исломӣ ба миён омад. Ҳаракатҳои ислоҳотхоҳии динӣ фаъол мегарданд, ки пешқадамтаринашон ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидҳо буданд. Ҳарчанд ин ҳаракатҳои ислоҳотхоҳии динӣ бераҳмона пахш мешуданд ва намояндагони он зери таъқиби рӯҳониёни иртиҷоӣ қарор доштанд, аммо онҳо тавассути маориф ва таҳсилоти динӣ исломро

[35]Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон. Монография. Муҳаррири масъул профессор К. Олимов. – Душанбе, 2010. – С. 40.

ба тағйиротҳои нави иҷтимоӣ мутобиқ гардонидан мехостанд. Махсусан, дар ду даҳсолаи аввали асри XX дар Аморати Бухоро аз тарафи намояндагони ҳаракатҳои ислоҳотгарои динӣ оид ба зарурати тағйирдиҳии таҳсилоти динӣ баҳсу мунозираҳои шадид давом мекарданд.

Мақсад аз ба роҳ мондани таҳсилоти динӣ аз худ намудани донишҳо дар бораи анъана ва маданияти муайяни динӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти тарбияи маънавию ахлоқии шахс, тарбияи рӯҳониёни динии бидуни майли ифротгароӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Ҷудоии давлат аз ташкилотҳои динӣ маънои онро надорад, ки диншиносӣ аз таҳсилоти дунявӣ дур карда шавад. Ҷудо намудани арзишҳои дунявӣ аз арзишҳои динӣ дар низоми таҳсилоти тошуравӣ ва шуравӣ сабабгори асосии бозмонии рушди илм (даврони тошуравӣ) ва буҳрони маънавии ҷомеа (даврони шуравӣ) гардида буд. Ташкилотҳои динӣ низ бояд барои баҳамории низоми таҳсилоти динӣ ва таҳсилоти дунявӣ барои таълиму тарбияи маънавии насли нав тамоми кушишҳоро ба харҷ диҳанд.

Айни замон, дар давлатҳои дунявӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ амсилаҳои гуногуни таҳсилоти динӣ истифода мешаванд. Дар маҷмуъ чунин амсилаҳои таҳсилоти диниро номбар намудан мумкин аст, ки аз вазъи таҳсилоти динӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад:

1. Таҳсилоти динӣ дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ;
2. Таҳсилоти динӣ танҳо дар мактабҳои хусусӣ;
3. Манъ намудани таҳсилоти динӣ дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ.

Амсилаи таҳсилоти динӣ дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ дар бештари давлатҳои дунявӣ, аз ҷумла Тоҷикистон васеъ истифода мешавад. Мувофиқи амсилаи мазкур дар таҳсилоти динӣ ташкилотҳои диниро ҷалб кардан мумкин аст ва таҳсил дар мактабҳои хусусии динӣ ба таҳсилоти давлатӣ баробар дониста мешавад. Давлат таҳсилоти диниро дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ маблағгузорӣ менамояд, ба

омӯзгорон маош медиҳад, биноҳои таълимиро ба таҷҳизоти зарурии хониш таъмин мекунад ва ғайра. Айни замон таълими диншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

Мувофиқи моддаи 18-уми Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ таълими таърихи умумии дин дар мактабҳои давлатӣ мумкин аст, ба шарте ки он ба таври объективӣ ва холисона таълим дода шавад. Аммо таҳсилоти давлатӣ, ки ба омӯзонидани динии мушаххас ё эътиқод дахлдошта ба Паймон то вақте мувофиқ нест, ки агар барои волидайн ва ё парасторон истисноҳо ё алтернативаҳо вуҷуд надошта бошанд[36].

Дар баъзе аз давлатҳои аврупоӣ дин фанни ҳатмии таълимӣ ба ҳисоб меравад, аммо хонандагон онро бо дигар фан иваз карда ё аз таҳсили он даст кашида метавонанд. Давлат стандартҳои таҳсилоти диниро муқаррар менамояд ва роҳбарияти маъмурии таҳсилоти давлатӣ ва хусусӣ, муассисаҳои таълими динӣ ва ташкилотҳои динӣ бояд риоя намоянд. Мақомоти давлатии соҳаи таҳсилот муассисаҳои таҳсилоти диниро ба қайд мегиранд, идораи раванди таълими диниро назорат мекунанд, китобҳои дарсӣ, қоидаҳо ва стандартҳои таълимиро тасдиқ менамоянд.

Амсилаи таҳсилоти динӣ дар мактабҳои хусусӣ низ хоси давлатҳои дунявӣ аст, ки таҳсилоти динӣ дар мактабҳои хусусӣ сурат мегирад, аммо дар муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ таълими дин манъ карда шудааст. Таҳсилоти динӣ дар мактабҳои хусусӣ ва ташкилотҳои динӣ ба анҷом расонида шуда, давлат бавосита ва ё бевосита раванди таҳсилоти диниро маблағгузорӣ карда метавонад. Ташкилотҳои динӣ дар таълими динӣ нисбатан озоданд, давлат ба раванди таҳсилоти динӣ дар ташкилотҳои динӣ кам дахолат менамояд, стандартҳои таълимиро ташкилотҳои динӣ мустақилона таҳия мекунанд. Масалан, дар Франсия таълими динӣ дар муассисаҳои таълимӣ манъ карда шудааст, аммо

[36] Ниг.: Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ [манбаи электронӣ]. URL: http: mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 26.12.2021).

хонандагони мактабҳои ибтидоиро давоми ҳафта як рӯз аз дарсҳо озод менамоянд, то волидайн онҳоро ба таҳсилоти динии мактабҳои динӣ ҷалб намоянд. Ё дар ИМА омӯзиши дин дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба таври факултативӣ, яъне ихтиёрӣ дар вақту соати муайян ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон дар ИМА шабакаҳои мактабҳои хусусии динӣ дар назди калисоҳо ва дигар ташкилотҳои динӣ амал мекунанд.

Дар кишварҳое, ки эътиқодмандони буддоия зиндагӣ мекунанд, таҳсилоти динӣ ба барномаҳои таҳсилоти умумӣ ворид карда шудааст. Дар Ҳиндустон, Шри-Ланка, Бирма ва Япония донишгоҳҳои буддоӣ фаъолият мекунанд ва мутахассисони диншинос ва омӯзгоронӣ соҳаҳои гуногуни буддошиносиро омода менамоянд. Таҳсилоти динӣ дар кишварҳои мусулмоннишинӣ Шарқи Наздик ва Миёна, мисли Эрон, Афғонистон, Покистон, Арабистони Саудӣ, Индонезия, Миср ва ғайраҳо қисми асосии низоми умумии маориф ба ҳисоб меравад. Фанҳои динӣ дар барномаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таълим ворид карда шудаанд. Донишгоҳҳои калони динӣ ва факултетҳои динӣ, мисли ал-Азҳар, Институти исломшиносии Покистон ва ғайраҳо амал мекунанд, ки дар онҳо теология, фиқҳи исломӣ ва дигар фанҳои динӣ таълим дода мешаванд.

Таҳсилоти динӣ дар аксарияти давлатҳои Америкаи Лотинӣ (Аргентина, Бразилия, Венесуэла, Колумбия, Панама, Перу ва ғайра) ҷойгоҳи махсуси худро дошта, донишгоҳҳои католикӣ амал мекунанд. Тамоми мактабҳои католгӣ низоми хоси худро дошта, аз тарафи Ватикан ба танзим даровarда мешаванд. Стандартҳо, барномаҳо ва нақшаҳои таълимии низоми таҳсилоти динии католикиро мутахассисони Ватикан омода менамоянд. Дар Аврупои Ғарбӣ даҳҳо аккадемияҳо, донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва факултетҳои донишгоҳии динии протестантӣ фаъолият мебаранд, ки рӯҳониёни протестантиро омода мекунанд.

Дар низоми таҳсилоти динӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён меояд, баъзе аз донишмандони динӣ кӯшиш менамоянд, ки илоҳиётро аз баъзе аз догмаҳо ва қолибҳои кухнашудаи зидди илмии динӣ тоза кунанд,

динро ба илм наздик намоянд ва дар муассисаҳои таҳсилоти динӣ таълими илмҳои дунявиро ба роҳ монанд. Рӯҳониёни маъруфи динӣ дар баъзе давлатҳо аллакай ба низоми таҳсилоти дунявӣ таъсиргузор шуда, таълими динро дар мактабҳои дунявӣ низ ҷиддӣ ба роҳ мемонанд. Масалан, «дар Изроил тамоми таълим хусусияти реаксионии динӣ-мистикӣ ва сионистӣ дорад, ҳатто дар мактабҳои маълумоти умумии давлатӣ аҳди қадими Китоби Муқаддас, Таврот (қонун) ва Талмуд ба таври ҳатмӣ омӯхта мешаванд»[37].

Соли 1755 дар Россия аввалин донишгоҳи россиягӣ ташкил мешавад, ки асосгузори он граф Шувалов П.И. буд ва ӯ ба сохтори донишгоҳ факултети илоҳиётшиносиро ворид накард ва маҳз аз ин давра оғози ҷудо намудани таҳсилоти динӣ аз таҳсилоти дунявӣ шуруъ мегардад. То миёнаҳои асри XVIII дар Россия таҳсилоти динӣ ва дунявӣ баробар рушд меёфтанд. Пас аз инқилоби соли 1917 мактабҳои динии православӣ баста шуданд. Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳодияи Шуравӣ дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Россия таҳсилоти динӣ аз нав эҳё гардид.

Аз соли 2012 муассисаи таълимии динии Калисои Православии Россия ба таълими низоми Болонӣ гузашт. Ҳоло барои эҳёи Академияи рӯҳонии Казан корҳо идома дорад. То солҳои наздик дар муассисаҳои таълимии динӣ одамони эътиқодманди дорои шуури динӣ ва рӯҳонӣ таҳсил мекарданд, ҳоло дар ин муассисаҳо диншиносон, таҳлилгарон ва коршиносони динӣ омода мешаванд, ки оянда на ҳамчун рӯҳонӣ дар муассисаҳои динӣ, балки мутахассиси дин дар соҳаҳои дунявӣ кор мекунанд.

Амсилаи манъ намудани таҳсилоти динӣ дар мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ хеле кам паҳн гардидааст, масалан дар Ветнам, Туркманистон, собиқ Иттиҳодияи Шуравӣ ва ғайра. Дар ин давлатҳо то ҳол динро ба сифати ҷанбаи муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ эътироф намекунанд ва

[37] Религиозное обучение и образование [манбаи электронӣ]. URL: https://www.booksite.ru/fulltext/1/001/008/096/388.htm (санаи истифодабарӣ: 26.12.2019).

таъсири институтҳои диниро ба ҳаёти ҷамъиятӣ торафт маҳдуд мегардонанд. Дар доираи ин амсила таҳсилоти динӣ аз низоми таҳсилоти давлат берун карда шудааст ва таълими динӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ комилан манъ гардидааст. Ташкилотҳои динӣ барои иҷтимоикунонии динии аҳолӣ ба таври маҳдуд амал мекунанд, аммо дар самти таҳсилоти динӣ ба мушкилоти ҷиддӣ гирифтор мегарданд.

Дар собиқ Иттиҳодия Шуравӣ мувофиқи Декрет «Дар бораи ҷудо будани калисо аз давлат ва мактаб аз калисо» таҳсилоти динӣ дар ҳамаи зинаҳои муассисаҳои таълимии давлатӣ манъ гардида буд. Шаҳрвандон динро ба таври хусусӣ омӯхта метавонистанд. Дар Туркманистон барои таҳсилоти динӣ танҳо як мадрасаи динӣ вуҷуд дораду халос. Давлат фаъолияти институтҳои диниро дар самти таҳсилоти динӣ зери назорат гирифта, фаъолияти танзимнамоиро пеш мебарад. Дар ин гуна давлатҳо баъзан вақт таҳсилоти динӣ хусусияти пинҳонӣ ва ғайрирасмиро мегирад.

Бо вуҷуди амал кардани шаклҳои гуногуни таълими динӣ низоми таҳсилоти динии Ғарб ба буҳрони ҷиддӣ гирифтор гардидааст. Ҷавонон ба дин таваҷҷуҳи кам зоҳир менамоянд, дар муассисаҳои таълимии динӣ шумораи донишҷӯён кам мегарданд ва хатмкунандагони ин мактабҳо аз рӯйи ихтисоси динии худ фаъолият намекунанд. Дар давлатҳои мусулмоннишини пасошуравӣ, махсусан, Тоҷикистон, баръакс, таваҷҷуҳи ҷавонон ба таҳсилоти динӣ бештар гардидааст. Як сабаби чунин таваҷҷуҳи зиёд мақоми баланд доштани рӯҳониён дар ҷомеа мебошад, ки аз ҳисоби эътиқодмандии сахти аҳолӣ ба ислом (ҳатто то дараҷаи ифротӣ ва хурофотӣ) накуаҳволии иқтисодӣ ва мақоми баланди иҷтимоии худро таъмин кардаанд.

Модернизатсияи шуури динии аҳолии Тоҷикистон аз такмили низоми таҳсилоти динӣ вобастагӣ дорад. Маҳз институтҳои таҳсилоти динӣ боиси пайдоиши равияҳои нави динӣ ва равандҳои азнавсозии динӣ мегаштанд. Мактабҳои динӣ зуҳуроти иҷтимоиро вобаста ба талаботҳои

нави ҷомеа шарҳ медоданд ва дар ташаккули шуури динии ҷомеа нақши калон доштанд. Дар дини ислом, ки меёърҳои он вижагиҳои тағйирнопазирӣ дорад, маҳз институтҳои таҳсилоти исломӣ, мисли мактабу мадраса ва масҷидҳо ба навовариҳои фикрӣ роҳ кушодаанд. Фатвоҳои институтҳои таҳсилоти исломӣ қонунӣ ҳисобида мешуд, зеро ин институтҳои таълимӣ дар муҳити динӣ мавқеи муайянкунанда доштанд.

Намояндагони бонуфузи динӣ тавассути маорифи динӣ ба тафаккури динии аҳолӣ таъсир мерасонанд ва ин зуҳурот то ҳол ба мушоҳида мерасад. Дар шуури омма чунин қолиби фикрӣ мустаҳкам аст, ки бузургони динӣ таълимоти диниро дуруст шарҳ медиҳанд ва ба тафсирҳои онҳо эътимод доранд. «Таҳсилоти динӣ ҳамчун институти ҷамъоваранда, такрористеҳсолкунанда ва тақсимкунандаи иқтидори зеҳнии дин ҳамчун механизми такмилдиҳанда, ақлгароӣ ва систематизатсияи он амал мекунад»[38]. Ҳар як шахсияти динӣ дар ислом вобаста ба гузаштани ӯ аз дараҷаҳо ва марҳилаҳои системаи таҳсилоти динӣ қадр карда мешавад. Мақоми рӯҳонии исломӣ ба таҳсилоти динӣ ва ҳавзаи илмии гузаштаи ӯ вобастагии калон дорад.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки таҳсилоти динии расмӣ яке аз роҳҳои тағйирдиҳии ҷаҳонбинии динии аҳолӣ ва пешгирии хурофоти динӣ мебошад. Аз ин сабаб, барои тағйир додани тафаккури динии аҳолӣ ва мутобиқ намудани дин ба талаботҳои навини ҷомеа бояд заминаҳои таҳсилоти расмии динӣ такмил дода шаванд. Агар тағйиротҳо дар низоми таҳсилоти динӣ ворид карда шавад, боиси баланд гардидани сатҳу сифати шуури динии шаҳрвандон мегарданд.

[38]Абдулло Хаким Рахнамо. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / Абдулло Хаким Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. – № 5(251). – С. 61.

## 1.2. Шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар замони муосир

Дар раванди ҷаҳонишавӣ бештари давлатҳои мутараққӣ рӯ ба дунявият меоранд, зеро дар шароити имрӯзаи бархурди манфиатҳо муборизаҳои сиёсӣ баъзе аз гурӯҳҳои сиёсӣ аз дин ва эътиқодоти динии одамон васеъ истифода бурда, дар натиҷа зуҳуроти ифротгароии динӣ шиддат мегирад. Инсон ҳангоми муносибат ба ҷаҳон ва арзишҳои иҷтимоӣ ба ҷаҳонбинии асотирӣ, динӣ ва илмӣ-фалсафӣ такя менамояд. Дар ин ҳангом бештар ба кадом навъи ҷаҳонбинӣ такя кардани инсон аз сатҳи иҷтимоишавӣ ва сатҳи рушди тафаккури ӯ вобастагӣ дорад.

Дунявӣ будани инсон аз муносибати ӯ ба арзишҳои иҷтимоӣ ҳувайдо мегардад. Мавқеи дунявият доштан маънои онро дорад, ки дар ҷаҳонбинии шахс арзишҳои дунявӣ нисбати арзишҳои динӣ афзалият доранд ва ӯ ба илм, дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ такя менамояд. Натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто ҳамон одамоне, ки худро диндор меҳисобанд ва тамоми зуҳуроти иҷтимоиро аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии динӣ баҳогузорӣ менамоянд, дар ҳолати зарурӣ рафтори дунявӣ содир менамоянд, аз дастовардҳои илму техника истифода мебаранд.

Мафҳуми «дунявият» дар адабиёти илмӣ гуногун шарҳ дода шудааст, аз ҷумла баъзе аз донишмандон зери ин мафҳум муносибати бетарафона ва ҳатто хусусияти атеистии муносибати давлатро ба дин ва ташкилотҳои динӣ фаҳмидаанд. Дунявият ба мазмуни луғавӣ ба истилоҳи лотинии «saecularis» (секуляризм) наздик буда, маънои дунёӣ ва инҷаҳонӣ буданро дорад.

Ҳамчун истилоҳи илмӣ мафҳуми «дунявият» ба маънои ҷудошавии ташкилотҳои динӣ аз давлат, раҳоии ҷомеа аз таъсири фарогири дин ва фароҳам омадани шароити озодандешӣ ва ҳамзистии осоиштаи намояндагони динҳои гуногун истифода мешавад. Давлати дунявӣ ягон дин ва низоми ҷаҳонбиниро ба сифати идеологияи расмӣ эътироф

намекунад. Ба ақидаи сиёсатшиноси тоҷик С.С. Ятимов «дунявият маҷмуи ҷаҳонбинии илмии дар асоси дарки қонунмандии пайдоиш ва рушди зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккури бавуҷудомада ва назарияи дар таҷрибаи инсонӣ бо далелҳо тасдиқгардида мебошад»[39].

Баъзе аз муҳаққиқон надониста ё огоҳона мафҳумҳои «дунявият» ва «секуляризм»-ро айнан як чиз медонанд. Секуляризм дуршавии дин аз ҷомеа, камшавии таъсири дин ба ҳаёти иҷтимоӣ ва аҳаммияти иҷтимоии худро аз даст додани динро ифода менамояд, аммо дунявият маънои ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз давлат ва ба кори шахсӣ табдил ёфтани динро ифода мекунад. «Дар шароити секуляризм динҳо тадриҷан аз фарҳангҳои худ дур мешаванд: онҳо ғайриҳудудӣ гашта, ба объекти қарорҳои шахсӣ табдил меёбанд, дар натиҷа, одамон аз ҳама анъанаҳо дур шуда, заминаи фарҳанги анъанаҳои динии худро аз даст медиҳанд»[40].

Давлати дунявӣ аз дин ҷудо нест, зидди дин нест, дин муҳимтарин зуҳуроти фарҳангии давлати дунявӣ мебошад, шаҳрвандони давлати дунявӣ пурра ба фаъолияти динӣ ва анҷом додани урфу маросимҳои динӣ машғул шуда метавонанд. Ба андешаи Н.Ф. Козирев давлати дунявӣ «яке аз муҳимтарин фазилатҳои ҷамъиятӣ, маҳсули худшиносии шаҳрвандӣ ва эҷодиёти ҷамъиятии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад»[41]. Ҳадаф аз ҷудо намудани ташкилотҳои динӣ аз давлат, пеш аз ҳама, фароҳам овардани имконияти мавҷудияти озоди динҳо дар давлат ба ҳисоб мерафт, ки ҷомеашинос У. Маклафлин ин ҳолатро «на озод намудани инсон аз эътиқод, балки озод намудани дин аз таъсирҳои берунӣ»[42] баҳо додааст.

---

[39] Ятимов, С.С. Дунявият ва амният / С.С. Ятимов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 2(2). – С. 23.
[40] Демидов, Г.В. Светскость и религия: трансформация понятия «религиозное образование» в современном мире / Г.В. Демидов // Вестник РГГУ Серия «Философия. Социология. Искусствоведение». – 2016. – №4. – С. 47.
[41] Козырев, Ф.Н. Религиозное образование в светской школе. Теория и международный опыт в отечественной перспективе. Монография / Ф.Н. Козырев. – СПб: Апостольский город, 2005. – 636 с.; Яхьяев, М.Я. Светское и религиозное в современном обществе / М.Я. Яхьяев, Е.Г. Камышова // Исламоведение. – 2011. – №2. – С. 93.
[42] Гараджа, В.И. Социология религии. Учеб пособие для студентов и аспирантов гуманитарных специальностей / В.И. Гараджа. – М.: ИНФРА, 2005. – С. 386-387.

Албатта, дунявият шарти муҳимтарини мавҷудияти дин ва равияву мазҳабҳои динӣ мебошад, аммо дар тамоми динҳо ба арзишҳои дунявӣ баҳои воқеӣ ва сазовор дода намешавад. Дар бештари таълимоти динӣ дунё ва дунявият дуюминдараҷа ва беаҳамият нишон дода мешавад, ҳол он ки барои рушди дин аз неруҳо ва воситаҳои дунявӣ фаровон истифода мегардад. Барои паҳншавии дин одамон, моликият ва дигар арзишҳои дунявӣ лозиманд, рӯҳониёни динӣ ба воситаи дин зиндагии шоистаи заминӣ ва мақоми арзишманди дунявиро соҳиб гардидан мехоҳанд, аммо боз ба дунявият мухолифат меварзанд. Дар ин маврид сиёсатшиноси тоҷик С.С. Ятимов хеле дуруст қайд менамояд: "Ҳамин тариқ, эътиқод ва боварҳо бо илм ва хулосаҳои илмӣ дар мухолифат қарор доранд. Муҳтавои ин зиддиятҳо дар ҷаҳони ислом, аз ҷониби бозингарони геополитикӣ мақсаднок, моҳирона ва тахассусмандона истифода мешавад»[43].

Баъдан, рӯҳониён барои мустаҳкам кардани ҷойгоҳи дин дар ҷомеа ба арзишҳои дунявӣ рӯй меорад, аз онҳо пурра рӯй гардонида наметавонанд ва тавассути меъёрҳои динӣ корҳои дунявиро низ ба танзим даровардан мехоҳанд. Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик К. Абдухалилзода хеле дуруст қайд кардааст: «Аслан, дунё ва арзишҳои дунявӣ дар динҳо аз мақоми сазоворе бархӯрдор нестанд, агарчанде дин, худ бидуни дунё арзи вуҷуд карда наметавонад. Ба қавли дигар, дунё шарти ҳастии дин асту аммо дин, баръакс дунёро ҷойгоҳи сазоворе қоил нест. Дар воқеъ, аз қадимулайём то ба имрӯз дар ҳеҷ гӯшае аз олам аз тарафи муҳаққиқон дине бидуни оламу одам ва дунёи ӯ зикр нашудааст. Пас, барои он ки дин вуҷуд дошта бошад, бояд оламу одам вуҷуд дошта бошад. Аммо дин сарчашмаҳои ҳастии худро пасту ҳақир шуморида, аз эътирофи воломақомию пурарзишии онҳо рӯ метобад. Хеле тааҷҷубовар аст, ки ки дин, худ барои дунё вуҷуд дорад, аммо беинсофона онро хуш

[43] Ятимов, С.С. Дунявият ва амният / С.С. Ятимов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – № 2(2). – С. 22.

надорад... дин наметавонад, ки аз арзишҳои дунявӣ пурра даст кашад, зеро дар чунин ҳол вай шарти ҳастии худро аз даст медиҳад»[44].

Дунявӣ будани ҷаҳонбинии шахс маънои муқобил бароmадан ба ҷаҳонбинии диниро надорад. Дар ин ҳолат шахс дорои ҷаҳонбинии динӣ буда метавонад, яъне динро инкор накарда, ба арзишҳои дунявӣ бартарӣ медиҳад. Диншиноси тоҷик М. Марамбеков дар ин маврид чунин навиштааст: «Пазируфта нашудани дин ба сифати идеологияи давлатӣ баробарҳуқуқии пайравони ҳамаи дину мазоҳибро дар назди қонун таъмин мекунад... Дар асл, дунявият алайҳи дин нест, балки озодсозии дин аз олудагиҳое аст, ки ба дин таҳмил шудаанд ва замонате барои имон дар шакли амиқ ва саҳеҳ аст, зеро имони саҳеҳ аз интихоби озодӣ ҳосил мешавад»[45].

Аз нуқтаи назари пешрафти илм ва технологияи муосир торафт майли дунявияти одамон меафзояд, тафаккури секуляристии одамон ташаккул меёбад. Одамон зоҳиран (бо сухан) ба арзишҳои динӣ бартарӣ медиҳанд, аммо бештар рафтори дунявӣ содир мекунанд. Пас, дунявияти одамон мавқеи атеистии онҳоро ифода намекунад. Дар ин бора муҳаққиқи тоҷик К. Абдулҳаев чунин навиштааст: «Мавқеи дунявият хусусияти зиддидинӣ надорад. Дар он мақоми аввалиндараҷа на ба арзишҳои динӣ, чуноне ки дар ҷаҳонбинии динӣ мушоҳида мегардад, балки ба арзишҳои дунявӣ дода мешавад. Дунявият танҳо ба ҷаҳонбинии илмӣ ва дастовардҳои технологияҳои баланд такя менамояд. Ба қавли дигар, ҷаҳонбинии илмӣ шакли олӣ ва ифодаи комили мавқеи дунявист»[46].

Мафҳуми «дунявӣ» маҷмуи падидаҳо, робитаҳо, муносибатҳо ва арзишу меъёрҳоеро ифода менамояд, ки инъикоскунандаи ҳаёти заминӣ ва воқеӣ мебошанд. Дар давлати дунявӣ дин ва ташкилотҳои динӣ ба

---

[44] Абдухалилзода К. Андешаҳо перомуни таносуби дин ва дунё [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 23.11.2022).
[45] Марамбеков, М. Муносибати ҳокимияти сиёсӣ ба дин дар таҷрибаи давлатҳои миллӣ / М. Марамбеков // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе: Андалеб, 2016. – С.134.
[46] Абдулҳаев К. Мавқеи дунявият: моҳият ва хусусиятҳои он [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 24.03.2023).

сифати институти сиёсӣ шинохта нашуда, ба сифати яке аз институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф мегардад. Дин дар давлати дунявӣ ба яке аз нишонаҳои асосии давлати дунявӣ – озодии виҷдон алоқаманд мебошад ва шаҳрвандон озодона ба дину мазҳаби бо қонун манъкарданашудаи дилхоҳашон метавонанд пайравӣ кунанд ё накунанд. Тибқи ҳамин меъёри демократӣ, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки эътиқоди фардии худро ба дигарон таҳмил кунад.

То асри XlX тамоми ҷомеаро асосан муҳити динӣ фаро гирифта буд ва ғояи ҷудоии давлат ва иттиҳодияҳои динӣ зинаи аввалини ташаккулёбии низоми дунявият ба ҳисоб мерафт. Бо ин сабаб, то ҳол мафҳуми «дунявият» асосан, ба маънои ҷудоии дин аз давлат фаҳмида мешавад. «Баъзан дар раванди баъзе муколама ва мунозираҳо эҳсос мегардад, ки на танҳо мардуми оддӣ, балки баъзе зиёиён низ аз мундариҷаи мафҳуми дунявият дуруст огоҳ нестанд. Дар мафкураи онҳо мутаассифона, бештар фаҳмиши асримиёнагии он – ҷудоии дин аз давлат ҳукмрон аст»[47].

Бо пайдоиши давлатҳои дунявӣ мазмуну мундариҷаи истилоҳи «дунявият» ташаккул меёбад ва ба як назарияи илмӣ ва ҳаракати иҷтимоӣ-сиёсӣ табдил меёбад Дар ин зинаи рушди ҷамъият таваҷҷуҳи давлат барои қонеъ гардонидани манфиатҳо ва талаботҳои дунявии шаҳрвандон таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва дин кори шахсии ҳар як нафар ҳисобида мешавад. «Дунявият ҳамчун усули сиёсати давлатӣ дар натиҷаи муборизаи қувваҳои пешқадам, озодихоҳ ва равшанфикри иҷтимоии қитъаи Аврупо баҳри аз байн бурдани инкивизатсия ва умуман, аз зери фишори калисои католикӣ озод кардани соҳаҳои мухталифи ҳаёт ва фаъолияту муносибатҳои моддиву маънавии ҷомеа ташаккул ёфтааст»[48].

Дунявият низомест, ки ба қонунҳои ҷомеа асос ёфта, вобаста ба пайдоиши талаботҳои нави иҷтимоӣ ва пешрафти ҷомеа тағйир меёбанд.

[47] Абдулҳаев К.А. Дунявият танҳо ҷудоии дин аз давлат нест [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/articl (санаи истифодабарӣ: 13.12.2022).
[48] Наҷотзода М. Таълимот ва анъанаҳои ҳуқуқи исломӣ оид ба муносибати дин ва давлат аз нигоҳи ниёзҳои имрӯзаи ҳуқуқӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 22.12.2022).

Баръакси низоми динӣ дунявият ба зеҳну тафаккури инсонҳо ва рушди илму техника такя менамояд. Моҳияти низоми дунявиятро зиндагии шоистаи заминии одамон ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои онҳо ташкил медиҳад. Илм дар низоми динӣ ҳамчун илми илоҳӣ фаҳмида шуда, мақсади он на ихтироъкорию кашфиёт ва асоси пешбурди ҷамъият, балки шарҳи аҳкоми динӣ ва таълимоти динӣ ба ҳисоб меравад, ҷаҳонбинии динӣ ғайр аз ҳақиқати мутлақ дигар намудҳои ҷаҳонбинӣ ва ҳақиқатҳоро қабул надорад.

Давлатҳои дунявии муосир вобаста ба хусусиятҳои миллӣ ва сохтори идоракунӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Кишварҳое, ки бо вуҷуди эътирофи дини расмии давлатӣ, асосан қонунҳои дунявӣ дар он кишварҳо амал мекунанд. Масалан, Британия Кабир, Италия, Испания, Полша ва ғайраҳо;
2. Кишварҳое, ки дар онҳо бо вуҷуди аз давлат ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ байни дину давлат ҳамкориву ҳамоҳангӣ, алалхусус дар умури тарбияи маънавию ахлоқӣ ва барангехтани рӯҳияи миллӣ-ватанхоҳӣ ҳукмрон аст. Дар ин кишварҳо дунявият ба маънии бединӣ ё атеистӣ будан нест ва сарварони ин кишварҳо низ диндорӣ ва эҳтироми худро ба дини кишварашон пинҳон намекунанд. Мактабҳо, расман аз муассисоти динӣ ҷудоянд. Масалан, Франсия, Олмон, ИМА, Россия, Туркия, Ҳиндустон ва ғайраҳо.
3. Собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар он дин ҳамчун муҳити муносибатҳои шахсию хусусӣ аз давлат ҷудо буд, ҷаҳонбинии материалистию атеистӣ тарғиб карда мешуд, рӯҳониёни динӣ дар ҳеҷ як умури давлатдорӣ ҳамкорӣ надошанд[49].

Дунявият ва эъмори давлати дунявӣ натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи таърихии давлатдории миллӣ буд ва он барои наздик сохтани пайравони ҳамаи дину мазҳабҳо ва ноил шудан ба ваҳдати миллӣ заминаи ҳуқуқӣ

[49] Ниг.: Дунявият ва татбиқи назарияи дунявӣ дар ҷомеаи тоҷикӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://osiyoavrupo.tj › item (санаи истифодабарӣ: 14.12.2022).

бунёд кард. Принсипҳои дунявият ва мувозинати дину давлат дар давлатдории тоисломии гузаштагони халқи тоҷик, махсусан, давлатдории Пешдодиён, Ҳахоманишҳо ва Сосониён ба мушоҳида мерасанд. Ҳарчанд ҷунбиши дунявият дар таърихи навини Аврупо пайдо шудааст, аммо унсурҳои сохтори дунявиятро дар таърихи кишварҳои Шарқи Қадим дарёфт кардан мумкин аст. Дар замони ҳукумронии сулолаи Ҳахоманишҳо Куруши Кабир (асри VI п.м.), ки сарзамини фарохро идора менамуд, нисбат ба дину оини халқҳои зери салтанати худ бо эҳтирому ғамхорӣ муносибат мекардааст. Дар сарзамини Ӯ озодии ақида ва виҷдон вуҷуд доштааст ва ҳамаи динҳоро давлат ҳимоя мекардааст.

Маҳз ба шарофати Куруш илму фарҳанги ориёӣ ба ҷомеаҳои гуногуни дуру наздик интиқол ёфта, байни қавмҳои онвақта робитаҳои фарҳангӣ таҳкиму густариш меёбад. «Шоҳи Бобул Бухтунаср дар ибтидои садаи VI то милод давлати яҳудиёнро забту пароканда карда, ибодатгоҳаш Байтулмуқаддасро, ки паёмбари сомиён ва мусулмонон Иброҳим асос гузошта буд, пурра вайрон кард ва яҳудиёнро ғуломи бобулиён намуд. Яҳудиён интизори масеҳе буданд, ки онҳоро аз ғуломии бобулиён наҷот бахшад. Дар соли 538 то милод Куруши Кабир Бобулро ба тасарруфи худ дароварда, яҳудиёнро аз ғуломӣ раҳо намуд, давлати онҳоро барқарор кард ва Байтулмуқаддасро аз нав на танҳо барқарор, ҳатто бештар ободу хуррам сохт, дар қаламрави давлатдории худ адлу инсоф, баробарию озодии дину виҷдон ва баробарии халқу мазҳабҳоро дар амал татбиқ намуд... Ба ҳамин сабаб, Куруш дар адабиёти динии яҳудиён ба ҳайси Масеҳ (наҷотдиҳанда) ва фиристодаи Худованд шинохта шудааст»[50].

Куруши Кабир пас аз забти Бобул онро хароб накард, балки эъломияе паҳн намуд, ки бо номи «Устувонаи Куруш» машҳур аст ва онро нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар меноманд. Дар ин ҳуҷҷати

[50] Нурулҳақ Қ. Назари тоза дар бораи Куруши Кабир [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article/ (санаи истифодабарӣ: 23.12.2022).

таърихӣ эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандон ҳимоят гардидааст. Куруши Кабир дар ин эъломияи худ чунин иброз доштааст: «Манам Куруш – шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи неруманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер, шоҳи Акад, шоҳи чаҳор мамлакат, писари Камбузиё – шоҳи бузург, навосаи Куруш, шоҳи бузург аз шохаи салтанати абадӣ, ки салтанаташ мавриди таваҷҷуҳи Худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст... Вақте ки бе ҷангу ҷидол вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул бо сафири салтанат нишастам. Мардук –Худои Бобул дилҳои наҷиби мардуми Бобулро мутаваҷҷеҳи ман кард, зеро ӯро ман муҳтарам ва гиромӣ доштам. Лашкари бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин воридояд. Вазъи дохилии Бобул ва амкинаи муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳама мардум ба парастиши Худои худ озод бошанд ва бединонро наёзоранд. Худои бузург аз ман хурсанд шуд ва ба ман, ки Куруш ҳастам ва ба Писарам Камбузиё ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳе, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз Дарёи боло ба Дарёи поён ва подшоҳони Ғарб тамоман хироҷи сангин оварданд ва дар Бобул ба пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то ба Ошур ва аз Шум ва Акад… ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маобидро ба ҷойҳои худ баргардонанд, то ҳамеша дар он ҷой муқим бошанд. Аҳолии ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва манозили онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва Худоёни Сумеру Акадро гардонидам, сулҳу оромиро ба тамоми мардум ато кардам»[51].

То истилои араб дар Осиёи Марказӣ сарзамини аҷдодии тоҷикон намояндагони динҳои гуногун: насрония, буддоия, зардуштия, яҳудия, монавия, маздакия ва ғайраҳо озодона амал мекарданд. Дар дини

[51] Табаров Н. Куруши Кабир [манбаи электронӣ]. URL: https://tajsohtmon.tj/tj/tojikiston/farzonadarzandon/12445-kurushi-kabir.html (санаи истифодабарӣ: 15.03.2023).

Зардуштия ва китоби муқаддаси он иҷрои корҳои дунявӣ ва машғул шудан ба касбу ихтисосҳои дунявӣ амалҳои муқаддас ҳисобида мешуданд. Асри X дар Самарқанду Бухоро ҷамоаҳои зардуштӣ (муғон), насрониён, монавиён ва маздакиён зиндагӣ мекарданд[52]. Диншиноси маъруфи тоҷик Ш. Абдулло дар ин бора чунин менависад: «Дар муқоиса ба олами масеҳӣ, ки ҳудуди ҳазор сол яккаҳукумронии ин дин омили ақибмонии илмию фарҳангӣ гардид, дар олами ислом, алалхусус, дар қаламрави давлати Сомониён аз ин нодиртарин давра аз лиҳози гуногунии ақидаву афкор ва асосан, ҳамроҳ бо таҳаммули мазҳабию динӣ буда. Ин худ омили рушду такомули илму фарҳанг ва афкори динию мазҳабӣ, алалхусус равнақи илму фалсафа ва зуҳуроти шахсиятҳои барҷастаи тамаддуни исломӣ, чун Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ва даҳҳо нафари дигар гардид. Чунин вазъият дар олами масеҳӣ танҳо пас аз наҳзати реформатсия ва ба майдони иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ омадани неруи тозанафаси динӣ – равияи протестантӣ имконпазир гардид»[53].

Суннати таҳаммулгарой дар аҳди Сомониён низ идома меёбад, мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ дар Осиёи Марказии давраи Сомониён низ пайравони динҳои гуногун то ба сари ҳокимият омадани сулолаҳои турку муғул озодона дар канори якдигар кору зиндагӣ мекарданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала чунин ибрози назар менамояд: «Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон ҳамеша иттиҳоду ягонагии аҳли ҷомеа ва фалсафаи таҳаммулгароиро тарғибу ташвиқ намуда, бо намояндагони дигар халқу миллатҳо, дину оин ва фарҳангҳо муносибати некбинона доштаанд. Ин маънӣ ҳанӯз се ҳазор сол пеш дар китоби муқаддаси ниёгони мо Авасто ба таври зайл омадааст: «Мо сулҳу

---

[52] Ниг.: Бартольд, В.В. Сочинения. Т. II, часть 1. Общие работы по истории Средней Азии. Работы по истории Кавказа и Восточной Европы. Монография / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – С. 122.

[53] Шерзод, А. Вазъияти динию мазҳабӣ дар аҳди Абуалӣ ибни Сино / А. Шерзод // Тезисҳои маърӯзаҳои конфренсияи байналмилалии илмӣ «Абӯалӣ ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (6-7 сентябр) – Пажуҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоуддинови АИ ҶТ. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 6-7.

саломатиро меситоем, ки ҷангу ситезаро дарҳам бишканад... Бишавад, ки мо бо ҳамаи ростону дурустон, ки дар саросари кишварҳо ҳастанд, ҳамкору анбоз бошем ва ба якдигар муҳаббату ёрӣ намоем». Қабул гардидани аввалин «Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир», ки то имрӯз моҳияти худро гум накардааст, далели равшани фалсафаи таҳаммулгароии ниёгони мо ва эътирофи ваҳдати миёни халқу миллатҳо ва дину мазҳабҳо аз ҷониби онҳо мебошад. Масалан, намояндаи барҷастаи фарҳанги миллии мо Ҷалолуддини Балхӣ, ки яке аз поягузорони мактаби фалсафаи ваҳдати умумиинсонӣ мебошад, худро на тарсову яҳуд, на габру мусулмон, на шарқиву ғарбӣ, балки як инсони ҳамаро фарогир ҳисобидааст, ки ин баландтарин ифодаи башардӯстӣ, омили рафъсозандаи низоъҳои минтақавӣ, қавмӣ ва фарҳангиву динӣ мебошад»[54].

Дар даврони ҳукумронии сулолаи Сомониён муносибатҳои дину давлат бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда шуда, намунаи олии давлатдории дунявӣ пайдо мешавад, ки тамоми корҳои дунявӣ тавассути девонҳо танзим мегаштанд. Бо ин сабаб, хилофати арабӣ аз давлатдории Сомониён мухолифат нишон дода, ҳама гуна ҳаракатҳои миллиро хатар ба арзишҳои динӣ меҳисобиданд. Сомониён барои нигоҳдошти фарҳанги тоисломии халқи тоҷик тамоми тадбирҳои заруриро меандешиданд.

Унсурҳои дунявият ва озодии виҷдон дар давраи Эҳёи Аврупо пурмазмун гардида, ташаккул меёбад, дар ин давра низоми арзишҳои дунявӣ шакл мегиранд, назарияҳои илмӣ пешниҳод мегарданд. Аз асри XIV оғоз гардида, дар Аврупо кушиши аз таъсири калисо халос кардани тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ дарк карда мешаванд. Аммо ғояҳои дунявият ва озодии виҷдон ба асри XV ва паҳнгардии Ҳаракати ислоҳотхоҳии Аврупо рост меояд. Яке аз асосгузорони ин ҳаракати иҷтимоӣ М. Лютер (1483-1546) бо пайравони худ равияи

[54] Суханронӣ ба ифтихори 15- солагии ба имзорасидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 26.06.2012 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/2195 (санаи муроҷиат: 24.03.2022)

протестантизмро тақвият дода, ба ҳукумронии мутлақи калисои католикӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ хотима гузоштанд. Дар ин бора М. Лютер чунин менависад: «... ҳама гуна қонуне, ки ҳокимияти худро ба виҷдони инсон бор кардан мехоҳад, на танҳо ҳуқуқ Худоро зери шубҳа қарор медиҳад, балки кори бисёр зишт ва беҳудаеро амалӣ мегардонад, зеро ҳеҷ касро ба эътиқод зӯран маҷбур намудан мумкин нест»[55]. М. Лютер пайваста таъкид кардааст, ки ҳар як инсон мустақилона ва бе миёнаравии Падари рӯҳонию Калисо бо худо дар иртибот шуда, ибодати худро ба анҷом расонида метавонад. Маҳз ин ақидаҳо барои озод шудани давлат аз зери таъсири фарогири дин ва тобеъ гаштани ташкилотҳои динӣ ба давлати дунявӣ замина гузоштанд.

Дар ташаккули тафаккури дунявӣ ва коҳиш ёфтани ҷойгоҳи дин дар ҷомеа кашфиётҳои илмӣ-табиатшиносии Давраи Нави Аврупо, махсусан, кашфи қонунҳои табиат, аз тарафи мутафаккирони бузурги Аврупо Ф. Бэкон (1561–1626), И. Нютон (1642–1727) ва дигарон мусоидат намуданд. Пешрафти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва фалсафӣ имконият дод, ки донишмандони дунявӣ дар баробари рӯҳониёни динӣ мақоми худро пайдо намоянд. Таълимоти фалсафии бузургтарин донишмандони ҷомеашиносони Аврупоӣ, мисли Т. Гоббс, Д. Юм, Ф.М. Волтер, Ж.Ж. Руссо, Ш. Монтеске, К.А. Гелветсий, Д. Дидро, Ҷ. Локк, Э. Кант арзишҳои дунявиро тарғиб намуда, барои рушди илм ва ҷудоии дин аз ҳокимияти сиёсӣ заминаҳои ғоявиро гузоштаанд.

Минбаъд дар кишварҳои аврупоӣ ба илму дониш ва ақлу хирад бартарӣ дода шуд, ҳамзамон дину мазҳабҳои гуногун дар фазои озод дар доираи қонунҳои давлати дунявӣ амал мекунанд. Мутафаккири англис Ҷ. Локк (1632-1704) масъалаи озодии виҷдонро хеле амиқ баррасӣ намудаст. Ба ақидаи донишманд, озодии виҷдон барои ҳамгироии ҷомеа мусоидат намуда, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми эътиқоди бегонаро дар идораи давлатӣ ва режими сиёсӣ имконпазир мегардонад, дар натиҷа

[55] Лютер, М. Избранные произведения / М. Лютер. Перевод и комментарий: К. С. Комаров, Ю. А. Голубкин, Ю. М. Каган. – СПб.: Андреев и Согласие, 1994. – 430 с.

шахс зери таъсири озодии виҷдон нисбат ба давлат накухоҳ ва таҳаммулпазир мегардад[56].

Асосгузори фалсафаи позитивизм Огюст Конт (1798-1857) ба муқобили илоҳиёт баромада, зинаи аввали рушди ҷомеаро давраи теологӣ номидааст. Ӯ зарурати бунёди дини наверо пеш мегузорад, ки ба тараққиёти ҷомеа равона гардида бошад ва калисоро дар руҳи зидди инқилобӣ аз нав тарбия намояд. О. Конт вобаста ба ин масъала чунин менависад: «Дар асрҳои миёна принсипҳои умумии рафтори ахлоқӣ ва сиёсӣ тавассути дин тасдиқ карда мешуд... Позитивизм ниҳоят ба дини ҳақиқӣ табдил меёбад, ягона комил ва воқеист, бар тамоми низомҳои нокомил ва муваққатӣ, ки аз теологизми аслӣ бармеоянд, пирӯз мебароянд»[57].

Сотсиологи англис Г. Спенсер (1820-1903) динро ҳарчанд ба бовари алоқаманд медонад, аммо дар он неруи ҳамгироиро дидааст, «ҳарчанд баъзе эътиқодҳои мавҷуда нотавон бошанд ҳам, далелҳои дар дифои онҳо овардашуда ҳарчанд бемаънӣ бошанд ҳам, мо набояд ҳақиқатеро фаромӯш кунем, ки ба эҳтимоли зиёд дар онҳо пинҳон аст»[58]. Ба ақидаи сотсиолог дар мавҷудияти эҳсоси динӣ, новобаста аз пайдоиши он, далелҳои барои низоми иҷтимоӣ аҳамиятноки ба таҷриба дастраснабуда вуҷуд дорад ва бо ин сабаб дар ҷомеа бояд ҳамеша барои дин ҷойи муайяне гузошта шавад, зеро ҳамчун институти иҷтимоӣ вазифахои хосу мушаххасеро иҷро мекунад ва «давлат бояд низоми таълими диниро таъсис ва нигоҳ дорад»[59].

Равиши сотсиологии таҳқиқи дин ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ба ҷомеашиносони классикӣ Э. Дюркгейм, М. Вебер ва К. Маркс тааллуқ дорад, ки онҳо динро пеш аз ҳама хаёлоти инсон ва зуҳуроти субъективӣ номидаанд. Сотсиологи франсуз Э. Дюркгейм (1858-1917) дар асараш

[56] Ниг.: Локк Дж. Сочинения. / Дж. Локк. ред. И.С. Нарский, А.Л. Субботин. Т. 2. – М.: Мысль, 1985. – С. 132.
[57] Конт, О. Общий обзор позитивизма / О. Конт. Пер. с фр. / Под ред. Э. Радлова. Изд. 3-е. – М.: Либроком, 2012. – С. 150.
[58] Спенсер, Г. Синтетическая философия / Г. Спенсер. Пер. с англ. – К.: Ника-Центр, 1997. – С. 17.
[59] Спенсер, Г. Социальная статика / Г. Спенсер. Пер. с англ. – К.: Гама-Принт, 2013. – С. 305.

«Шаклҳои ибтидоии ҳайёти динӣ» қайд кардааст, ки то пайдоиши ҷомеаи саноатӣ дин ва маросимҳои динӣ ҳамфикрии иҷтимоиро таъмин мекарданд, аммо дар ҷомеаи саноатӣ нақши институтҳои динӣ дар ҷомеа кам мегардад.

Ба ақидаи сотсиолог дин ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ тасаввуроти коллективӣ буда, воқеият ва таҷрибаи коллективиро инъикос менамояд ва барои ҳамраъйии одамон хизмат менамояд. Э. Дюркгейм динро чунин тасвир кардааст: «дин як низоми ягонаи эътиқод ва урфу одатҳоест, ки ба муқаддасот, яъне чизҳои ҷудогона ва мамнуъ марбут аст; эътиқод ва амалҳое, ки ҳамаи пайравон дар як ҷамоаи ахлоқие бо номи калисо муттаҳид мешаванд»[60]. Мутафаккир бовар дошт, ки бо рушди ҷомеа таъсири дин ба одамон заиф мегардад ва динҳои анъанавиро хавфи азбайнравӣ таҳдид менамояд.

Яке аз асосгузорони сотсиологияи дин сотсиологи олмонӣ М. Вебер (1864-1920) дар китоби «Ахлоқи протестентӣ ва рӯҳи капитализм» ба омӯзиши мақоми дин дар ҷомеаи тағйирёбанда машғул шуда, нақши онро ба ҳаёти ҷаъмиятӣ ошкор кардааст. Ба андешаи донишманд шарҳи динӣ яке аз роҳҳои ба даст овардани донишҳо дар бораи олам ва фаҳмида гирифтани маъноҳои бисёри воқеияти гирду атроф мебошад. М. Вебер ба ин бовар аст, ки имондорӣ меъёрҳои танзимёфтаи ахлоқиро ба вуҷуд оварда, ҳамчун неруи водоркунандаи амалӣ иҷтимоӣ ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда баромад карда метавонад. Шарҳи классикии мафҳуми «дунявият» дар асарҳои М. Вебер «Ахлоқи протестантӣ ва рӯҳи капиталистӣ», «Иқтисодиёт ва ҷомеа» таҳқиқ гардидааст.

М. Вебер ба консепсияи марксистии материализми таърихӣ муқобил баромада, аҳаммияти таъсири мадании динро қайд намуда, пайдоиши шакли сармоядории хоҷагидориро дар дин ҷустуҷӯ кардааст. Донишманд алоқамандии дин ва тағйироти иҷтимоиро таҳқиқ намуда,

---

[60] Дюркгейм, Э. Элементарные формы религиозной жизни: тотемическая система в Австралии / Э. Дюркгейм; пер. с фр. А. Апполонова и Т. Котельниковой; под науч. ред. А. Апполонова. – М.: Дело, 2018. – С. 96-97.

неруи ҳаракатдиҳандаи динро омили дигаргуниҳои ҷомеа номидааст ва қайд намудааст, ки маҳз протестантизм барои рушди сармоядории Ғарб замина гузоштааст. Ба андешаи ӯ, меъёрҳои ахлоқии динӣ ба хусусият ва тарзи ба амал баровардани ҳавасмандии фаъолияти иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба ақидаи мутафаккир «мушоҳидаи амалияи ҳаррӯзаи капитализми ҳозира нишон медиҳад, ки алоқаи байни қобилияти ба истеҳсолоти капиталистӣ мутобиқ шудани одамон ва майли динии онҳо дар ибтидои тараққиёти капиталистӣ бешубҳа асоснок аст»[61].

Дар асрҳои XIX дунявият бисёре аз вазифаҳои танзимнамоии иҷтимоии динро ба худ гирифт, ба бисёрандешӣ ва ҳамзистии таҳаммулпазиронаи динҳои зиёд дар як фазои иҷтимоӣ заминагузорӣ намуд, дар муносибати дин ва давлат дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуқуъ пайвастанд. Гегел дар асараш «Фалсафаи ҳуқуқ» ба масъалаи муносибати дин ва давлат дахл карда, таъкид менамояд, ки бояд ба давлат афзалияти бештар дода шавад. Мутафаккир дар ин масъала чунин навиштааст: «Аз он одамоне, ки Худоро меҷӯянд ва ба ҷои касбу маърифати донишҳо ва ҳуқуқу вазифаҳои объективӣ, худро бо ин ақидаи бесаводонаи худ бовар мекунонанд, ки онҳо ҳама чизро мустақиман доранд – аз ин тоифа одамон танҳо вайрон шудани ҳама гуна муносибатҳои ахлоқӣ, корҳои бемаънӣ ва рафторҳои зиштро интизор шудан мумкин аст; инҳо оқибатҳои ногузири тафаккури динӣ мебошанд, ки танҳо ба шакли худ пофишорӣ мекунад ва ба ин васила бо воқеият ва ҳақиқате, ки дар шакли қонунҳои куллӣ вуҷуд дорад, мухолифат мекунад»[62]. Гегел боисрор таъкид менамояд, ки «дин набояд ҳукмрон бошад»[63]. Ба ақидаи Гегел дар байни дин ва давлат муносибатҳои судманд вуҷуд дошта метавонанд, ки дар натиҷаи ҳамзистии осоиштаи дин ва давлат накуаҳволии ҷомеа таъмин карда мешавад.

---

[61] Вебер, М. Избранные произведения / М. Вебер. Пер. с нем. / Сост., общ. ред. и послесл. Ю. Н. Давыдова; Предисл. П. П. Гайденко. – М.: Прогресс, 1990. – С. 83-84.
[62] Гегел Г.В.Ф. Философия права / Г.В.Ф. Гегел. Перевод Б.Г. Столпнера. – М.: Соцэкгиз, 1934. – С. 280-281.
[63] Гегел Г.В.Ф. Философия права…– С. 292.

Файласуф, иқтисодшинос ва сотсиологи олмонӣ К. Маркс (1818-1883) динро ҳамчун як навъи инъикоси ҳастии ба шароити моддии ҷамъият алоқаманд номидааст, «на дин одамро, балки одам динро меофарад, яъне дин худшиносӣ ва худшиносии шахсест, ки ҳанӯз худро наёфтааст ва ё аллакай худро дубора гум кардааст... Дин афюни халқ аст»[64]. Андешаҳои К. Маркс аз ҷониби пайрави ӯ Ф. Энгелс (1820-1895) такмил дода мешавад ва ӯ дар асараш «Моҳияти дини насронӣ» чунин навиштааст: «ҳар дин ҷуз як инъикоси афсонавӣ дар зеҳни одамон он қувваҳои беруна, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо бартарӣ доранд, чизи дигаре нест – инъикосе, ки дар он қувваҳои заминӣ шакли ғайризаминиро мегиранд»[65].

Ба ақидаи донишманд дин маҷмуи арзишҳоест, ки одамон дар ҷараёни рушди фарҳангии худ таҳия кардаанд, аммо ба таври хато ба қувваҳои илоҳӣ ё худоён мансуб мешаванд. Азбаски одамон таърихи худро пурра дарк карда наметавонанд, онҳо одатан арзишҳо ва меъёрҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ доранд, бо фаъолияти худоён шарҳ медиҳанд.

Сотсиологи дигари классик П. Сорокин (1889-1968) низ динро падидаи иҷтимоӣ номида, ба вазифаи танзимнамоии он махсус ишора кардааст. Ба ақидаи сотсиолог «ҳар дин ва ҳар як падидаи динӣ, аввалан, аз як силсила фикрҳо, эҳсосот ва таҷрибаҳо ва дуюм, аз силсилаи рамзҳо, дуоҳо, курбониҳо, нишонҳо, чизҳои муқаддас ва ғайра иборат аст, ки дар маҷмуъ маросими динӣ номида мешавад»[66]. Донишманд манъкуниҳои диниро роҳнамои рафтори одамон меҳисобад, ки дар ҳар як дин то ҷузъиёти хуртарини рафтору фаъолияти одамон пешакӣ муайян карда шудаанд.

Дин, масъалаҳои дунявият ва таҳсилоти динӣ дар таълимоти сотсиологи англис Э. Гидденс (соли таваллуд 1938) хеле амиқ таҳқиқ гардидааст. Мувофиқи нуқтаи назари сотсиолог «дин маҷмуи муайяни

[64] . Маркс К. К критике гегелевской философии права. Введение // К. Маркс, Ф. Энгельс Сочинения, т. 1. – М.: Политиздат, 1955. – С. 414-415..

[65] Энгельс Ф. Анти-Дюринг // К. Маркс, Ф. Энгельс Сочинения, т. 20. – М.: Политиздат, 1955. – С. 328.

[66] Сорокин П.А. Человек. Цивилизация. Общество / П.А. Сорокин. Общ. ред., сост. и предисл. А. Ю. Согомонов: Пер. с англ. – М.: Политиздат, 1992. – С. 46.

рамзҳо буда, дар диндорон эҳсоси эҳтиром ва тарсро бедор мекунанд. Ин рамзҳо дар маросимҳое, ки аз ҷониби ҷомеаи имондорон гузаронида мешаванд, ҷойгоҳи махсус доранд»[67]. Э. Гидденс муҳимтарин масъалаи сотсиологияро дар асри XX масъалаи секуляризм номида буд, ки дар ин раванд «дин ботадриҷ қувваи худро гум менамояд»[68] ва таъсири худро ба дигар соҳаҳои ҷамъият аз даст медиҳад.

Яке аз консепсияҳое, ки таносуби дунявият ва диниятро дида мебарояд, секуляризм ном дорад, ки мувофиқи ин консепсия дигар дин дар ҷомеаи муосир омили ягонаи муттаҳидкунанда набуда, торафт мақоми муайянкунанда ва аҳамияти иҷтимоии худро дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз даст медиҳад. Секуляризм маънои азбайнравии динро надошта, балки аз даст додани мақоми иҷтимоӣ ва аҳамиятнокии дин дар ҷомеаро ифода менамояд. Ин падида ба давлатҳои рӯ ба инкишоф бо технологияи пешқадам, санъат, демократия ва муд ворид мегардад.

Зуҳуроти секуляризм дар сотсиологияи муосир аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ П. Бергер, Б. Уилсон, Е.С. Элбакян, Д.А. Узланер ва дигарон таҳқиқ гардидааст. Ҳарчанд бештари ҷомеашиносон ҷиҳатҳои мусбати ин зуҳуротро махсус қайд намудаанд, аммо классикони назарияи секуляризатсия П. Бергер, Б. Уилсон Р. Уорнер ва дигарон секуляризатсияро хатари таназзулёбии маънавиёт ва тартиботи иҷтимоӣ номидаанд. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Р. Уорнер ақида дорад, ки раванди секуляризатсия раванди азбайнравии дин нест, баръакс ба бисёрандешии динӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, сифат ва дараҷаи дин ҳамчун институти иҷтимоӣ беҳтар мегардад, зеро талабот ба эътиқоду дин барои инсон муҳимтарин талаботи маънавӣ буда, ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад[69].

---

[67] Гидденс, Э. Социология [Текст] / Э. Гидденс. Науч. ред. В.А. Ядов. – М.: Эдиториал УРСС, 1999. – С. 424.

[68] Гидденс, Э. Основные понятия в социологии / Э. Гидденс, Ф. Саттон. Пер. с англ. Е. Рождественской, С. Гавриленко; под науч. ред. С. Гавриленко. – М.: Высшая школа экономики, 2018. – С. 141.

[69] Ниг.: Чернышкова З.Е. Светское и религиозное: новые формы взаимоотношений в современном обществе. [манбаи электронӣ]. URL: С. 168 https://elar.urfu.ru/bitstream/10995/30861/1/puern (санаи истифодабарӣ: 28.01.2023).

Ҳоло дар илми сотсиологияи асри XXI баробари назарияи секуляризм назарияҳои наве марбут ба муносибати дунявият ва дин пайдо мешаванд, ки яке аз ин назарияҳо бо номи постсекуляризм ё «бозгашти дин» (десекуляризатсия) ном дорад. Постсекуляризм маънои бозгашти ҷомеа ба дин ва ба охир расидани давраи ҳукумронии секуляризмро дорад, ки дар натиҷа илм ва дин бо ҳам муросо намуда, дунявият то ба охир мавҷудияти худро устувор намуда, барои рушди дин шароитҳои мусоид фароҳам меояд. Постсекуляризмро вокуниши ҷомеа ба бухрони маънавӣ, нигилизми дунявӣ ва як навъи «эҳёи динӣ» номидаанд.

Яке аз ҷонибдорони назарияи постсекуляризм файласуф ва сотсиологи олмонӣ Ю. Хабермас мебошад. Ӯ дар ин бора чунин навиштааст: «Секуляризатсияи ҳокимияти давлатӣ посухи муносиб ба ҷангҳои динии ибтидои давраи Нав буд... Дар аксари мавридҳо, чун ҳокимияти давлатӣ характери секулярӣ пайдо кард, ҳуқуқҳои дар ибтидо танҳо ақаллиятҳои динии таҳаммулпазир тадриҷан васеъ мешуд. Пас аз озодии динӣ, онҳо озодии эътиқодро ба даст оварда, дар ниҳоят, ҳуқуқи баробар ба амалҳои озодонаи ибодати динӣ гирифтанд»[70]. Ба андешаи намояндагони ин равия ҷомеаи постсекулярӣ чунин шакли ҷамъиятиест, ки идеяҳои динӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ васеъ истифода мегарданд.

Мувофиқи назарияи постсекуляризм дар асри XXl аз нав ба ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан, ба соҳаи сиёсат бармегардад, институтҳо ва ташкилотҳои динӣ аз нав неруманд гардида, мақоми рӯҳониён дар ҷомеа меафзояд, аҳолӣ аз нав ба дин рӯ меоранд ва шуури динии аҳолӣ ташаккул меёбад. Масалан, пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди шуравӣ ин раванд дар аксарияти давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба мушоҳида расид ва то ҳол идома дорад. Ҳатто дар Тоҷикистон ҳувияти динӣ яке аз унсурҳои асосии ҳувияти миллии аксарияти

[70] Хабермас Ю. Постсекулярное общество – что это? / Ю Хабермас // Российская философская газета. – 2008. – №4. – С. 2.

шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа М.М. Мчедлова «дин танҳо кори шахсии шахс буданро аз даст дода, боз ба сиёсат, ба фазои ҷамъиятӣ ва дар шаклу вариантҳои гуногун баргашт: аз фаъолияти созандаи хайриявӣ ва кори иҷтимоӣ то стратегияҳои сиёсии ифротгароию террористӣ, аз мақоми маънавӣ то шаклҳои институтсионалии фаъолияти сиёсӣ»[71].

Баъзе аз донишмандон, масалан, Ж. Корм ақида дорад, ки бозгашти дин ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва раванди десекуляризатсия зарурати фарҳангӣ, як навъ истодагарӣ ва вокуниш ба раванди паҳншавандаи азнавсозӣ ва ҷаҳонишавӣ мебошад, зеро раванди ҷаҳонишавӣ ба азбайнравии ҳувият ва фарҳанги миллии халқу миллатҳои ҷаҳон таҳдид намуда, монандсозии фарҳангҳоро ба вуҷуд овардааст. Махсусан, давлатҳои мусулмоннишин, барои ҳифзи фазои фарҳангии худ аз таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҷустуҷӯйи ҳувияти миллӣ рӯ оварданд ва дар натиҷа, ба ҳувияти динии худ, ки ба ҳувияти миллӣ алоқамандии зич дорад, такя намуданд.

Ж. Корм навиштааст, ки «болоравии фундаментализми исломӣ бо сохтори ҳувияташ танҳо як вокуниши сиёсии зидди Ғарб аст»[72]. Ё ин ки Ж.П. Таранюк ақида дорад, ки ҷамъият ба дин на ҳамчун ба сарчашмаи маънавиёт, балки ҳамчун воситаи муқовимат ба неруи харобсозандаи ҷаҳонишавӣ ва азнавсозӣ баргашт. Дар натиҷа, «боварӣ ба миллат, ғояи миллӣ, ҳатто худи дин»[73] пайдо шуда, мустаҳкам гардид ва зуҳуроту ҳаракатҳои нави динӣ ба саҳнаи ҳаёти иҷтимоӣ ворид гардиданд.

Дигар назарияе, ки раванди ҳамтаъсиррасонии дин ва дунявиятро шарҳ медиҳад, назарияи «муосирияти сершумор» ном дорад, ки аз ҷониби сотсиологи амрикоӣ Ш. Эйзенштадт (1923-2010) пешниҳод

[71] Мчедлова, М.М. Современные параметры возвращения религии: ракурсы проблемы / М.М. Мчедлова // Вестник Института социологии. – 2012. – №4. – С. 16.
[72] Корм, Ж. Религиозный вопрос в XXI в. Геополитика и кризис постмодерна / Ж. Корм. – М.: Ин-т общегуманит. исследований, 2012. – 284 с.
[73] Таранюк, Ж.П. Секуляризация и десекуляризация: проблемы взаимодействия процессов / Ж.П. Таранюк // Секуляризм и религиозная свобода- противостояние или партнерство: материалы научно-практической конференции. – М., 2013. – С. 254-259.

гардидааст[74]. Ш. Эйзенштадт масъалаи азнавсозиро дар ҷомеаи анъанавӣ ва давраи гузариш таҳқиқ намуда, онро ба хусусиятҳои иҷтимоӣ-таърихӣ ва натиҷаҳои инқилоб дар давлат алоқаманд медонад. Ба андешаи донишманд азнавсозӣ раванди ягона ва якранг набуда, дар маданиятҳо ва давлатҳои гуногун бо роҳҳои мухталиф амалӣ гашта метавонад, азнавсозии ғарбӣ як гунаи азнавсозӣ мебошад. Барои он ки ба донистани ҷаҳони муосир бояд сершумории барномаҳои фарҳангӣ ва намунаҳои фарҳангии азнавсозиро дарк кардан зарур мебошад.

Ш. Эйзенштадт тасдиқ менамояд, ки азнавсозӣ асосан тавассути зиддиятҳо, низоъҳо ва инқилобҳо суръат мегирад ва ҷаҳонро тағйир медиҳад. Маҳз дин унсури муҳимтарини фарҳанг буда, шакли азнавсозӣ ва секуляризатсияи ҷомеаҳои мухталифро муайян менамояд[75]. Назарияи муосирияти сершумор имконият медиҳад, ки ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи муосир шарҳ дода шавад ва навъҳои гуногуни дунявият дар доираи анъанаҳои фарҳангӣ-таърихии давлатҳои мухталиф ташаккул ёфта, зери таъсири воқеияти иҷтимоӣ доимо тағйир ёбад. «Илова бар ин, ин парадигма мафҳумҳои гуногуни назариявӣ ва амалии дунявиятро дар бар мегирад, ки дар асоси принсипҳои гуногуни идеологӣ ва сиёсӣ асос ёфта, метавонанд бо ҳам рақобат карда, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ифода кунанд»[76].

Сотсиологи амрикоӣ Р. Инглхарт (1934-2021), асосгузори назарияи постматериализм ва назарияи таҳаввулоти азнавсозӣ дар китобаш «Таҳаввулоти фарҳангӣ. Чӣ гуна мақсадҳои одамон тағйир меёбанд ва чӣ гуна ин ҷаҳонро тағйир медиҳад» қайд кардааст, ки арзишҳо ва рафтори одамон аз бехатарии мавҷудияти онҳо вобастагӣ дорад, арзишҳои иҷтимоӣ дар таърих бо шарофати боло рафтани сатҳи

---

[74] Ниг.: Эйзенштадт, Ш. Революция и преобразование обществ: Сравнительное изучение цивилизаций / Ш. Эйзенштадт. – М.: Аспект-Пресс, 1999. – 415 с.

[75] Ниг.: Чернышкова З.Е. Светское и религиозное: новые формы взаимоотношений в современном обществе. [манбаи электронӣ]. URL: https://elar.urfu.ru/bitstream/10995/30861/1/puern (санаи истифодабарӣ: 28.01.2023).

[76] Степанова, Е.А. Секулярность в социально-культурном контексте: пример Дании / Е.А. Степанова // Вестник Санкт-Петербургского университета. Философия и конфликтология. – 2019. – №1. – С. 209-221.

бехатарии экзистенсиалӣ рушд ёфтаанд. Талабот ба бехатарии мавҷудият дар давоми асрҳо ба ҳамгироӣ ва ҳамраъйии иҷтимоӣ мусоидат намудааст, баръакс, баланд гардидани сатҳи бехатарии мавҷудият ба тағйирот ва ғояҳои нав роҳ кушодааст.

Ба ақидаи Р. Инглхарт дар давлатҳое, ки сатҳи баланди бехатарии экзистенсиалиро таъмин карда тавонистаанд, сатҳи диндории аҳолӣ коҳиш ёфта, арзишҳои дунявӣ рушд кардаанд. Маҳз амнияти экзистенсиалӣ ба тағйироти фарҳангӣ, пайдоиши ҳаракатҳои ҳифзи муҳити зист, паҳнгардии демократия, секуляризатсия, таҳаммулпазирӣ, гуногунандешӣ, баробарии гендерӣ, пастравии авторитаризм, коҳиши таваллуд ва дигар арзишҳои нави ҷомеаи муосир сабаб гардидааст. Аммо дар давлатҳое, ки амнияти ҷисмонӣ ва иқтисодии аксарияти шаҳрвандонашон таъмин нест, дар он ҷо сатҳи диндории аҳолӣ боло рафта, онҳо ба дин ҳамчун сарчашмаи кумаки эмотсионалӣ ва моддӣ зарурат доранд[77].

Ба андешаи донишманд М.С. Лайтман шахси дунявӣ ба чунин бовар аст, ки тамоми ҷаҳон зери қонунҳои табиат қарор дорад ва ба ҷуз табиат ва олами атрофи бо илм кашфшаванда чизи дигаре вуҷуд надорад. Донишманд дар ин бора чунин навиштааст: «Муносибати дунявӣ ба зиндагӣ маънои онро дорад, ки ҷаҳонро бояд ба таври ҳастияш, мувофиқи ҳиссиёти худ, бидуни умед ба баъзе қудратҳои болотар, тақдир ва зиндагии пас аз марг қабул кард. Ҳар як падидаи ошкорнашуда ҷуз меваи тахайюл ва фантазияи мо чизи дигаре нест. Равиши дунявӣ равиши воқеӣ аст. Дар дохили он навъҳои зиёде мавҷуданд, ки бо муносибати инсон ба худ ва ҷомеа муайян мешаванд, вале онҳо дигар дар як сатҳ бо фарқияти равишҳои динӣ ва дунявӣ нестанд. Равиши динӣ ба эътиқоди қудрати олӣ асос ёфтааст, ки дунёро офаридааст, барои мо шароитҳо муҳайё намудааст ва мо бояд иҷро кунем. Агар ҳамаи хоҳишҳои як қувваи олиро иҷро кунем, пас сазовори

[77] Ниг.: Инглхарт Р. Культурная эволюция: как изменняются человеческие мотивации и как это меняет мир / Р. Инглхарт; пер. с англ. С.Л. Лопатиной, под ред. М.А. Завадской, В.В. Костенко, А.А. Широкановой, научн. ред. Э.Д. Понарин. – М.: Мысль, 2018. – 347 с.

мукофот мешавем, аммо агар иҷро накунем, ҷазо мегирем. Моҳият он аст, ки одами диндор мавҷудияти қудрати олӣ, нақша, барнома, ҳадафи эҷодиро ба назар мегирад. Ҳамин тариқ, маркази офариниш дигар инсон нест, балки қудрати олӣ, Офаридгор аст»[78].

Ба ақидаи М.С. Лайтман азбаски инсон боварӣ дорад, ки Офаридгор ҳама чизро танзим ва ба тартиб медарорад ва ба рафтори ӯ вокуниш нишон медиҳад, ӯ бояд ҳамеша ҳаёти худро бо қудрати олӣ алоқаманд кунад, яъне худро на вобастаи қонунҳои табиат, балки вобастаи иродаи болотар медонад. Аз ин сабаб, одамон бояд ба қудрати олӣ ибодат кунанд, дархост намоянд, шарм доранд ва аз аъмоли гузаштаашон тавба кунанд. Дар атрофи ин динҳо эътиқодҳои гуногун пайдо шуданд, ки ҳамеша вуҷуд доштанд ва аз байн рафтаанд ё то имрӯз вуҷуд доранд. Дин ба ҷаҳон ва ба инсоният таъсири хеле калон расонд. Дар тӯли ду ҳазор соли охир инсоният зери таъсири дин рушд кард.

Донишманд таъкид менамояд, ки ҳамаи ин динҳо байни худ меҷанганд ва дар байни онҳо муносибати хеле мураккаб вуҷуд дорад ва дар дохили ҳар дин дар навбати худ ҷараёнҳои зиёд пайдо шудаанд, мисли католикҳо, протестантҳо, православҳо дар насронӣ, шиаҳо, сунниҳо дар ислом ва ҷараёнҳои зиёде дар яҳудӣ. «Ҳар як синагог дар Исроил аз якдигар бо ягон роҳ фарқ мекунад, ҳоло оиди низои байни дунявиён ва диндорон ҳоҷати сухан нест, ки зиндагии худро ба тартиб даровада наметавонанд, то ба якдигар халал нарасонанд, вале нуқтаи назари худро ба зиндагии дигарон таҳмил кардан мехоҳанд. Ман намехоҳам доварӣ кунам, ки кадоме аз онҳо дуруст ва кадоме нодуруст аст. Аммо чунин мунoқиша танҳо дар Исроил вуҷуд дорад. Масалан, дар ИМА ва ё дар Аврупо байни диндорон ва дунявият зиддият вуҷуд надорад. Агар шумо яҳудӣ бошед, ҳеҷ кас парво надорад, ки шумо ҳар рӯз, рӯзҳои шанбе ё танҳо дар рӯзҳои ид ба синагог меравед. Яҳудиён дар хориҷа худро ба ҳамон мардум мутаалиқ медонанд, аммо дар Исроил

---

[78] Разница между светским и религиозным подходом [манбаи электронӣ]. URL: https://www.laitman.ru/kabbalah-religion/159977.html (санаи истифодабарӣ: 10.03.2023).

бошад низоъ ба амал меояд, зеро дин аз давлат ҷудо нашудааст ва дар мубориза барои ҳокимият иштирок мекунад»[79].

Мувофиқи нуқтаи назари М.С. Лайтман дин дар Исроил ба минтақаи ҳудуди манфиатҳо ва хоҳишҳои умумии одамон афтидааст ботадриҷ низоъҳои дину дунявият авҷ мегирад ва боиси чунин адоват ва тафриқа мегардад. Ба воситаи дин қувваҳои гуногун барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ мубориза мебаранд. Муборизаи байни равияҳои динии Исроил пеш аз ҳама мубориза барои давлат, барои ҳокимият, барои хазинаи давлат ва ба манфиати худ истифода бурдани ҳокимият мебошад.

Дар замони муосир чор гурӯҳи секуляристон ҳастанд, ки мафҳуми секуляризмро чунин қабул намудаанд:

1. Динро аз реша ботил донистан. Ҳамаи касоне, ки динро ботил медонанд ва арзишҳои онро то ҳадди афсона поин меоваранд, табиатан мухолиф бо роҳёбии дин ба саҳнаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳастанд. Аз назари инҳо, омехтани дин бо масоили иҷтимоӣ монанди омехтани ҳақ бо ботил аст.
2. Ҳудуди динро маҳдуд донистан. Бархе асли динро ҳақ мешуморанд, аммо қаламрави динро дар масоили ахлоқӣ ва фардӣ маҳдуд медонанд, бинобар ин, масоили иҷтимоӣ ҳамчун ҳукумат, иқтисод, мудирият, барномарезӣ ва монанди онро берун аз таълимоти динӣ мешуморанд.
3. Роҳбарияти иҷтимоии динро танҳо ҳақи инсони масъул донистан. Ин гурӯҳ динро ҳақ дониста ва доираи онро шомили масоили иҷтимоӣ низ медонанд. Аммо муътақид ҳастанд, ки роҳбар ва мудири ҷомеа бояд шахси масъул буда, афроди оддӣ бояд тобеи онҳо бошанд.
4. Дахолати дин дар корҳои иҷтимоӣ ва дунявиро сабабгори олудагии дин донистан. Ба ақидаи чунин ашхос бинобар сабаби

[79] Разница между светским и религиозным подходом [манбаи электронӣ]. URL: https://www.laitman.ru/kabbalah-religion/159977.html (санаи истифодабарӣ: 10.03.2023).

муқаддас будани дин набояд он ба сиёсат ҳамроҳ гардад, зеро агар дин ба сиёсат ҳамроҳ гардад муқаддасии худро аз даст медиҳад[80].

Ҳодисаҳои сиёсӣ ва хатарҳои навини ҷомеа дар асри XXI бори дигар собит намуданд, ки аксарияти давлатҳои динӣ ва низомҳои мазҳабӣ ба ифротгароӣ ва терроризм истодагарӣ карда наметавонанд. Маҳдудиятҳои ҷаҳонбинӣ ва тафаккури куҳнапарастии эътиқодмандон, вазъи бозмондаи илм ва техника ба гурӯҳҳои ифротгаро имконият медиҳад, ки дар ин гуна ҷомеаҳо ихтилофот ва зиддиятҳои иҷтимоиро шиддат бахшида, аз эътиқоди динии шаҳрвандон барои амалӣ намудани ҳадафҳои ғаразноки хеш васеъ истифода баранд. «Дар кишварҳои низоми динӣ илм ба фаҳмиши имрӯзааш натавонистааст муваффақ ва комёб бошад. Аз ин ҷост, ки дар тӯли таърих дар чунин ҷомеаҳо мо ба гӯишҳое дучор мешавем, ки ҳамаи асли ҷаҳон ва ҳақиқати илмии он дар китобҳои муқаддас баён гардидааст ва ҳар чи ки ба он мувофиқат накунад, қобили қабул нест ва ҳатман нафароне, ки андешаи дигарро матраҳ карда бошанд, мавриди муҷозот ё инквизитсия қарор гирифта, осорашон сӯзонида шудааст...Тӯли ин ҳазорсола ҳазорон-ҳазор дигарандешону донишмандон мавриди куштору таъқиби рӯҳоният қарор гирифта, аз байн бурда шудаанд. Он чи ки аз замони Ренессанс аврупоиён дарк карданд, ин буд, ки ҷомеаро аз низоми сиёсати динӣ озод намудаанд ва амалан заминаро барои халлоқияти инсонӣ дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёту зиндагӣ гузоштанд. Яъне ҷомеаи дунявиро бино намуда, маънавиёти инсонро аз мутлақияти динӣ озод намуданд, ки муҷиби шукуфоӣ ва рушду тараққии давлату миллатҳояшон гардидааст»[81].

Принсипҳои дунявият чунин хусусиятҳо доранд:

1. Давлат ба ҳуқуқу озодии шаҳрвандон барои интихоби дин ва тобеияти онҳо ба дин, тарбияи кӯдакон аз ҷониби падару модар ва

[80] Ниг.: Носиров Р.Ҳ. Дунявият – яке аз беҳтарин низоми давлат [манбаи электронӣ]. URL: https://anrt.tj/tj/khabar-o/1154-dunyaviyat-yake-az-be-tarin-nizomi-davlat (санаи истифодабарӣ: 01.02.2023).

[81] Дунявият ва низоми сиёсии динӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://opimedia.azureedge.net/-/media/images/utr/editorial/articles/magazine-articles/2008/03-01/faith-in-diplomacy/religion.jpg (санаи истифодабарӣ: 15.12.2022).

ё шахсони ивазкунандаи онҳо дар асоси иродаи динии худ бо назардошти риояи ҳуқуқ ва озодии кӯдакон ба озодии виҷдон ва интихоби дин дахолат намекунад.

2. Давлат ба фаъолияти ташкилотҳои динӣ ба истиснои ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории ҷорӣ дахолат намекунад.
3. Давлат фаъолияти хайриявии ташкилотҳои динӣ, ҳамчунин аз ҷониби онҳо татбиқ намудани барнома ва чорабиниҳои маърифатӣ-равшаннамоиро дастгирӣ менамояд.
4. Давлат ба ташкилотҳои динӣ имтиёзҳои андозсупорӣ ва барои таъмир, беҳдошт ва ҳифзи иншооти фарҳангӣ, таъмини омӯзгорон барои таълими фаннҳои умумӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии аз ҷониби ташкилотҳои динӣ таъсисдодашуда дастгирии моддиву молиявӣ мерасонад.
5. Ба ташкилотҳои динӣ иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро вогузор намекунад.
6. Давлати дунявӣ ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии аъзои ташкилотҳои диниро барои иштирок дар идоракунии корҳои давлат, интихоботи мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодҳои ҷамъиятӣ маҳдуд намекунад[82].

Ба андешаи олимон унсурҳои дунявият дар байни дигар динҳои ҷаҳонӣ бештар дар дини ислом мушоҳида мешавад. Консепсияи дунявият ба мазмуни таълимоти исломӣ мувофиқат намуда, тамоми бузургони исломӣ башариятро ба меҳнат, ташкили зиндагии шоистаю сазоворӣ заминӣ ва ташкили оила ва таваллуди фарзандон даъват менамуданд. Бояд қайд намоем, ки бештари аҳолии мусулмони Осиёи Марказӣ, бахусус шаҳрвандони Тоҷикистон давоми асрҳо мазҳаби Ҳанафияро пайравӣ менамоянд.

---

[82] Ниг.: Мухторов К. Дунявият – масоили таҳким ва дурнамои рушди он дар Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://hgu.tj/news/post/345345436.html (санаи истифодабарӣ: 15.10.2022).

Мазҳаби Ҳанафия бо ақлгароӣ ва кушода будан ба навовариҳо аз дигар мазҳабҳо фарқ намуда, урфу одат ва суннатҳо асоси ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд. «Олимону фақеҳони муосири пайрави мазҳаби ҳанафӣ роҷеъ ба ҳузури унсури дунявият дар ҳаёти сиёсӣ низ масъалагузорӣ карда, дар ин мавзуъ фикру андешаҳои таҳаммулпарварона ва қобили зикрро баён кардаанд. Аз ҷумла, онҳо чунин мешуморанд, ки мафҳуми «давлати дунявӣ» на бо таълимоти сиёсиву иҷтимоии ислом, балки бо таълимоти дини масеҳӣ, алалхусус мазҳаби католикӣ мухолиф мебошад, чунки ин мазҳаб дар тӯли Асрҳои Миёна сиёсати ҳукуматҳои кишварҳои Аврупои Ғарбиро ба зери ҳукми мутлақи калисо гузошта буд»[83].

Дунявият боиси таназзул ва буҳрони ахлоқию маънавии ҷомеа намегардад, давлати дунявӣ истифодагардии динро бо мақсадҳои сиёсӣ пешгирӣ менамояд ва динро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ эътироф менамояд, яъне иттиҳодияҳои динӣ аз ташкилотҳои сиёсӣ ҷудо буда, татбиқи маҷбурии диндорӣ аз байн бардошта мешавад. Ҳарчанд дунявият принсипи ҷудоии дин аз давлатро тарғиб менамояд, аммо дар асл дин аз ҷомеа ҷудо нест, зеро фарҳанги динӣ қисми таркибии фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ҳисобида мешавад. Дар ин масъала диншиноси тоҷик Аҳмадов С. чунин изҳори назар намудааст: «Яке аз масъалаҳое, ки ба татбиқи аслҳои озодии виҷдон, рушди демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсир дорад, ҷудоиҳои ташкилоти динӣ: масҷид ва калисо аз давлат мебошад. Ҷудоии калисо аз давлат дар олами масеҳӣ маънии ҷудоии дин ва давлатро дорад. Ҷудоии дин аз давлат ба маънии ҷудоии дин аз халқу кишвар нест ва ҳатто маънии ҷудоии дин аз сиёсатро надорад. Он асосан ба маънои ҷудоии дин аз ҳокимияти давлатӣ, тобеъ набудани сиёсати он ба дин мебошад»[84].

---

[83] Наҷотзода М. Таълимот ва анъанаҳои ҳуқуқи исломӣ оид ба муносибати дин ва давлат аз нигоҳи ниёзҳои имрӯзаи ҳуқуқӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 22.12.2022).

[84] Аҳмадов С. Озодии виҷдон – рукни муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ / С. Аҳмадов // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 12 декабри соли 2018. – Душанбе: ДМТ, 2018. – С. 39.

Арзишҳои миллӣ танҳо дар ҳамгироӣ бо арзишҳои динӣ талаботҳои маънавии шаҳрвандонро қонеъ гардонида, муттаҳидии ҷомеаро таъмин карда метавонанд. Ҷомеашиноси рус Г.В. Тошенко дар бораи аҳамияти дин дар ҷомеа чунин навиштааст: «Дин бо тамоми шаклу зуҳуроти худ падидаи бузургтарини таърихи инсоният мебошад. Он дар тамоми марҳилаҳои мавҷудияти инсон – аз замони худро дар робитаи ҷудонашаванда бо табиат донистан то имрӯз ҳамроҳӣ мекунад. Маҳз таълимоти динӣ ҳикмат ва таҷрибаи ҳаётии одамонро оид ба масъалаҳои ахлоқ ҷамъбаст намуда, дар ҳамин асос қоидаҳои асосии ахлоқ мураттаб карда мешаванд, ки бе онҳо мавҷудияти халкҳо, ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳаёти рӯзмарра имконнопазир аст. Ҳама динҳо пеш аз ҳама «ҳаракатҳои иҷтимоии ахлоқӣ» буданд»[85].

Таълимоти сиёсиву иҷтимоии Ислом, махсусан, мазҳаби ҳанафия дорои табиати таҳаммулпазирӣ мебошад, давлати дунявӣ барои Ислом ва тарзи ҳаёти исломӣ зид нест, ҳеҷ гуна хатароте надорад ва мусулмонон дар шароити кишвари дунявӣ метавонанд озодона ҳаёт ба сар бурда, ҳам фароизи динӣ ва ҳам қарзу вазифаҳои шаҳрвандии худро ба иҷро расонанд. Дар таълимоти исмоилия, ки дар Тоҷикистон пас аз мазҳаби ҳанафӣ дуюмин шохаи бонуфузи мусулмонон ба ҳисоб меравад, ҳамеша омӯзиши илму дониши дунявӣ ва ба пешрафти касбӣ даъват карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаҳони муосир ҷаҳонбинии дунявӣ ва илмии шаҳрвандон ботадриҷ рушд менамояд, арзишҳои илмию дунявӣ торафт афзалияти худро пайдо менамоянд, субъектони муносибатҳои иҷтимоӣ ба илм, дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ такя менамоянд. Давлати дунявӣ дар ҷомеае, ки аксарияти онро эътиқодмандон ташкил мекунанд, ҳеҷ гоҳ бар зидди дин баромад намекунад, шаҳрвандони диндор дар давлати дунявӣ озодона урфу одат ва маросимҳои динии худро ба анҷом расонида метавонанд. Давлати

---

85 Осипов, Г.В. Современный мир и религия / Г.В. Осипов, Ж.Т. Тощенко // Вопросы философии. – 2007. – №6. – С. 3-16; Яхьяев, М.Я. Светское и религиозное в современном обществе / М.Я. Яхьяев, Е.Г. Камышова // Исламоведение. – 2011. – №2. – С. 91

дунявӣ зидди хурофот ва ифротгароии динӣ, зидди ташкилотҳо ва гурӯҳҳои экстремистии динӣ, ки ба амнияти шаҳрвандон хатар эҷод мекунанд, муборизаи беамон мебарад.

### 1.3. Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеи муосири Тоҷикистон

Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад ва ҳокимияти ҷамъиятию сиёсии кишварамон низ дар асоси принсипҳои дунявият ташкил карда шудааст. Дунявияти давлат маънои рад намудан ва аз ҳаёти иҷтимоӣ берун кардани динро надошта, балки дар асоси қонунҳои амалкунанда робита ва ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои диниро ба роҳ мондан аст. Дар давлати дунявӣ ягон дин новобаста аз шумораи тарафдоронаш дини давлатӣ ё расмӣ эътироф намегардад, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз муносибат ба дин таъмин карда шуда, барои фаъолияти озоди ҳамаи иттиҳодияҳо ва субъектҳои динӣ шароити якхелаю мусоид фароҳам оварда мешавад.

Донишмандон ҳамзистии давлат ва динро амсилаи муносиб барои Тоҷикистон ҳисобида, онро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҷрибаи нодир медонанд. Ҳамзистии осоиштаи давлат ва дин дар Тоҷикистон боиси кафолати таъмини устуворию суботи кишвар гаштааст. Ҳарчанд душманони миллат ва гурӯҳҳои ифротгаро кӯшиш менамоянд, ки ҳамзистии осоиштаи дину давлатро ба бухрон кашанд ва барои расидан ба мақсадҳои худ вазъи динии кишварамонро мушатанниҷ созанд, аммо ба мақсад намерасанд. Тоҷикистон пас аз ҷанги шаҳрвандӣ таҷрибаи кофии танзими фазои динии кишварро ба даст овард ва амсилаи ҳамзистии осоиштаи дину давлат барои дигар давлатҳо таҷрибаи беҳтарин баромад карда метавонад.

Ҳануз аз ибтидои асри XVI дар Аврупо, махсусан, аз замони авҷ гирифтани ҳаракатҳои ислоҳотхоҳӣ ва рушди равияи протестантизм асосҳои ҳуқуқии дунявият эътироф гардида, ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз давлат дар як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии он замон инъикос гардида буд.

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҷудо намудани дин аз давлат боиси пайдо гардидани давлатҳои дунявӣ гардиданд, ки дар ин гуна давлатҳо ҳуқуқ на ба дин, балки ба меъёрҳои шаҳрвандӣ такя мекард, қарорҳои мақомоти давлатӣ асосҳои динӣ надоштанд, танзими динӣ торафт аҳамияти худро гум мекард. Ҷудоии дин аз давлат соли 1787 дар Конститутсияи Амрико мустаҳкам гардид ва нишон дода шуд, ки ҳангоми машғул шудан ба ягон мансаб ё иҷро намудани ягон уҳдадориҳои ҷамъиятӣ бояд мутааллиқияти динӣ талаб карда нашавад. Бо қабул гардидани санади «Билл дар бораи ҳуқуқҳо» дар соли 1789 озодии виҷдон боз ҳам мустаҳкам гардида, ба паҳншавии озоди ин ё он дин иҷозат дода шуд.

Дин, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба эътиқод ва дин, ҳуқуқу озодиҳои динӣ ва ҳифзи арзишҳои динӣ, умуман, ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин ҳамчун ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд дар санадҳои универсалии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, мисли «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар», «Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», «Эъломия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои тоқатнопазирӣ ва табъиз вобаста ба дин ё эътиқод», «Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналхалқӣ таҷассум ёфтаанд ва танзим мешаванд. Дар моддаи 18-уми «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» дарҷ гардидааст, ки «ҳар инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ тағйири озодонаи дин ва эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ ҷӣ бо тартиби инфиродӣ ва ҷӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ, дар таълим гирифтан, ибодат намудан ва иҷро кардани расму оинҳои динӣ ва маросимиро иҷро кардан иборат аст»[86].

Ҳамзамон, дар моддаи 18-уми Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ омадааст, ки: «Ҳар як инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин ё эътиқод бо интихоби худ ва озодии пайравӣ кардан ба дин

[86] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [манбаи электронӣ]. URL: (санаи истифодабарӣ: 26.12.2019). http://mmk.tj/content/ (санаи истифодабарӣ: 22.02.2020).

ё эътиқоди худ чӣ бо тартиби инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммави ё хусусӣ дар ибодат намудан, иҷро кардани расму оинҳои диниву маросимӣ ва таълим гирифтанро дар бар мегирад. Ҳеҷ кас набояд таҳти маҷбурияте, ки озодии ӯро дар мавриди бо интихоби худ қабул кардани дин ё эътиқод маҳдуд месозад, қарор дода шавад.

Озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқод танҳо ба андозае маҳдуд карда мешавад, ки тавассути қонун муқаррар гардидааст ва барои ҳифзи амният, тартибот, саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ва озодии асосии дигар ашхос зарур аст. Давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон уҳдадор мешаванд, ки озодии волидайн ва дар ҳолатҳои дахлдор васиёни қонуниро дар бобати таъмини тарбияи динӣ ва ахлоқии фарзандони худ мутобиқи ақидаи худ эҳтиром мекунанд»[87]. Дар моддаи 26-уми ин ҳуҷҷати ҳуқуқии байналмилалӣ қайд мегардад, ки ақаллиятҳои этникӣ, динӣ ва забонӣ якҷоя бо дигар аъзои ҳамон гурӯҳ аз фарҳанг ва дини худ пайравӣ карда, маросимҳои диниро бо истифода аз забони модарии худ иҷро карда метавонанд.

Барои танзими муносибатҳои динӣ ва муайян намудани дурнамои муносибати дин ва давлат дар Тоҷикистон Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин қабул гардидааст. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин мақсаду вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи динро бо дар назар доштани манфиатҳои миллии кишвар муайян ва танзим менамояд.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин дар пояи ғояҳои дунявӣ, озодии виҷдон, озодии пайравӣ ба дин, гуногунандешии динӣ, таҳаммулпазирию эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо ва баробарии пайравони тамоми динҳо дар назди қонун амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии Консепсия муқаррар намудани дурнамои дарозмуҳлат ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои динии инсон ва шаҳрванд, рушди пояҳои давлати

[87] Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ [манбаи электронӣ]. URL: http: mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 26.12.2021).

дунявӣ, густариши таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо, таъмини амният ва ҳамдигарфаҳмиву ризоият дар фазои динии кишвар мебошад.

Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин дар ҳолате қабул гардид, ки усул ва меъёрҳои муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гаштааст, вале дар рафти татбиқи амалии онҳо баъзе душвориву норавшаниҳои назариву амалӣ ҳанӯз ҳам вуҷуд доранд. Баъдан, солҳои охир ба фазои динии кишвар ворид гаштани ғояву ақидаҳои ҳизбу ҳаракатҳои исломии барои муҳити динии Тоҷикистон нораво, ки моҳияти сиёсии таблиғотӣ доранд, сабаби дар ҷомеа ривоҷ ёфтани дидгоҳҳои ифротию тундравона гаштааст, ки аз ин вазъият бахши муайяне аз аҳли илму фарҳанг ва дар маҷмуъ аҳли ҷомеа изҳори ташвиш ва нигаронӣ менамоянд. Густариши фаъолияти ин ҷараёну равияҳои навпайдо, ки арзишҳои аслии мазҳабӣ ва анъанавии мардуми Тоҷикистонро зери шубҳа ва хатар мегузорад, боиси пеш омадани таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ва суботу оромиши ҷомеа мегарданд.

Дар ибтидои асри XXI фаъолияти тарғиботии равия ва мазҳабҳои гуногуни ғайрианъанавии исломӣ дар фазои динии Тоҷикистон густариш меёбад, ки дар натиҷа онҳо дар байни аҳолӣ заминаҳои хусумату низоъҳои динию мазҳабиро ба вуҷуд меоранд. Сомонаҳои интернетии намояндагони равияву мазҳабҳои навпайдои исломӣ фаъол гашта, торафт ҷавонони зиёдро ба сафи худ ҷалб менамоянд. Зери назорат гирифтани фаъолияти онҳо дар фазои маҷозӣ муҳимтарин воситаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ба ҳисоб меравад. То солҳои наздик раванди гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ба таври кофӣ танзим намегардид, ки боиси афзудани воридшавии ғояву ақидаҳои равияҳои исломии барои муҳити динии Тоҷикистон бегона шуд.

Тафаккури динии аксарияти аҳолии диндори Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти кӯҳнапарастӣ дорад, дар шуури динии онҳо

таассуб ва хурофот реша давондааст. Бо ин сабаб, баъзе аз шаҳрвандон ба тарғиботу ташвиқоти намояндагони равияву мазҳабҳои ифротгароӣ дармонда, ба сафи онҳо шомил мегарданд. Ба андешаи донишманди тоҷик Ғ.Ғ. Қаххоров «қисми зиёди аҳолӣ, аз он ҷумла ҷавонон ба дин боварии комил дошта, дар ҳаёти шахсии худ аз таълимоти динӣ боэътимодона истифода менамоянд ва динро аз хурофот фарқ намекунанд, ахбороти аз расонаҳои иҷтимоӣ гирифташударо дуруст баҳогузорӣ карда наметавонанд, чунки донишҳои мукаммали динӣ ва дунявӣ надоранд»[88]. Дар ин гуна шароит муҳити динии суннатии Тоҷикистон ба дастгирии давлат ниёз дорад. То давлат ба рӯҳониёни динӣ кумак нарасонад, онҳо бо неруи худ бо воридшавии мазҳабу равияҳои нави динӣ истодагарӣ карда наметавонанд.

Даврони истиқлоли давлатӣ ва эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон асосҳои озодии виҷдон дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардид. Дар натиҷа масҷиду ибодатгоҳҳо ва таълимгоҳҳои динии зиёд сохта шуда, дин дар ҷомеа мақоми баланд пайдо намуд. Шаҳрвандони зиёд дар хориҷи кишвар таълими динӣ гирифта, адабиёти динӣ, ки то ин замон воридоташон ба ҷумҳурӣ манъ карда шуда буд, паҳн гардиданд. Ҳамзамон, давлат барои танзими муносибатҳои динӣ дар Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро қабул намуд. Муносибати давлат ва муассисаҳои динӣ тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардиданд.

Давлат барои диндорон тамоми шароитҳои мусоидро фароҳам овардааст, аҳолии эътиқодманди Тоҷикистон озодона аз мазҳаби ҳанафии аҳли суннат ва мазҳаби исмоилии дини ислом пайравӣ намуда, маросимҳои диниро ба анҷом мерасонанд. «Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 49 масҷиди ҷомеи марказӣ, 327 масҷиди ҷомеъ, 3612 масҷиди

[88] Қаххоров Ғ.Ғ. Омилҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон / Ғ.Ғ. Қаххоров. – Душанбе, 2022. – С. 19.

панҷвақта, 66 ташкилоти динии ғайриисломӣ, 1 Маркази исломӣ, дар маҷмуъ 4058 адад иттиҳодияи динӣ дар Феҳристи давлатии иттиҳодияҳои динии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолият намуда истодаанд»[89].

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлил намудани 1310-солагии Имоми Аъзам ва Соли бузургдошти ин шахсияти бузурги олами ислом эълон шудани соли 2009, баргузории ҳамоиши байналмилалии «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир», таҷлили ҷашну санаҳои таърихии мутафаккирон ва шахсиятҳои бузурги диниву фарҳангӣ, аз ҷумла, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон, ҳамчун рӯзҳои иди миллӣ таҷлил гардидани идҳои Рамазон ва Қурбон, таъсиси Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, додани мақоми давлатӣ ба Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам ва ғайра аз сиёсати оқилонаи давлатӣ дар соҳаи дин гувоҳӣ медиҳад. «Иқдоми муҳимме, чун дар сатҳи конститутсионӣ таъмин гаштани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон, эълон шудани Соли бузургдошти пешвои мазҳабии мардуми тоҷик ва аксар мусулмонони ҷаҳон - Имоми Аъзам (р), ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гаштани Қуръони Карим, таъсиси Донишкадаи исломии Тоҷикистон, таъсиси муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии қориёни Қуръон, ба тасвиб расидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ шудани фанни таълимии «Таърихи дин» ва монанди инҳо далели равшани таваҷҷуҳи Президенти

[89] Нишасти матбуотӣ. Соли гузашта 770 ҳолати вайрон намудани Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қайд гирифта шуд [манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2023/02/nishasti-matbuot-soli-guzashta-770-olati-vajron-namudani-onun-dar-borai-tanzimi-anana-va-ashnu-marosim-dar-um-urii-to-ikiston-ba-ajd-girifta-shud/ (санаи истифодабарӣ: 05.02.2023).

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои дин ва арзишҳои динӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии фарҳангу ҳувияти миллии тоҷикон мебошад[90].

Мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин таъмини шароитҳои мусоид барои рушди ҳаёти динии ҷомеа, таҳкими истиқлолияти кишвар, таъмини амнияту манфиатҳои миллӣ, ҳифзи суботу оромӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷомеа, барқарор намудани робитаҳои созандаи давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, татбиқи кафолатҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи озодии виҷдон, таъмини баробарӣ ва таҳаммулпазирии динию мазҳабӣ, пешгирии паҳншавии ғояву ақидаҳои ҳаракату равияҳои тундрав дар муҳити динӣ ва ба вуҷуд овардани фазои таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Дар Тоҷикистон дин ҳамчун манбаи маънавию ахлоқӣ ва тарбиявии аҳли ҷомеа эътироф гардида, барои ба роҳ мондани таҳсилоти динӣ ва ташаккули шуури солими динӣ, пешгирии барангехтани кинаю адовати динӣ, падидаҳои номатлуби ифротгароӣ дар муҳити динӣ ва ҷалби рӯҳониён дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа тамоми кушишҳо ба харҷ дода мешавад.

Заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи дин аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад. Моддаҳои 8 ва 26 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба самти ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин алоқаманд мебошанд. Дар моддаи 26-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд»[91]. Мувофиқи ин моддаи Конститутсия ҳар як шаҳрванд озодона ба фаъолияти динӣ машғул шуда, маросим ва расму

[90] Ниг.: Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин (аз "4" апрели соли 2018, № 1042) [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 26.12.2020).

[91] Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 138 с.

оинҳои диниро озодона ба амал бароварда метавонад, яъне дар Конститутсия ба таври равшан озодиҳои динии шаҳрвандони Тоҷикистон инъикос гардидаанд.

Масъалаи дигар ба корҳои давлатӣ дахолат накардани намояндагони иттиҳодияҳои динӣ мебошад. Дар моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан дарҷ гардидааст, ки «Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст»[92]. Дар ин моддаи Конститутсия бо забони оддию сода оварда шудааст, ки намояндагони иттиҳодияҳои динӣ бояд ба сиёсат даст назананд ва барои пешбурди фаъолияти худ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ маблағгузорӣ нашаванд.

Соли 2016 дар Тоҷикистон ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд ва бо мақсади рушди минбаъдаи давлати дунявӣ дар қисми шашуми моддаи 8-уми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта манъ аст. Инчунин, аз матни моддаи 28-уми Конститутсия ибораи «ҳизбҳои характери динӣ ва атеистидошта» хориҷ карда шудааст. Ин тағйиротҳо барои рушди дунявияти Тоҷикистон ва ҳамчун ба арзиши фарҳангӣ табдил додани дин мусоидат менамоянд.

Таъсисёбии ҳизби динӣ ба банди 4-уми моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекунад, аз ин рӯ, мавҷудияти

[92] Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 138 с.

чунин ҳизб аслан зиддиқонунӣ ва зидди меъёрҳои Конститутсия мебошад. Дар ҳолате, ки иттиҳодияҳои динӣ ба корҳои давлатӣ дахолат карда натавонанд, пас ҳизби сиёсии динӣ бояд вуҷуд надошта бошад, зеро ҳизби сиёсӣ қудрати дахолат ва таъсир расонидан ба корҳои давлатиро пайдо менамояд. Албатта, дин кори шахсии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, аммо дар ҳолате ки намояндагони иттиҳодияҳои динӣ ба хусумату бадбинии мазҳабӣ ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, пас давлат бояд фаъолияти онҳоро ҷиддӣ зери назорат гирад.

Дин омили пароканадагии миллӣ ва хатар ба амнияти миллӣ шуда метавонад, агар дар ҷомеа тафаккури динии тунду ифротгароӣ ташаккул ёбад ва низоъҳои мазҳабӣ сар зананд. Яке аз мисолҳои мушахасси ин ҳолат вуруд шудани равияи салафия ба Тоҷикистон ва бархурди намояндагони он ба аҳли мазҳаби ҳанафия мебошад. Албатта, дар Тоҷикистон равияву мазҳабҳои дигари динӣ сабти ном гашта, озодона фаъолият менамоянд, аммо ҳамчун равияи салафия ба эътиқодмандони мазҳаби ҳанафия ва дигар мазҳабҳои исломӣ бархурд намекунанд. Намояндагони равияи салафия ба таври муташаккилу ҳамоҳанг амал намуда, тавассути ташкили маҳфилҳо ва паҳн намудани маводи тарғиботии худ муборизаи беамонро ба зидди ҳанафиён оғоз намуданд.

Бо ворид шудани намояндагони салафия вазъияти динӣ дар Тоҷикистон тағйир ёфт. Салафиҳо ба таълимоти динии се қарни аввали рушди ислом («исломи ноб») такя карда, ҷашну маросим ва анъанаҳои гунгуни диниро, ки то ин замон маъмул гардида буданд, бидъату хурофотӣ эълон намуда, рӯҳониёни бонуфузи маҳаллиро эътироф намекарданд. «Баъзе аз фарқиятҳои зоҳирие, ки миёни салафия ва мазҳаби ҳанафия дар ибодот ва расму оинҳо дида мешаванд, дар сатҳи оммаи мардум ҳатто таъсире сахтар аз масоили калони эътиқодию каломӣ доранд. Баҳсу муҳокимаҳо рӯйи чӣ гуна гузоштани дасту пой дар намоз, пасту баланд гуфтани омин, чанд ракъат будани намози таробеҳ,

ҳукми тасбеҳу омини баъди намоз, хондан ё нахондани Қуръон болои қабр ва ғайраҳо гоҳҳо ба баҳсҳои шадид, гоҳо ба набардҳои физикӣ ва гоҳо ба низои ҷамъиятӣ табдил мешаванд»[93].

Салафиён бо роҳҳои гуногун ҳатто рӯҳониёни маъруфи исломии Тоҷикистон ва шахсони мансабдори давлатиро ба тарафи худ кашида, муҳити динии Тоҷикистон ба чанд ҷабҳа ҷудо карданд. Аз сабаби паст будани маърифатии динии аҳолӣ баҳсҳои мазҳабӣ байни ҳанафиён ва салафиҳо авҷ гирифт. Давлати дунявии Тоҷикистон барои пешгирии низоъҳои шадиду бархурдҳои хатарнок ва бо мақсади таъмини сулҳу субот ва амнияти шаҳрвандон 8 январи соли 2009 ҳаракати салафияро дар Тоҷикистон манъ намуд. Ҳатто натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2016 аз тарафи кормандони Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда буд, аксарияти мусоҳибон – 66,9% ҳаракати салафияро барои амнияти Тоҷикистон хатаровар арзёбӣ намуда буданд *(нигаред ба расми 1)*[94].

**Расми 1.**

**Ҷараёнҳо ва созмонҳои динӣ-сиёсие, ки барои амнияти кишвари мо хатар доранд** *(n=2825, %)*

[93] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 126.

[94] Ниг.: Ҳисоботи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии Маркази исломшиносӣ дар мавзуи "Муносибати аҳолӣ нисбат ба дин". – Душанбе, 2016. – С. 5-6.




Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва назари коршиносон фаъолияти ҳаракати салафия дар қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ гардид ва айни замон низ густариши ин равия барои ваҳдати миллӣ, амнияти шаҳрвандон, фазои динии кишвар ва сохтори конститутсионии давлат хатарзо ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи диншиноси тоҷик Қ. Нурулҳақов «ҳаракати салафия бо аҳли суннат ва аҳли ташайюъ мухолифат меварзад ва кушиш мекунад, ки байни пайравони ин ду равия низоъ барангезад... Гузашта аз ин, дар ҳоле ки як қисми аҳолии кишвар аз пайравони шохаи исмоилияи шиа мебошанд, чунин тарзи масъалагузории салафиҳо дар оянда метавонад ягонагӣ ва суботи онро халалдор кунад. Чунки салафия ба фирқаи исмоилия ва умуман мазҳаби шиа муносибати хеле тунду манфӣ дорад»[95].

Пас аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи дин, ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» танзим менамояд, ки 26 марти соли 2009, №489

[95] Нурулҳақов Қ. Салафиягароии ифротӣ: заминаҳои таърихӣ, манбаъҳои ғоявӣ ва хусусияти зиддимиллии он / Қ. Нурулҳақов // Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 27 майи соли 2015. – Душанбе: Дониш, 2015. – С. 85.

қабул шудааст, ба он соли 2011 ва 2018 тағйиру иловаҳо ворид гардида, аз 8 боб ва 36 модда иборат аст. Қонуни мазкур дар асоси эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо,бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон қабул карда шудааст. Ба андешаи донишманди тоҷик А. Раҳнамо «Қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дар таърихи давлатдории мо аҳаммияти муҳимми рамзӣ низ дорад. Ин қонун ба ҳокимияти расмии як асли пурмоҷарои қонунгузории мо, яъне асли «дин аз давлат ҷудо мебошад» расман поён дод»[96].

Озодии виҷдон яке аз асосҳои ҷомеаи демократӣ буда, ин мафҳум нисбат ба озодии пайравӣ ба дин васеътар мебошад, зеро озодии виҷдон ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин фаҳмида мешавад. Дар моддаи 3-юми «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» мафҳуми «озодии виҷдон» чунин шарҳ дода шудааст: «озодии виҷдон – ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин, ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб кардан ва тағйир додани эътиқоди динӣ, инчунин баён намудан ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ»[97]. Дар Қонуни мазкур омадааст, ки ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон озодона ба дин пайравӣ карда метавонанд ва новобаста аз муносибаташон ба дин ва мансубияти динӣ дар назди қонун баробаранд.

---

[96] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 234.

[97] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" аз 26.03.2009, № 489 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 14.12.2020).

Дар қисми 4-уми моддаи 4-и ин қонун қайд гардидааст, ки ҳеҷ кас барои маълумот додан дар бораи муносибати худ ба дин уҳдадор нест ва ҳеҷ кас дар таълими дин маҷбур карда намешавад. Ҳамзамон дар моддаи 5-уми қонун омадааст, ки таҳқир кардани шахс барои амалӣ гардонидани ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, аз ҷумла бо истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахс мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад. Айбдор кардани шахс бо сабаби диндорӣ ё бединӣ ва ё тарки дин манъ аст. Аз тарафи давлат маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва пайравӣ ба дин танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ба масъалаи таълими динии шаҳрвандон низ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 4-уми Қонуни мазкур махсус таъкид шудааст, ки шахс дар таълими дин маҷбур карда намешавад. Дар қисми 14 ва 15-уми моддаи 4-и қонун омадааст, ки падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҳуқуқ доранд, ки фарзандонашонро тибқи муносибати шахсии худ ба дин бо риояи ҳуқуқи кӯдак ба озодии виҷдон таълиму тарбия диҳанд. Ҷалб кардани ноболиғон ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба ноболиғон додани таълими динӣ манъ аст.

Мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» давлат барои таъмини озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони диндор ва иттиҳодияҳои динӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад. Давлат ба муайян намудани муносибати инсон ва шаҳрванд ба дин ва мансубияти динӣ, инчунин ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ (ба истисноi ҳолатҳои

дар қонунҳо пешбинишуда) дахолат намекунад, ба зуҳуроти таассуб ва ифротгарой дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ роҳ намедиҳад ва хусусияти дунявии таҳсилотро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ таъмин менамояд. Иттиҳодияҳои динӣ ба фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дахолат карда наметавонанд, инчунин ҳуқуқ надоранд, ки дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ иштирок кунанд ё ба онҳо кумаки моддӣ ва дигар кумакҳо расонанд.

Барои танзими ҳаёти динии ҷомеа, назорати риоя ва иҷроиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи дин мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин амал мекунад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин сиёсати давлатро оид ба таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин амалӣ менамояд ва муносибати онро бо иттиҳодияҳои динӣ ҳамоҳанг месозад, фаъолияти иттиҳодияҳои динии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро меомӯзад ва таҳлил мекунад, таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин корҳои фаҳмондадиҳӣ ва иттилоотию таблиғотиро пеш мебарад, фаъолияти иттиҳодияҳои диниро оид ба иҷрои маросими динӣ назорат мекунад, қайди давлатӣ ва баҳисобгирии иттиҳодияҳои диниро анҷом медиҳад ва барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин пешниҳодҳо таҳия мекунад.

Моддаҳои 7 ва 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ба масъалаи муносибати таҳсилоти динӣ ва дунявӣ бахшида шудааст. Мутобиқи талаботи моддаи 7-уми қонуни мазкур таҳсилоти давлатӣ аз иттиҳодияҳои динӣ ҷудо буда, дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ хусусияти дунявӣ дошта, дастрас будани намудҳо ва зинаҳои гуногуни таҳсилот, новобаста аз муносибат ба дин, таъмин карда мешавад. Давлат бо мақсади пешгирӣ намудани таълими ғайриқонунӣ, тарғиб ва паҳн кардани андешаҳои ифротӣ, барангехтани кинаю адовати динӣ ва хусумати мазҳабӣ низоми таҳсилоти диниро таҳти назорат мегирад. Инчунин, дар

қонун муайян шудааст, ки дар низоми таҳсилоти давлатӣ вазифаи таълим ва тарбияи кӯдаконро аз рӯйи интихоби динӣ ё атеистии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ба ухда намегирад. Таълими фанҳои диншиносиро, ки хусусияти иттилоотӣ-маърифатӣ дошта, бо анҷом додани ибодат ва расму оинҳои динӣ сурат намегирад, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии давлатӣ ворид намудан мумкин аст.

Дар моддаи 8-уми қонуни мазкур таҳсилоти динӣ ихтиёрӣ буда, ҳар кас дар алоҳидагӣ ва ё ҳамроҳи дигарон ба гирифтани таҳсилоти динӣ ҳуқуқ дорад. Ташкилотҳои динӣ, ки мувофиқи қонун амал мекунанд, муассисаҳои таълимии диниро таъсис дода метавонанд. Инчунин масҷидҳои ҷомеи марказӣ ва масҷидҳои ҷомеъ тибқи низомномаи худ бо роҳи таъсис додани гурӯҳҳои таълимӣ ба омӯзонидани асосҳои дин машғул шуда метавонанд, аммо таълими динӣ бо иҷозатномаи давлатӣ иҷозат дода мешавад. Таълими динии кӯдакон аз синни 7 то 18-солагӣ бо ризояти хаттии падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда дар вақтҳои берун аз дарс ва берун аз барномаи таълимии таҳсилоти давлатӣ иҷозат дода мешавад.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди шуравӣ бо сабаби беназорат мондани соҳаи таҳсилоти динӣ шумораи зиёди ҷавонони Тоҷикистонро гурӯҳҳои мухталиф ба мактабу мадрасаҳои кишварҳои хориҷ ҷалб намуда, тафаккур ва андешаҳои онҳоро тағйир дода, ба мазҳабҳои анъанавии кишварамон муқобил сохта, ба суботу амнияти фарҳангӣ ва динии шаҳрвандон хатарҳои навро эҷод намуданд. Дар ин масъала донишманди тоҷик Р. Азизӣ чунин ибрози назар намудааст: «Хатари дигар ин ворид шудани таълимоти динии ҷараёнҳои гуногун, ки аз сабаби сатҳи пасти огоҳии динии ҷомеа ва ба вижа ҷавонон ба осонӣ метавонанд, тарафдорони худро пайдо кунанд... Гурӯҳи аввал шомили афроде аст, ки таълими диниро дар кишварҳои хориҷӣ гирифтаанд... Онҳо бештар суннат ва маросимҳои мардумӣ ва фаҳмиши суннатии исломро, ки дар ҷомеаи кишвар вуҷуд дорад, зери тозиёнаи танқид қарор

медиҳанд ва онҳоро ба унвони «бидъат», «хурофот» ва «дур шудан аз исломи ноб» муаррифӣ менамоянд»[98].

Мувофиқи тағйироти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дар соли 2011 барои пешгирии паҳншавии равияҳои ғайрианъанавии динӣ ва ташаккули шуури ифротии ҷавонон гирифтани таълими динӣ дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар мактабҳои олии динии хориҷӣ танҳо баъд аз гирифтани таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо розигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин ва оид ба соҳаи маориф иҷозат дода мешавад. Тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» танзими фаъолияти муассисаҳои динӣ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи ин моддаи қонун «Муассисаҳои таълими динӣ шакли махсуси иттиҳодияҳои динӣ буда, дар асоси оинномаи худ, ки аз ҷониби ташкилоти динии дахлдор тасдиқ гардидааст ва аз қайди давлатӣ гузаронида шудааст, ба таълими динӣ машғул шуда метавонанд»[99]. Шароит ва низоми таълим дар муассисаҳои таълими динӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ мувофиқа карда мешаванд ва фаъолияти таълимии муассисаҳои таълими динӣ дар асоси иҷозатнома ба роҳ монда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» тартиби фаъолияти таълимии муассисаҳои таълими диниро муқаррар менамояд.

Дар қисми 8, боби 48-уми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав)» (3 апрели соли 2007, №172) омадааст, ки «Иҷозатномадиҳии фаъолияти таълимии ташкилотҳои

[98] Азизӣ Р. Пешгирии таблиғи ифротгароӣ ва тундгароӣ байни ҷавонон дар фазои иттилоотӣ / Р. Азизӣ // Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 27 майи соли 2015. – Душанбе: Дониш, 2015. – 218 с. – С. 25.
[99] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" аз 26.03.2009, № 489 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 14.12.2020).

таълимии динӣ (машғул ба таълими рӯҳонӣ) ва аз ҷониби ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) динӣ таъсисёфта аз тарафи мақомоти иҷозатномадиҳандаи дахлдор, вобаста ба дараҷаи амалӣ намудани барномаи таълимӣ, амалӣ карда мешавад»[100]. Муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои таълимии таҳсилоти касбӣ нусхаи қарори шурои илмӣ (педагогӣ), дар бораи имконияти тайёр намудани мутахассисон аз рӯйи барномаи асосӣ ва иловагии таълимӣ, ки барои иҷозатномагирӣ пешниҳод намудааст; ташкилотҳои касбии таълимии динӣ (машғул ба таълими рӯҳонӣ) ва ташкилотҳои таълимии ташкилотҳои динӣ таъсисёфта дархости роҳбарияти равияҳои диниро пешниҳод менамояд.

Муассисаҳои таълими динии Тоҷикистон як бахши низоми таълими Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, донишҷӯёне, ки дар бахшҳои рӯзонаи муассисаҳои таълими динӣ таҳсил мекунанд, аз ҳуқуқу имтиёзҳои барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида бархӯрдор мебошанд. Дар ин замина, бояд стандарти таълимӣ, барнома ва нақшаҳои таълимии муассисаҳои таълимии динӣ бояд ба сатҳи ҳамин гуна муассисаи таҳсилоти давлатӣ мувофиқат дошта, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф мухолиф набошанд. Баробари фанҳои мазмуни динӣ дошта, донишҷӯён фанҳои дунявиро низ аз худ менамоянд. «Давлат бояд дар рушди таҳсилоти динӣ ба сохторҳои таълимии ташкилотҳои динӣ шароити мусоид муҳайё намояд. Бо мақсади баланд бардоштани сифати таёркунии мутахассисони динӣ бояд дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф меъёрҳои таълимии мазҳабӣ тартиб дода, онҳоро дар таълимгоҳҳои динӣ ҷорӣ намоянд. Тартиби гузаронидани аттестатсияи кормандони илмию

[100] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав)» (3 апрели соли 2007, №172). [манбаи электронӣ]. URL: https://tajtrade.tj/media/ (санаи истифодабарӣ: 15.10.2022).

педагогиро омода кунанд. Мутобиқи ин талабот аз қайди давлатӣ ва иҷозатномадиҳии давлатии муассисаҳои таълимии динӣ гузаранд»[101].

Дар Тоҷикистон шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои динӣ адабиёти динӣ ва дигар ашёву маводи таъиноти динидоштаро озодона дастрас ва истифода бурда метавонанд. Ташкилотҳои динӣ адабиёти динӣ, ашёи таъиноти динӣ ва дигар маводҳои иттилоотии дорои мазмуни диниро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол, содир, ворид ва паҳн карда метавонанд. Истеҳсол, содир, ворид, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин дигар ашё ва маводи дорои таъиноти динӣ танҳо баъди гирифтани хулосаи ташхиси давлатии диншиносӣ анҷом дода мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати динӣ на танҳо таҳсилоти динӣ иҷозат дода шудааст, балки шаҳрвандон барои ташаккули шуури динии худ озодона аз адабиёти динӣ истифода бурда метавонанд.

Қонунгузории Тоҷикистон ба фаъолияти фарҳангӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ иҷозат додааст. Мувофиқи моддаи 23-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» «Ташкилотҳои динӣ бо мақсади татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои оинномавии худ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва воситаҳои ахбори омма таъсис дода метавонанд»[102]. Аммо ба фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ як қатор маҳдудиятҳо гузошта шудааст. Иттиҳодияҳои динӣ дар муассисаҳои давлатии томактабиву мактабӣ, инчунин дар манзилу хонаҳои шаҳрвандон фаъолияти маърифатиро пеш бурда наметавонанд. Давлат ба фаъолияти фарҳангиву маърифатии иттиҳодияҳои динӣ мусоидат менамояд.

Таҳсилоти динии шаҳрвандон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (02

[101] Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон. Монография. Муҳаррири масъул профессор К. Олимов. – Душанбе, 2010. – С. 86.
[102] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" аз 26.03.2009, № 489 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 14.12.2020).

августи соли 2011, №762) танзим гардидааст. Дар моддаи 8-уми Қонуни мазкур омадааст, ки падару модар уҳдадоранд, ки «иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истиснои фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои таълимии динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд»[103]. Ҳамзамон дар моддаи 9-уми қонун падару модар вазифадор гардидаанд, ки ба фарзанди то шашсола барои гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ шароит фароҳам оваранд, ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд, фарзандро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароити муносиб муҳайё намоянд, риояи пӯшидани либосҳои расмии мактабиро аз ҷониби фарзанд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат намоянд, донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд, ҷалби фарзандро барои гирифтани таълим дар таълимгоҳҳои ғайриқонунӣ ё дар назди шахсони алоҳидаи бе иҷозатнома фаъолияткунанда манъ намоянд ва таълими динии фарзандро дар хориҷи кишвар бе розигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ иҷозат надиҳанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (22 июли соли 2013, №1004) низ масъалаҳои таҳсилоти динӣ ба танзим дароварда шудаанд. Дар қисмҳои 19 ва 20-уми моддаи 16-уми қонуни мазкур чунин омадааст: «Шаҳрвандон барои таҳсилоти динӣ гирифтан дар муассисаҳои таълимии динӣ ҳуқуқ доранд. Фаъолияти ин муассисаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси иҷозатномае, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф медиҳад, амалӣ карда мешавад. Гирифтани таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони то синни 18 танҳо бо ризоияти

---

[103] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд". [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/ (санаи истифодабарӣ: 23.11.2022).

хаттии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) иҷозат дода мешавад»[104]. Инчунин, дар ин қонун тарғиб, таъсис ва фаъолияти сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсии ҷамъиятӣ ва динӣ дар муассисаҳои таълимӣ манъ карда шудааст.

Дар Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин омадааст, ки «муносибати давлат ба шаклгирии тафаккур ва таълими динӣ ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин мебошад. Сатҳ ва навъи таълимоти динӣ муайянкунандаи вазъи тафаккури динии ҷомеа буда, дар ташаккули маърифати маънавию ахлоқӣ ва фарҳанги мардум таъсири ҷиддӣ дорад»[105]. Ҳамчунин дар ин ҳуҷҷат қайд карда мешавад, ки дар тафаккури динии баъзе аз шаҳрвандон таассубу хурофот боқӣ мондааст, ки ба рушди устувори ҷомеа монеа гашта, ба суботу амнияти миллии кишвар хатар эҷод менамояд. Аз ин сабаб, тавассути ба роҳ мондани барномаҳои таълимию маърифатӣ, боло бардоштани фарҳанги ҳуқуқию динӣ ва такмили раванди омӯзиши қонунҳо, таърих ва асосҳои дин, диншиносӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳанги миллӣ таассубу хурофотро аз тафаккури динии шаҳрвандон решакан кардан мумкин аст.

Қонунгузории Тоҷикистон дастрасии ихтиёрии шаҳрвандонро ба таълими динӣ кафолат медиҳад ва тарбияи динии фарзандон ҳуқуқи падару модар ҳисобида мешавад, аммо таълими динии кӯдакони синни мактабӣ фақат дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ ва вақтҳои фориғ аз барномаҳои таълимии мактабӣ сурат мегирад. Ҳанӯз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007, №547 муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи исломии Тоҷикистон» таъсис дода шуд, ки фаъолияти он ба баланд бардоштани шуури динии ҷавонон ва омода намудани рӯҳониёни исломии дорои маърифати баланди динӣ ва дунявӣ буд. Стандартҳо, барномаҳо ва нақшаҳои таълимии муассисаи

---

[104] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (22 июли соли 2013, №1004) [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/ (санаи истифодабарӣ: 15.12.2022).

[105] Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин (аз "4" апрели соли 2018, № 1042) [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 26.12.2020).

давлатии таълимии «Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит» мувофиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешаванд. Ҳоло аксарияти имомхатибони масҷидҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хатмкунандагони ин муассисаи таълимии динӣ ба ҳисоб меравaнд.

Албатта, омили асосии паҳнгардии ақидаҳои носолими динӣ ва экстремистӣ, пеш аз ҳама, сатҳи пасти маърифати динӣ ва ҷаҳонбинии илмии аксарияти аҳолӣ ба ҳисоб меравад ва бо ин сабаб, фазои динии Тоҷикистон барои воридшавии равия ва мазҳабҳои ғайрианъанавӣ ва ифротии исломӣ осебпазир мебошад. Дар ин гуна шароит ба роҳ мондани таълими босифати динии аҳолӣ дар Тоҷикистон, тақвият додани корҳои тарғиботӣ ва равшаннамоии динӣ, андешидани тадбирҳои омӯзишӣ ва маърифати динӣ барои пешгирии ифротгароӣ ва шомилшавии ҷавонон ба шабакаҳои экстремистию террористӣ мусоидат менамояд. Барои баланд бардоштани маърифати динии аҳолӣ ва паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва бадбинии динию мазҳабӣ нақши ходимони динӣ хеле бузург аст. Бояд ходимони динӣ аз минбарҳои баланди динӣ ва васоити ахбори омма истифода бурда, ба даъватҳои оммавии ифротгароёнаи гурӯҳҳои экстремистӣ саривақт вокуниш нишон диҳанд, арзишҳои миллиро тарғиб намоянд ва ҳақиқати исломи аслиро ба аҳолӣ фаҳмонанд.

Мутаассифона, бо пешрафти технологияи иртиботӣ ва берун аз назорат будани фазои таълими динӣ дар интернет, инчунин ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас гардидани технологияҳои иттилоотӣ фаъол гардидани таҳсилоти ғайриқонунии динӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба назар мерасанд. Баъзе аз доираи рӯҳониён бо мақсади ба даст овардани маблағи муайян ва таълими мазҳабу равияҳои гуногуни барои муҳити динии Тоҷикистон ғайрианъанавӣ ба таълими ғайриқонунии динӣ даст мезананд. «Омори баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар самти таълими ғайриқонунии динӣ далели бебаҳси ташвишовар будани вазъ дар ин самт мебошад. Чунончи,

аз ҷониби мақомоти ваколатдор соли 2017-ум 29 парванда, соли 2018 — 43, соли 2019 — 102, соли 2020 — 208 ва соли 2021 қариб 284 парванда мавриди баррасӣ қарор гирифт» [106].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара оид ба ин масъала чунин ибрози назар намуданд: «Яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар шаҳру ноҳияҳои вилоят (вилояти Хатлон) таълими ғайриқонунии динӣ мебошад. Тайи соли 2022 ва 4 моҳи соли 2023 164 ҳолати тадриси ғайриқонунии динӣ бо фарогирии қариб 800 нафар шаҳрвандон , аз ҷумла ноболиғон ошкор ва пешгирӣ карда шудааст. Ҳолатҳои таълими ғайриқонунии динӣ аз ҳама бештар дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Ховалинг, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, Ш. Шоҳин, Фархор ва Муъминобод ошкор карда шудаанд.... тибқи маълумоти расмӣ то 1-уми марти соли 2023-юм 1905 нафар сокинони вилоят дар давлатҳои хориҷӣ ба таҳсили ғайриқонунии динӣ фаро гирифта шудаанд, ки то имрӯз 1796 нафари онҳо ба ҷойҳои зисти доимии худ баргардонида шуда, ҳоло 109 нафар дар хориҷи кишвар қарор дорад. Сатҳи баланди ифротгароӣ ва шомилшавии сокинон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва экстремистӣ бештар ба шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Қубодиён, Шаҳритус, Кӯшониён, Вахш ва Фархор рост меояд[107]. Ё ин ки «Илова бар ин, то ҳанӯз дар ноҳияи водии Рашт ба таълимоти ғайриқонунии динӣ, яъне ба мактабҳои хусусии динӣ фаро гирифтани кӯдакону наврасон идома дорад. Соли 2020 ва панҷ моҳи соли ҷорӣ қариб 70 ҳолати ғайриқонунӣ таълим додани зиёда аз 280 нафар кӯдакону наврасон ошкор карда шудааст. Бар замми ин, ҳолатҳои қасдан

---

[106] Абдулло Д. «Самара»-и таълими ғайриқонунии динӣ чӣ гуна аст? // «Садои мардум» №83-84 (4503-4504) 08.07.2022 [манбаи электронӣ]. URL: https://sadoimardum.tj/i-tisod/samara-i-ta-limi-ajri-onunii-din-ch-guna-ast/ (санаи истифодабарӣ: 25.03.2023).

[107] Ниг.: Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара аз 27.04.2023 https://www.youtube.com/watch?v=4rNFMe5_SeA; http://prezident.tj/node/30543 (санаи истифодабарӣ: 27.04.2023)

монеи таҳсили кӯдакон шудани падару модарон дар мактабҳо ҷой доранд»[108].

Соли 2021 дар Тоҷикистон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор гирифт, ки ҳадафи ин тағйиру иловаҳо муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои таълими ғайриқонунии динӣ мебошад. Дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи нав — 334 ишораи 1 «Ғайриқонунӣ ба роҳ мондани таълими динӣ» ворид гардид, ки ба чунин мазмун ифода ёфтааст: «Ғайриқонунӣ ба роҳ мондани таълими динӣ, аз ҷумла тавассути шабакаи интернет, агар ин кирдор хусусияти динии экстремистӣ надошта бошад ва дар давоми соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад то як ҳазору дусад нишондиҳанда (баробар ба 48000 то 72000 сомонӣ) барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати се сол бо махрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ё бидуни он ҷазо дода мешавад».

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба қисми 5 моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятиро танзим намудааст, пас аз рақамҳои «298-313,» рақами «334» ишораи 1 илова гардид, ки минбаъд тафтиши пешакии парванда оид ба ҷинояти дар моддаи 334 ишораи 1 (ғайриқонунӣ ба роҳ мондани таълими динӣ)

[108] Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони водии Рашт аз 07.06.2021 http://prezident.tj/node/25863 (санаи истифодабарӣ: 07.06.2021)

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, аз тарафи муфаттишони мақомоти амнияти миллӣ гузаронида мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷузъи ин раванд ба ҳисоб рафта, бо мақсади такмили ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ мавриди амал қарор гирифт. Тибқи муқаррароти он, дар моддаи 474 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҷарима мутаносибан баланд бардошта шуда, моддаи 474 ишораи 2 бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои машғул шудан ба таълими ғайриқонунии динӣ дар таҳрири нав пешбинӣ гардидааст.

Бо вуҷуди ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мазкур шарҳу тавзеҳи онҳо ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст, аксарияти аҳолӣ оид ба мазмуну мухтавои ин тағйиротҳо ахбори зарурӣ надоранд. Бо ин сабаб, то ҳол таҳсилоти динии ғайриқонунӣ дар Тоҷикистон пурра аз байн нарафтааст ва аксарияти аҳолӣ оқибатҳои ногувори онро дарк намекунанд. «Аввалан, натиҷаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ собит намуд, ки 90-95 фоизи аъзои ташкилотҳои террористию экстремистӣ таълимгирандагони мактабҳои ғайриқонунии динӣ мебошанд. Сониян, раванди таълимоти ғайриқонунии динӣ сарчашмаи таблиғкунандаи идеологияи ифротӣ ва қадами нахустин ба ҷониби ячейкаҳои ибтидоии террористӣ буда, асосан дар манзили зисти рӯҳониёни иртиҷоӣ ба роҳ монда мешавад. Ахиран, масъулини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз он нигаронанд, ки тамоюли ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифта шудани насли наврас то ҳол ҳамчун ангезаи таҳрикдиҳандаи болоравии сатҳи таассубу хурофот, радикализми динӣ ва моилсозии ҷавонон ба сафи гурӯҳу созмонҳои террористию экстремистӣ боқӣ мондааст»[109].

[109] Абдулло Д. «Самара»-и таълими ғайриқонунии динӣ чӣ гуна аст? // «Садои мардум» №83-84 (4503-4504) 08.07.2022 [манбаи электронӣ]. URL: https://sadoimardum.tj/i-tisod/samara-i-ta-limi-ajri-onunii-din-ch-guna-ast/ (санаи истифодабарӣ: 25.03.2023).

Умуман, озодии виҷдон дар Тоҷикистон ҳамчун кафили ҳамзистии осоиштаи халқу миллатҳои гуногун муаррифӣ гардида, нишонаи беназири фарҳанги олии халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Ҳануз аз замонҳои қадим халқи тоҷик бо намояндагони дину мазҳабҳои мухталиф ҳамзистии осоишта дошт ва ин анъана то ҳол давом менамояд. Дин барои тоҷикистониён яке аз бахшҳои муҳими фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад, паҳлуҳои гуногуни зиндагии аксарияти аҳолии Тоҷикистон бо меъёри ахлоқию маънавии исломӣ танзим мегарданд. «Имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 98 фоизи аҳолиро мусулмонон ташкил медиҳанд ва онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро дар асоси талаботи ислом ҳал мекунанд, ки инро ҳатто дар замони шуравӣ ҳам касе аз байн бурда натавониста буд. Никоҳ ва талоқ яке аз ин талабот аст. Ҳолатҳои муносибати зану шавҳарӣ то ба имрӯз тибқи фармудаҳои ислом муайян карда мешаванд ва ҳар фарди мусулмон риояи онро барои худ ҳатмӣ медонад. Ба ҳамин тарз, риоя ва эҳтиром гузоштан ба иҷрои маросимҳои дигар аз қабили хатна ва ғ. ҷой доранд. Иҷрои ин гуна суннатҳои исломӣ ба дараҷае дар зеҳни мардум ҷо гузоштааст, ки бисёриҳо нисбат ба онҳо ба ҳайси як анъанаи миллӣ эҳтиром доранд»[110].

Давоми мавҷудияти ислом дар минтақаҳои тоҷикнишин ҳувият ва арзишҳои миллию динӣ то дараҷае ба ҳам омезиш ёфтаанд, ки ба як низоми яклухт ва комили ҷудонашаванда мубаддал гардидаанд. Бо ин сабаб, ҳангоми арзёбии арзишҳои миллӣ мо ба ҳудуди фарҳанги динӣ ворид мегардем. Бузургтарин донишмандону олимони форсу тоҷик дар алоқамандӣ бо дини ислом асарҳо эҷод намуда, дар баробари ин, рушди фарҳанги исломӣ нақши бузург бозидаанд. Аксарияти аҳолии Тоҷикистон аз мазҳаби ҳанафии дини ислом пайравӣ мекунанд, таълимоти мазҳаби ҳанафӣ дар фарҳанги миллии тоҷикистониён нақши бузург бозида, тарзи зиндагии аҳолиро муайян менамояд. Таълимоти таҳаммулпазирона ва мӯътадили мазҳаби ҳанафия боис гаштааст, ки дар

[110] Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон. Монография. Муҳаррири масъул профессор К. Олимов. – Душанбе, 2010. – С. 26-27.

Тоҷикистон пайравони равияву мазҳабҳои гуногуни дар як фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва осоишта зиндагонӣ кунанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрду муколамаи тамаддунҳо таъсири омилҳои берунӣ ба маорифи миллӣ зиёд мегардад. Барои қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии шаҳрвандон ва омода намудани рӯҳониёни баландихтисоси динӣ таҳсили ҷавонон дар донишгоҳҳои динии хориҷӣ мусоидат карда метавонад, аммо дар ин самт таъсири манфии онро низ ба инобат гирифтан лозим аст. Ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар таҳсил менамоянд, дар баробари мутахассиси дин шудан, соҳиби шуури динии ифротӣ ва идеологияи динии мазҳабҳои дигар низ шуда метавонанд. Аз ин сабаб, барои нигоҳдошти амну суботи фазои динии кишварамон бояд таҳсили ҷавонон дар донишгоҳҳои динии хориҷи кишвар аз мавқеи манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатӣ ба роҳ монда шавад. Шароити нави рушди ҷомеа ва хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ аз мо талаб менамоянд, ки рӯҳониёни динӣ бояд дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ҳифзи фарҳанг ва ҳувияти миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ ва арзишҳои дунявӣ омода карда шаванд.

Ҳарчанд дин ҷиҳатҳои фаромиллӣ дорад, аммо дар тӯли мавҷудияти худ фарҳангҳои миллиро аз байн бурда натавонист, баръакс аз ҳисоби арзишҳои миллӣ ташаккул ёфта, ба маданиятҳои миллӣ мутобиқ гардиданд. Аз ҷумла дар дини ислом низ унсурҳои маданияти тоисломии форсу тоҷик, махсусан, иду ҷашнҳои миллӣ, масъалаҳои ахлоқии Зардуштӣ ва ғайраҳо ворид шуда, бо рукнҳои исломӣ созгор гардидаанд. «Бинобарон, динҳои ҷаҳонӣ ба ҷуз арзишҳои динӣ, арзишҳои миллии халқҳои дигарро низ фаро мегиранд, ки аҳамияти дунявӣ дошта, дар якҷоягӣ бо арзишҳои динӣ мазмуни фарҳангҳои миллиро ташкил медиҳанд. Чуноне ки фарҳанги ба ном исломии муосири мо тоҷикон аз маҷмуи арзишҳои динӣ ва миллӣ иборатанд. Аз

ин рӯ, динҳои ҷаҳонӣ низ (ба монанди ислом) бо роҳи этнизатсия шудан дар шакли маданияти миллӣ арзи вуҷуд кардаанд»[111].

Хулоса, давлат ва истиқлолияти миллӣ дар пояи фарҳанги миллӣ пойбарҷост, давлати дунявӣ низ арзишҳои рушдёфтаи миллӣ ва диниро фаро гирифта, бо ин восита ҳамкории дину давлатро дар як фазои мушаххаси иҷтимоӣ имконпазир мегардонад. Махсусан, дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, унсурҳои ҳувияти ҳуқуқии исломӣ ворид гардидаанд, байни ҳуқуқи дунявӣ ва ҳуқуқи исломӣ ҳамбастагии зич вуҷуд дорад. Қонунҳои миллие, ки дар Тоҷикистон қабул шудаанд, арзишҳои миллӣ ва динии кишварамонро инъикос менамоянд. Албатта, сохтори ҷомеаи дунявӣ чандир буда, тағйир меёбад ва оянда низ амсилаҳои нави иртибот ва ҳамкориҳои дину давлатро инъикос карда метавонад.

[111] Баъзе масоили усулии таносуби давлати дунявӣ ва дин [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 20.03.2023).

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲО ВА ТАМОЮЛҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДИНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон

Ислом дар Осиёи Марказӣ аз асрҳои миёна паҳн гардида, то ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва оилавии халқҳои ин минтақа нақши муайянкунанда ва ҳукумронро бозидааст. Ҳарчанд паҳншавии идеяҳои дунявият дар Осиёи Марказӣ зери таъсири инқилобҳои иҷтимоӣ ва рушди илмҳои дунявии Аврупо аллакай аз асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз гардида буд, махсусан, ақидаҳои сиёсии Аҳмади Дониш (1820-1880) ва ҷадидони Бухоро, аммо то барҳам хӯрдани Иттиҳодияи Шуравӣ арзишҳои дунявӣ ба низоми арзишҳои бартаридоштаи халқи Тоҷикистон табдил наёфтанд.

То барқароршавии ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Марказӣ низоми динӣ ҳукумрон буд, ҳокимияти шуравӣ ҳарчанд сатҳи динияти баланди ин минтақаро медонист, аммо ба як қатор хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дод, аз ҷумла аз байн бурдани мактабҳои анъанавӣ, низоми судии динӣ, заминҳои вақфӣ, фишор ба рӯҳониёни динӣ, ки дар байни аҳолӣ мақоми хеле баланд доштанд. Дар натиҷа вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ муташанниҷ гашт. Роҳбари ҳизбии ин минтақа Я.Э. Рудзутак дар ин бора чунин навиштааст: «Мо фикр мекардем, ки баъди ин гуна табаддулоти инқилобӣ эълон кардан кифоя аст, ки мо ҳамаро на танҳо аз юғи сармоядорӣ, балки аз зулми динӣ ҳам озод мекунем... вале дар натиҷа маълум шуд, ки дар ин мубориза таваҷҷуҳи аҳолӣ бештар ба тарафи рӯҳониён баргашт... Ин ҳолат барои ҳаракати босмачиён, ки ба муқобили Ҳокимияти Шуравӣ баромад мекарданд, мусоидат намуд»[112].

Дар натиҷа ҳаракати босмачигарӣ дар Осиёи Марказӣ авҷ гирифта, онҳо тамоми Бухорои Шарқиро забт намуда, ҳокимияти динии қаблиро барқарор намуда, ба зидди ҳокимияти дунявӣ муборизаи беамон

[112] Ким, П. Басмачество: 1921-1924 гг. Что рассказывают о нем документы, хранящиеся в архивах / П. Ким, М. Хасанов // Звезда Востока. – 1989. – №6. – С. 141-143.

мебурданд. Рӯҳониёни бонуфуз ва сарватманд, ки ба аҳолӣ таъсири хеле зиёд доштанд, тарафи роҳбарони ҳаракати босмачигарӣ, аз ҷумла Иброҳибекро мегирифтанд. Онҳо бар зидди ҳокимияти дунявии шуравӣ ҷанги муқаддас ва ё ҷиҳод эълон карда, аз эътиқоди динии халқ истифода бурда, аз ҳисоби аҳолӣ сафи худро пурра менамуданд. Ҳатто онҳо мусулмононеро, ки ба ҳокимияти шуравӣ муросо ё ҳамкорӣ мекарданд, кофир гуфта, фишор меоварданд ва ҳатто ба қатл мерасониданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, баъзе аз табақаҳои поёнии рӯҳониён ва мардуми оддӣ ба ҳаракати босмачигарӣ эътимод надоштанд ва бо ин сабаб сиёсати шуравиро қабул карда, дар мақомоти давлатӣ ба кор даромада, ҳокимияти шуравиро дастгирӣ мекарданд.

Дастгирии аҳолии мусалмон аз ҳокимияти шуравӣ боис гардид, ки ҳаракати босмачигарӣ шикаст хӯрад ва дар натиҷа ҳокимияти шуравӣ баъзе аз хатогиҳои сиёсии худро ислоҳ намуда, заминҳои вақфӣ, таҳсилоти динӣ ва суди диниро аз нав барқарор намуданд. Онҳо дарк мекарданд, ки тавассути дин ва муросо ба рӯҳониёни маҳаллӣ, инчунин ба ҳаёти сиёсӣ ҷалб намудани рӯҳониёни машҳури динӣ ҳокимияти шуравиро дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам карда метавонанд. Сарватмандону рӯҳониёни машҳур дар барқарор намудани ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Марказӣ нақши калон гузоштанд. Дар соли 1923 65,5%-и аъзоёни ҳизби коммунистии Бухороро рӯҳониён ташкил медоданд. Мувофиқи барӯйхатгирӣ соли 1924 аз 1392 нафар аъзои ҳизби коммунистӣ 70 нафар тоҷир, 38 нафар сарватманд, 20 рӯҳонии машҳур буданд[113].

Сиёсати оқилонаи ҳокимияти шуравӣ пас аз комилан барҳам додани ҳаракати босмачигарӣ хотима ёфт ва аз нав рӯҳониён ба синфи душман ворид карда шуда, мавриди таъқибу фишор қарор гирифтанд. Дар ин давра барои танзими ҳаёти динии аҳолӣ санадҳои меъёрӣ-

[113] Ниг.: Базаров М. Советская религиозная политика в Средней Азии. 1918-1930 гг. [манбаи электронӣ].URL: https://www.vub.be/sites/vub/files/nieuws/users/bcoppiet/150sovetskaya_religioznaya.pdf (санаи истифодабарӣ: 26.12.2022).; Вишневский А. Как это делалось в Средней Азии / А. Вишневский // Наука и религия. – 1990. – №3. – С. 52.

ҳуқуқии комил ва ягона вуҷуд надоштанд, ҳолати ташкилотҳои динӣ ва вазъи динии ҷомеа ба таври объективӣ таҳлил намегардиданд. Рӯҳониёне, ки дар гузашта ба ҳокимияти шуравӣ ҳамкорӣ намуда, ба зидди ҳаракати босмачигарӣ мубориза бурда буданд, тамғаҳои «душмани халқ» ва «кулаг»-ро гирифта, мавриди фишору таъқиб ва бадарға қарор гирифтанд. Масҷидҳои ҷомеъ ба таври оммавӣ баста шуда, бештари онҳо вайрон гардиданд ва қисми дигар ба анбор ва биноҳои хоҷагии халқ табдил дода шуданд. Баъзе аз деҳқонон, сарватмандон ва рӯҳониён ба хориҷи кишвар, аз ҷумла Афғонистон фирор карданд.

Ҳокимияти шуравӣ ҳуруфоти форсии арабиасосро рамзи диндорӣ ва мусулмонӣ дониста, бо ҳар роҳ кушиш менамуданд, ки онро бо ҳарфи лотинӣ тағйир диҳанд. Ҳатто баъзе аз маорифчиёни маҳаллии фурӯхташуда ҳуруфоти арабиасосро монеаи рушди ҳаёти маънавии Осиёи Марказӣ номида, тамоми осори фарҳанги Шарқ ва китобҳои бузургони гузаштаи форсу тоҷикро нобуд сохтанд. Ҳокимияти шуравӣ яке аз роҳҳои мубориза ба диндории халқҳои Осиёи Марказӣро дар тағйир додани ҳуруфоти арабиасос медиданд ва бо ин роҳ мехостанд, ки ҳувияти динии мардумро аз байн баранд ва имкониятҳои мутолиаи китобҳои диниро маҳдуд созанд. Дар натиҷа ҳуруфоти арабиасоси халқҳои Осиёи Марказӣ аввал ба ҳуруфоти лотинӣ ва сипас, ба ҳуруфоти кирилӣ иваз карда шуд, ки зарбаи калон ба таъриху фарҳанги халқҳои маҳаллӣ буд. Нафароне, ки дар хона китобҳои бо ҳуруфоти арабиасос ё забони арабиро нигоҳ медоштанд, мавриди ҷазо қарор мегирифтанд. Дар натиҷа китобҳои зиёди таърихӣ, илмӣ (аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ) ва бадеӣ бебозгашт аз байн рафтанд.

Соли 1929 Қарори Ҳизби коммунистӣ «Дар бораи иттиҳодияҳои динӣ» қабул гардид, ки то барҳамхӯрии ҳокимияти шуравӣ амал мекард. Дар ин ҳуҷҷат қайд гардида буд, ки тамоми иттиҳодияҳои динӣ шахси ҳуқуқӣ ҳисоб нашуда, қариб аз тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дур карда шуданд. Рӯҳониёне, ки ба сафи ҳизби коммунистӣ қабул гардида,

дар мубориза ба муқобили ҳаракати босмачигарӣ нақши калон бозида буданд, аз кори ҳизб ва мақомоти давлатӣ дур партофта шуданд. Ҷашнгирии урфу одат ва маросимҳои динӣ маҳдуд гардида, рӯҳониёни бонуфуз ва фаъол ба ҳабс гирифта шуданд. Ин ҳолат қариб то барҳамхӯрии Иттиҳодияи Шуравӣ идома ёфт ва баъзе аз методҳои мубориза ба муқобили дин ва арзишҳои динии аҳолӣ то ҳол дар баъзе аз давлатҳои пасошуравӣ қисман истифода мешаванд.

Ҳокимияти шуравӣ на танҳо ба анъана, расму оинҳои динӣ, ҳамзамон ба арзишҳои миллии халқҳои маҳаллӣ мубориза мебурд. Ҳизби ҳукмрони коммунистӣ ҷаҳонбинии дунявиро ба ҷаҳонбинии атеистӣ айният дода, ба неруи азими шуури динии аҳолии маҳаллӣ ва қудрати рӯҳониёни динӣ баҳои объективӣ дода натавонист. Дар илмҳои диншиносӣ ва исломшиносии шуравӣ «дин на ҳамчун як унсури тамаддуни башарӣ ва як зинаи ногузири ташаккули шууру ҷаҳонбинии инсоният баррасӣ мешуд, балки ба он ҳамчун як падидаи комилан манфии таърихи инсоният баҳо медоданд... нақшу таъсири он ба шууру тафаккур ва тарзи ҳаёти иҷтимоии мардум, ба хусус қишри ноогоҳи ҷомеа дуруст баҳогузорӣ намегардид»[114].

Низоми шуравӣ дар замони барқароршавии худ ба зидди ҳувияти динии халқҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ баромад намуда, ҷаҳонбинии материалистӣ ва атеистиро тарғиб менамуд. Тағйирёбии муносибати Ҳокимияти Шуравиро нисбат ба ислом ба се давра ҷудо намудан мумкин аст:

1. «Атеизми ҷанговар» ва фишороварӣ ба унсурҳои бегонаи синфии ҷомеа (аз барқароршавии Ҳокимияти шуравӣ то ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ);
2. Истифодаи дини ислом бо мақсадҳои сиёсӣ ва шаклгирии сохторҳои тобеи Ҳокимияти Шуравӣ аз ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то солҳои 70-уми асри XX (Идораи маънавии мусулмонони

[114] Нурулҳақов, Қ. Муносибати давлат ба дин дар даврони созандаи Истиқлолият [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 17.02.2023).

Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон, марказаш ш. Тошкент, 1943);

3. «Эҳёгардӣ»-и динӣ ва рушди худшиносии миллӣ (аз солҳои 70-уми асри XX то барҳамхӯрии Иттиҳодияи Шуравӣ)[115].

Бо вуҷуди таблиғоти пайвастаи атеизм ба Ҳокимияти Шуравӣ муяссар нагардид, ки шуур ва ҳувияти динии аҳолиро тағйир диҳад ва исломро аз ҳаёти иҷтимоӣ ҷудо намояд. Таълимоти исломи ба шароити шуравӣ мутобиқ гардида, аҳолӣ маросимҳои диниро дар шаклҳои гуногун ба анҷом мерасониданд. Масалан, масҷидҳо дар ниқоби чойхона ва клубҳо амал карда, аҳолӣ дар ин марказҳо ибодат менамуданд. То ҳол раванди ташаккули ҳувияти миллии халқҳои Тоҷикистон ба охир нарасидааст ва дар он унсурҳои динӣ хело устувор мебошанд. Тоҷикистон аз ҷиҳати исломизатсия ва сатҳи шуури динӣ дар Осиёи Марказӣ пешсаф буда, аҳолии он бо дараҷаи баланди эътиқод ва диндорӣ фарқ менамоянд.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX бозсозии шуравӣ ошкор намуд, ки нақшу таъсири дин дар тафаккур ва ҳаёти иҷтимоии мардуми шуравӣ ба инобат гирифта нашуда будааст ва бо вуҷуди тарғиботу ташвиқоти атеистӣ намояндагони «атеизми илмӣ» мафкураи динии аҳолии маҳаллиро тағйир дода натавонистаанд. Дар натиҷа неруҳои динӣ қувват гирифта, таъсири худро ба аҳолӣ бамаротиб зиёд намуданд, рӯҳониёни маҳаллӣ аҳолиро зидди ҳокимияти давлатӣ шуронида, пас аз истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Маҳз бо талошҳои шабонарӯзии Президенти Тоҷикистон ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию иқтисодии кишвар азнавсозӣ гардид, муносибати дин ва давлат ба танзим дароварда шуд, дунявияти давлат аз идеология ва сиёсат раҳоӣ ёфт, ба бухрони маънавӣ ва зидияти ҷаҳонбинии динию дунявӣ хотима дода шуд.

---

[115] Ниг.: Овсянников, Д.В. Суннитский ислам и государственная власть в Таджикистане: вопросы взаимодействия и идентификации / Д.В. Овсянников, Д.Г. Попов // Мусульманский мир. – 2017. – № 2. – С 8; Саидов, Ш. Ш. Исламский фактор в политических процессах Центральной Азии / Ш. Ш. Саидов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – № 1(53). – С. 199.

Раванди фаъолгардии рӯҳониёни динӣ дар Тоҷикистон аз солҳои 80-уми асри XX оғоз мегардад, ки ба заиф шудани низоми шуравӣ, суст шудани назорати давлатӣ аз болои дин ва қувват гирифтани ҷараёнҳои марказгурез ва миллигаро алоқамандӣ дорад. Ҳануз аз соли 1974 аз тарафи рӯҳонии тоҷик С.А.Нурӣ ба таври пинҳонӣ «Иттиҳодияи мусулмонии ҷавонон» ташкил карда шуда буд, ки ғайриқонунӣ амал мекард. Мақсади ин ташкилот паҳн намудани идеяҳои ислоҳотгароии мутафаккирони исломӣ, эҳёи ислом ва тағйир додани сохтори мавҷудаи шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Дар давраи азнавсозии горбачёвӣ чунин ҳаракатҳои динӣ ҳамчун неруҳои демократӣ дастгирӣ меёфтанд, дар натиҷа таваҷҷуҳи аҳолӣ, махсусан, зиёиён ба ҳувияти миллӣ, забон ва дин афзоиш ёфт ва боиси сар задани нахустин зиддиятҳо ва низоъҳои қавмию мазҳабӣ гашт.

Дар охири асри XX ва даҳсолаи аввали асри XXI дар Тоҷикистон дин аз назорати давлатӣ дур монда, ҳаёти динии ҷомеа пурра ба ихтиёри рӯҳониён гузашта буд. Аз ин вазъият намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни динӣ истифода бурда, мавқеи худро дар Тоҷикистон мустаҳкам намуданд. Ҳамзамон, пас аз барҳам хурдани идеологияи коммунистӣ фазои холии идеологиро ғояҳои динӣ пур карданд. Баъзе аз рӯҳониёни динӣ дар мактабҳои динии Шарқи наздик таҳсил карда, ақидаҳои ғайрианъанавии исломиро ба Тоҷикистон ворид намуданд. Бо ин сабаб, дар Тоҷикистон баръакси давлатҳои мутараққии ҷаҳон раванди десекуляризатсия авҷ гирифт ва байни намояндагони равияҳои гуногуни динӣ дар Тоҷикистон зидиятҳои динӣ пуршиддат гардид.

Пас аз истиқлоли давлатии Тоҷикистон масъалаҳои динӣ аҳаммияти бештаре пайдо карданд ва ба ҷустуҷуйи амсилаҳои наву муносиби робитаи байни дину давлат пардохтанд. Баъзе аз неруҳои сиёсӣ амсилаи робитаи дину давлати кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги Ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистонро қобили қабул дониста, ҳатто дар фикри эъмори ҷумҳурии исломӣ афтоданд. Натиҷаҳои зиддиятҳои шаддиди байни неруҳои исломгаро ва эъмори давлати

дунявӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Ҷомеашиноси тоҷик Р. Ҳайдаров дар ин масъала чунин навиштааст: «Мунокишаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки дар он мухолифини исломӣ фаъолона ширкат доштанд, тавассути муколамаи неруҳои дунявӣ ва мазҳабӣ ҳал шуд. Тоҷикистон дар ин замина ҳамчун як навъ лабораторияи иҷтимоию сиёсӣ амал кард, ки дар он амсилаҳои гуногуни муколамаи дунявӣ ва мазҳабӣ таҳия шуда буданд, ки дар оянда метавонанд дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ татбиқ шаванд»[116].

Пас аз созишномаи сулҳ ва мусолиҳаи миллии Тоҷикистон гурӯҳҳои исломгаро бо ҳукумати расмӣ пайваста, ҳаёти динии Тоҷикистон ба танзим даровард шуд. Дар натиҷа, неруҳои исломгаро, ки асосан хатмкунандагони донишгоҳҳои динии кишварҳои хориҷӣ буданд, ба Тоҷикистон таълимоти ҷараёнҳои гуногуни мазҳабӣ ва диниро ворид намуданд. Ҳодисаҳои минбаъдаи фазои динии Тоҷикистон нишон доданд, ки ҳокимияти давлатӣ ва донишмандони динии кишварамон барои муқовимат ба равияҳои динии ғайрианъанавӣ омода набудаанд. «Таҳаввулоти поёни даҳаи 1990 ва оғози солҳои 2000 омода набудани муассисоти динӣ ва рӯҳониёни маҳаллӣ барои истодагӣ дар баробари чолишҳои тоза ва рақобат бо мавҷи наве аз ҷараёнҳои диниро бармало сохт, аммо бетарафии мақомот дар ин замина мӯҷиб шуд, ки шахсиятҳои муътабари мазҳабӣ ба ҳошия ронда шаванд»[117].

Фаъолгардии рӯҳониёни динии Тоҷикистон аз солҳои 70-уми асри XX шуруъ гардид, ҳарчанд ин давра андешаҳои атеистӣ дар зеҳни мардум ҷой дода мешуд. Фаъолияти динии рӯҳониёни ин давра ба номи рӯҳонии шинохта Мавлавии Ҳиндустонӣ алоқамандии зич дорад, ки рӯҳониёни маъруфи Тоҷикистон, мисли А. Нурӣ, Эшони Нуриддинҷон, А. Тураҷонзода, Ҳикматуллоҳи Тоҷикободӣ, Махсуми Саидраҳмон ва дигарон дар пеши ӯ сабақ гирифтаанд. Ҳиндустонӣ, ки дар мадрасаҳои

---

[116] Хайдаров Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы Ислам в СНГ / Р. Хайдаров. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35.
[117] Исломи «суннатӣ» ё «маҳаллӣ» яъне чӣ? Таҷрибаи пиёдасозии он дар ҷомеаи Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://analytics.cabar.asia/ru (санаи истифодабарӣ: 26.12.2022).

динии Ҳиндустон таҳсил карда буд, аз онҷо усулҳо ва равишҳои нави таълими диниро ба Тоҷикистон овард. Мавлавии Ҳиндустонӣ бо шогирдони худ барои ташаккул додани сатҳи омӯзиш ва таълими динӣ нақши бузург бозиданд. Сарчашмаҳои исломи сиёсӣ ва ақидаҳои сиёсии рӯҳониёни исломӣ аз ин ҷо реша мегиранд.

Минбаъд дар солҳои 80-уми асри XX рӯҳониёни исломӣ мисли С.А. Нурӣ, Э. Нуриддинҷон ва дигар рӯҳониёни бонуфуз китобҳои динӣ, осори мутафаккирон ва ислоҳталабони исломиро дар Тоҷикистон паҳн мекарданд. Ҳамзамон, маҳфилҳои пинҳонии динӣ таъсис ёфта, дар он ҷо масъалаҳои гуногуни динӣ баррасӣ мешуданд. Ҳатто дар ин мафҳилҳо таълимоти сиёсии ислом ва нақши дин дар ҳокимияти сиёсӣ, ташкили ҳизбу созмонҳои динӣ, нақши рӯҳониён дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа мавриди баҳсу музокираҳо қарор мегирифтанд. Даврони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ҷавонони дар донишгоҳҳои динии хориҷӣ таҳсилдида таълимот ва ҷараёнҳои нави исломии ғайриҳанафиро ба кишвар ворид сохтанд ва ҷараёнҳои ифротии Ваҳҳобия, Салафия, Ҳизби таҳрир ва дигар равияҳои динӣ аз худ дарак доданд. Намояндагони равияҳои нави динӣ ба рақобат пардохтанд, онҳо бо кумакҳои молиявӣ ва маънавии хоҷагони хориҷии худ ҳарчи бештар муридону ҷонибдорони худро ҷамъ овардан мехостанд.

Албатта, рӯҳониёни суннатӣ ба зидди гумоштагони равияҳои динии ифротӣ бархостанд, бо тамоми неру кушиш мекарданд, ки пеши роҳи таълимоти ифротии онҳоро гиранд. Мутаассифона, ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдида аз кумаки молиявӣ ва маънавии неруҳои пурқудрати хориҷӣ бархурдор буданд ва баъдан, дар донишгоҳҳои динии хориҷӣ хуб «мағзшӯйӣ» шуда буданд, инчунин таҳсилоти амиқу ҳаматарафаи динӣ доштанд. Аз ин сабаб, рӯҳониёни суннатии Тоҷикистон бо онҳо самарнок муқовимат карда наметавонистанд ва дар баҳсҳои оммавӣ мағлуб мешуданд. Хушбахтона, ба рӯҳониёни маҳаллӣ давлат кумак расонид, фаъолияти равияҳои ғайрисуннатии ифротиро бо қонун манъ намуд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақш ва ҷойгоҳи мазҳаби ҳанафӣ дар кишварамон ҳифз карда шуд, ҳатто соли 2009 «Соли бузургдошти Имом Абуҳанифа» эълон гардид. Соли 2010 шаҳри Душанбе аз тарафи Ташкилоти исломӣ оид ба масъалаҳои таҳсилот, илм ва фарҳанг барои дастовардҳо дар рушди ислом «пойтахти фарҳанги исломӣ» эълон гардид. Соли 2013 бо супориши Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Имомхатибони масҷидҳои панҷвақта либоси ягона ва маош муқарар карда шуда, Қуръон бо забони тоҷикӣ тарҷума гардида, дар 200 ҳазор нусха ба нашр расонида шуд ва ройгон ба аҳолӣ тақсим гардид. Инчунин аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чопи китобҳои динӣ ва осори мутафаккирони бузурги динӣ даҳҳо миллион сомонӣ ҷудо карда шуданд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба дин таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои таҳсилоти динӣ ва фаъолияти қонунии ташкилотҳои динӣ дар Тоҷикистон шароитҳои мусоидро фароҳам сохта, ба паҳншавии ҳаракату равияҳои динии ифротиро монеа гаштанд. «Мардуми мамлакат барои иҷрои ниёзҳои динии худ дар як муддати кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ зиёда аз 5 ҳазор масҷид бунёд карданд. Акнун вақти он расидааст, ки маъракаи бунёди мактабҳо ва боғчаву кӯдакистонҳоро вусъат бахшида, дар ин кори хайр ҳама якҷо саъю талош кунем ва саҳми худро барои ояндаи давлату миллат гузорем, яъне ғами фарзандонамонро хӯрем»[118].

Зери роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ҳамчун давлати сохибихтиёр узви Конфронси давлатҳои исломӣ ва чандин ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба татбиқи эътиқод ва диндории шаҳрвандон мусоидат мекунад. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ вазъи диндорӣ дар Тоҷикистон ба буҳрон гирифтор гардида буд, дар кишвар гурӯҳҳои иҷтимоие ташаккул ёфта буданд, ки аз

[118] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 26.12.2019)

дин суистифода менамуданд ва ё ба дин зид мебаромаданд, мухолифатҳои арзишҳои динӣ, миллӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ дар кишвар авҷ гирифта буд. Ҳатто гурӯҳҳои мухолифини ҳукумат дар зери таъсири ҳаракатҳои экстремистию террористии хориҷӣ монда, дар мубоиризаҳои сиёсӣ аз дини ислом васеъ истифода мебурданд. Маҳз дар ин гуна шароит Роҳбари кишвар Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои динӣ ва дунявиро ба мувозинат овард, динро аз сиёсат ҷудо кард ва тозагии исломи суннатиро нигоҳ доштанд. «Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд»[119].

Дар натиҷа, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар фазои динии Тоҷикистон ҷой ва мақом гирифтани равияҳо ва мазҳабҳои ифротиро пешгирӣ намуда, ҳатто барои дар Федератсияи Россия манъ гардидани фаъолияти ин гуна равияю мазҳабҳо мусоидат намуданд. Яъне, бо кушишу ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон гаравиши муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки аксарияти кулл дар Федератсияи Россия қарор доранд, пешгирӣ карда шуд. Ин ҳама хизматҳои қаҳрамонононаи Президенти Тоҷикистон барои ҳифзи исломи суннатӣ ва мазҳаби ҳанафия ба ҳисоб меравад, ки дар таърих бо ҳарфҳои заррин навишта мешаванд. Бо заҳмату кушишҳои ҳокимияти давлатӣ тарғибгарони равияҳо ва мазҳабҳои ифротӣ дар Тоҷикистон хеле кам гардида, фазои ороми динии Тоҷикистон ҳифз карда шуд. Дар ин маврид ҷомеашиноси тоҷик Р. Ҳайдаров чунин навиштааст: «Дар Тоҷикистон мазҳаби ҳанафиро мазҳаби расмии ислом эълон карданд. Ин корро давлати Тоҷикистон ба хотири маҳдуд кардани густариши дигар

[119] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 26.12.2019)

ҷараёнҳои исломӣ, мисли салафия дар ҷомеаи Тоҷикистон анҷом додааст»[120].

Минбаъд дар Тоҷикистон ҳаёти динии аҳолӣ самаранок танзим мегардад, ки пеш аз ҳама ба таҳия ва амалӣ гардидани як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи дин алоқамандии зич дорад. Тоҷикистон то ҳол роҳҳо ва амсилаҳои муносиби робитаи давлат ва динро ҷустуҷӯ менамояд ва дар ин самт ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст. Ботадриҷ талаботҳо ва манфиатҳои динии шаҳрвандон дар сатҳи қонунӣ ва шоиста қонеъ гардонида шуда, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи дин такмил меёбанд. Дар ин гуна шароит бояд рӯҳониёни исломи суннатии Тоҷикистон аз ҳад зиёд ба кумаки давлат умед набанданд, худ барои мустақилона дифоъ намудани фазои динии Тоҷикистон аз равияҳои динии ифротгаро омода бошанд. Давлат тавассути ба роҳ мондани таҳсилоти босифати динӣ мутахассисони варзидаи соҳаи динро омода намоянд.

Бо қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаи дин муносибати дин ва дунявият рушд намуда, дар ҳаёти ҷамъиятӣ равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф ёфт, ваҳдати миллӣ дар асоси ба ҳам наздик намудани ҷанбаҳои дунявият ва дин барқарор гардид. Дунявият дар низоми давлатдории навини миллии Тоҷикистон мазмуну моҳияти тозаро касб намуда, такмил додани ҷаҳонбинии динӣ ва дунявӣ ҳуқуқи баробарро соҳиб гаштанд. Ҳамзамон дар алоҳидагӣ ташаккул ёфтани дин ва сиёсат, ҳамчун унсури муҳимтраини фарҳанг эътироф гардидани дин, такмил ёфтани амсилаҳои нави муносибати байни давлат ва дин шароитеро фароҳам оварданд, ки намояндагони дин ва дунявият ҳамзистии осоиштаро барқарор намуда, муносибатҳои динӣ бо роҳи осоишта ба танзим даровардa шаванд, амну субот ва ваҳдати миллӣ муҳимтарин арзиши иҷтимоӣ эътироф гарданд. Шинохти дин ба сифати зуҳуроти

[120] Хайдаров, Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы / Р. Хайдаров // Ислам в СНГ. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35.

иҷтимоӣ-фарҳангӣ заминаҳои эъмори давлати дунявиро мустаҳкам намуд, дин аз сиёсат озод гардид ва барои тарбияи маънавию ахлоқии шаҳрвандон нигаронида шуд, ки як дастовард ва таҷрибаи нодир дар кишвари тозаистиқлоли демократии Тоҷикистон ва умуман, Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Таърих ва вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи мо бори дигар собит намуд, ки дунявӣ будани Тоҷикистон роҳи дурусти рушди кишвар мебошад. «Имрӯз аз миёни 55 кишвари мусулмоннишин, беш аз 50 кишвари он дорои ҷомеаҳои чанддинӣ ва чандмазҳубӣ ҳастанд... амсилаҳои давлати мазҳабӣ дигар наметавонанд ҳамзистии мардум ва суботу амнияти ҷомеаҳои мусулмоннишинро таъмин намоянд... Ин вазъият бори дигар бартарии сохтори давлатдории дунявиро дар ҷомеаҳои мусулмоннишин исбот менамоянд... Танҳо давлати дунявӣ дину мазҳабҳо ва ихтилофҳои ақидатию мазҳабиро берун аз фазои муборизаҳои сиёсӣ ва қудратӣ нигоҳ дошта, шароити зарурӣ барои фаъолият ва ҳамзистии онҳоро таъмин менамояд»[121].

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар самти ба роҳ мондани муносибатҳои осоишта дар байни дин ва сиёсат, дунявият ва дин, озодии виҷдон ва эҳёи арзишҳои динӣ мухолифон ва душманони ғоявии ҷумҳуриямон аз хориҷ истода, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барои афрӯхтани низоъҳои динию сиёсӣ ва ақидавӣ дар Тоҷикистон тамоми кушишҳои худро истифода мебаранд. Онҳо сиёсати давлатии Тоҷикистон дар бораи динро муғризона ва нодуруст шарҳ дода, тарғиб менамоянд, ки дар Тоҷикистон ҳамаи озодиҳои динӣ маҳдуд карда шудаанд, ҳарчанд худи онҳо дар рушди ҳаёти динии Тоҷикистон ба ҷуз паҳн кардани ақидаҳои ифротгароӣ, ангехтани кинаю адовати динию мазҳабӣ, тарғиб ба гирдиҳамоӣ ва ҷангу ноамн сохтани вазъи босуботу ороми ҳаёти кишвар ягон хидмати назаррасеро ба анҷом нарасонидаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[121] Раҳнамо, А. Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист? / А. Раҳнамо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 65; 68; 69.

Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ чунин иброз доштанд: «Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатбор ҳеҷ умумияте бо дин, аз ҷумла бо дини мубини ислом надорад ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад»[122]. Ё «Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд»[123].

Дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ арзиши умумибашарӣ буда, дар ҷаҳони муосир ботадриҷ паҳн мегардад. Дунявӣ будани давлати Тоҷикистон маънои онро дорад, ки ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд, аммо диндорон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона ширкат меварзанд. Ба ин масъала муҳаққиқи соҳа Ғ.Ҷ. Мирзоев чунин нуқтаи назар дорад: «Мафҳуми дунявиятро гурӯҳҳои алоҳида самти зиддидинии низоми таълимот мефаҳманд ва ё онро ҳамчун озод будан аз арзишҳои динӣ ва ахлоқӣ мепиндоранд, ки комилан ба моҳияти пиринсипҳои ин таълимот мувфиқат намекунад... Ин масъала дар маҷмуъ барои татбиқи васеи

---

[122] Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 24.03.2022)

[123] Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.01.2016 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 24.03.2022).

принсипҳои дунявият дар ҷомеа ва хусусан таълими диншиносӣ дар низоми таҳсилот монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд»[124].

Низоми дунявият дар Ғарб ва Шарқ фарқ дорад, ва дунявияти шарқиро нусхаи дунявияти ғарбӣ донистан хато мебошад. Баъдан, таърихи давлатдорӣ ва фарҳанги сиёсии Шарқ аз Ғарб ҳамеша фарқ менамуд ва дар ҳамаи давлатҳои дунявӣ принсипҳои ягонаи давлатдории дунявиро татбиқ намудан номумкин мебошад. Айни замон бештари давлатҳои ҷаҳон мувофиқи хусусиятҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии миллати худ аз принсипҳои меҳварии дунявият истифода мебаранд.

Дар ин гуна шароит Тоҷикистон дунявиятро вобаста ба вазъи динии Тоҷикистон дар амал татбиқ менамояд ва унсурҳои фарҳангу ҳувияти миллӣ ва арзишҳои дини ислом ба инобат гирифта мешаванд. «Аз ин рӯ, ҳангоми ҳамчун сифати давлат қабул кардани дунявият ба тариқи механикӣ дар шакли ғарбӣ татбиқ намудани он худдорӣ кардан ва ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои миллию динии ҳар минтақа яке аз шартҳои муҳимми ҳифзи дунявият ва рушди ҷомеаи демократӣ мебошад. Ба эътибор нагирифтани ин ҷанбаи масъала метавонад дар роҳи ҳамзистии дину давлати дунявӣ душвориҳо эҷод намояд»[125].

Дар давлатҳои ғарбӣ дин ва ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудоянд, аммо давлат барои амалӣ сохтани барномаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии худ аз ташкилотҳои динӣ истифода бурда, тавассути муассисаҳои динӣ оммаи диндоронро ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҷалб менамояд. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудоанд ва онҳо ба корҳои давлатӣ дахолат намекунанд, аммо давлат аз дин ва ташкилотҳои динӣ ҷудо нест, зеро «давлат фаъолияти ташкилотҳои диниро дар доираи қонун муқаррар карда, тавассути он аз болои ташкилотҳои динӣ назорат мебарад ва

---

[124] Мирзоев, Г.Дж. Реформаторские тенденции в исламе (особенности, проблемы и перспективы) [Текст] / Г. Дж. Мирзоев. – Душанбе: Илм, 2022. – С. 35-36.

[125] Баъзе масоили усулии таносуби давлати дунявӣ ва дин [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 20.03.2023).

калисо дар ин робита ҳамчун пул дар байни дину давлати дунявӣ хизмат мекунад»[126].

Вазъи иҷтимоӣ-динии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад, дар Тоҷикистон ташкилотҳои ягонаи диние вуҷуд надоранд, ки фаъолияти динии мусулмононро пурра назорат ва идора намояд. Дар Тоҷикистон мусулмонон эътиқоди худ ва маросиму оинҳои диниро мустақилона ба амал мебароранд, ниёз ба миёнарав надоранд. Бо ин сабаб, давлат тавассути ташкилотҳои динӣ пурра тамоми фаъолияти мусулмононро ба танзим даровварда наметавонад. Аммо нақши рӯҳониёни алоҳидаи исломӣ дар амалӣ намудани анъанаҳо ва маросимҳои динӣ бузург мебошанд. Мардум ба фаъолияти ташкилотҳои динӣ аз рӯйи фаъолияти рӯҳониёни он баҳогузорӣ менамоянд. Бо ин сабаб, рӯҳониёни алоҳидаи исломӣ ё шахсони алоҳида барои расидан ба ҳадафҳои шахсии худ аз эътиқоди динии мардум истифода мебаранд. Аз ин хотир, муносибати осоиштаи дин ва давлати дунявӣ ба фаъолияти динии рӯҳониёни бонуфузи исломӣ алоқамандӣ дорад. Дар ин маврид ҷомеашиноси тоҷик Р. Ҳайдаров чунин навиштааст: «Имрӯз тибқи мантиқи элитаи ҳукмрон, принсипи ҷудоии дин аз давлат, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон эълон шудааст, дар ҷомеаи мусалмонони тоҷик амалӣ намешавад, яъне агар давлат назорати худро аз болои равандҳои динӣ суст кунад, дер ё зуд ҳаракатҳои муътадили исломӣ барои ба даст гирифтани ҳокимият талош хоҳанд кард. Дар баробари ин бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳарчанд худро давлати дунявӣ эълон карда бошад ҳам, ҷомеаи мусулмонӣ дорад, дар он ислом ба далели заъфи ҷомеаи шаҳрвандӣ нуфузи худро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ рӯз то рӯз бештар мекунад»[127].

Ҳоло аксарияти диндорон ба арзишҳои динӣ содиқ нестанд, зеро аз сабаби дилбастагии зиёд ба арзишҳои дунявӣ худро зоҳиран диндор

[126] Баъзе масоили усулии таносуби давлати дунявӣ ва дин [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 20.03.2023).
[127] Хайдаров Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы // Ислам в СНГ. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35.

меҳисобанд, аммо кулли талаботҳои диниро ба анҷом намерасонанд. Аксарияти кулли диндорон каҷрафториҳои гуногуни иҷтимоӣ ва зиддидинӣ содир менамоянд, аммо барои эҳтироми дигаронро ба даст овардан ва худнамоишдиҳӣ кӯр-кӯрона зоҳиран ба ибодату иҷрои маросимҳои динӣ машғул мегарданд, «арзишу падидаҳои динӣ тадриҷан хусусияти сатҳӣ, тақлидиро касб намуда, бештар ҳукми анъанаро гирифта истодааст»[128]. Як далели имони заиф доштани баъзе аз афроди «боимон» ва бо ном «тоҷирони мусалмон» боло бардоштани нархи молу маҳсулот дар моҳи шарифи Рамазон, Идҳои Рамазон ва Қурбон мебошад. Ҳоло баъзе аз доираҳои гурӯҳҳои ифротии динӣ ба рӯҳониёни сунатии маъруфи кишварамон бархурди сахт нишон медиҳанд, онҳоро «ҳукуматӣ» ва гумоштаҳои мақомоти амниятӣ меҳисобанд, бо ҳар роҳ кушиш менамоянд, ки мақоми иҷтимоии онҳоро паст зананд.

Дунявият ва падидаҳои дунявӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳо ва манфиатҳои модии воқеии одамон дар ҷомеа, мисли муҳити зисти мусоид, баланд бардоштани сатҳи накӯаҳволӣ, беҳдошти вазъи саломатӣ ва таъмини асбобҳои маишӣ ва монанди инҳо равона гардидаанд. Дар сурати зарурӣ талаботҳои моддӣ, ки заминаи падидаҳои дунявиро ташкил медиҳанд, ҳамеша ба талаботҳои динӣ ғолиб меоянд, зеро ҳар як инсон барои мавҷудият ва зиндагии худ талабот ба хӯрок, пӯшок ва манзили зист дорад. Ҳатто дин дар он дунё (биҳишт) ба инсон неъматҳои фаровони моддиро ваъда медиҳад ва дар ин маврид низ унсурҳои дунявият ба назар гирифта шудаанд. Маҳз зарурати қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ инсонро ба фаъолияти маънавӣ водор менамоянд ва арзишҳои моддӣ ҳамеша омили муаяйнкунанда ва таҳрикдиҳандаи фаъолияти иҷтимоии одамон мебошанд.

Ҳатто динҳои ибтидоӣ барои ташкил карда тавонистани ҳаёти шоиста ва қонеи талаботҳои моддӣ пайдо шуда буданд. Донишманди тоҷик К.А. Абдухалилзода дар ин бора чунин навиштааст: «Муаррихони

[128] Абдухалилзода К.А. Таносуби арзишҳои дунявӣ ва динӣ [манбаи электронӣ]. URL: // https://mit.tj/article/ (санаи истифодабарӣ: 24.12.2022).

дин зикр менамоянд, ки одами ибтидоӣ пеш аз шикор ба объекти эътиқоди худ мурочиат намуда, барои шикори бобарор мадад мечуст. Ҳангоме, ки шикор бобарор анчом намеёфт, вай объекти худро шикаста предмети дигарро объекти эътиқод қарор медод. Дар робита ба маънои баёнгардида дар Қуръон мо бо оятҳое вомехӯрем, ки дар онҳо сароҳатан гуфта мешавад, ки бутҳои шумо ба шумо кумак расонида наметавонанд. Аз ин маъно чунин хулоса бармеояд, ки манфиати дунявӣ дар интихоби объекти эътиқод аз назари Қуръон низ дар канор намондааст. Андешаҳои баёнгардида инчунин бо сатҳи интишори тотемизм низ асоснок мегардад. Қабилаҳои ибидоии Австралия ҳамон ҳайвонеро тотеми худ қарор медодаанд, ки ғизои асосии онҳо ба шумор мерафтааст. Далоили овардашуда ба таври қотеъ собит менамоянд, ки дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи чомеа барои инсон арзишу падидаҳои дунявӣ асосӣ ва муайянкунанда будаанд»[129].

Дунявият барои диндорон низ аҳамияти калон дорад ва барои қонеи талаботҳои моддӣ аз арзишҳои динӣ истифода мебаранд. Ҳарчанд рӯҳониён асрҳо боз ба зидди илму дунявият муқовимат менамоянд, олимону донишмандони дунявиро таъқибу қатл намудаанд (Николай Коперник, Чордано Бруно, Данте Алигери, Мартин Лютер, Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Бадриддин Ҳилолӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ ва дигарон) ва муқобили навовариҳо буданд, аммо имрӯз аз дастовардҳои илмҳои дунявӣ, мисли автомобил, самолёт, телефон, компютер, интернет, шабакаҳои ичтимоӣ, технологияи тиббӣ ва маҳсули дигари тафаккури илмӣ-техникии олимони дунявӣ самаранок ва васеъ истифода мебаранд. Онҳо имрӯз динро ба дастовардҳои илмӣ мутобиқ кардан мехоҳанд ва ақидаҳоеро низ мешунавем, ки ҳамаи ин дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар Қуръон ба таври рамзӣ гуфта шудаанд ва аз Қуръон сарчашма мегиранд. Секуляризм аллакай дини масеҳият, буддоӣ ва дигар динҳои давлатҳои

[129] Абдухалилзода К.А. Таносуби арзишҳои дунявӣ ва динӣ [манбаи электронӣ]. URL: // https://mit.tj/article/ (санаи истифодабарӣ: 24.12.2022).

мутараққиро фаро гирифт, аммо дар давлатҳои исломӣ, ки то ҳол илму кашфиётҳои илмӣ суст тараққӣ менамояд, раванди секуляризм босуръат паҳн намегардад, ҳатто дар Тоҷикистон раванди десекуляризм дар байни ҷавонон афзоиш меёбад.

Дар даврони шуравӣ дар Тоҷикистон асосан диндорон дар байни насли калонсол зиёд буданд, аммо пас аз истиқлолияти Тоҷикистон ин ҳолат комилан тағйир ёфта, мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ бештар ҷавонон ба дин майл намуда, дар байни онҳо қариб атеистон вуҷуд надоранд. Дар намози масҷидҳои ҷомеъ аксарияти кулли намозгузорон ҷавонон мебошанд. Сабаби асосии таваҷҷуҳи асосии ҷавонон ба дин ҷустуҷуйи мазмуну моҳияти зиндагӣ, дарёфти роҳҳои масъалаҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошад. Дин ба саволҳои ҷавонон оид ба моҳияти зиндагӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ, ноадолатиҳои иҷтимоӣ, ҳувияти иҷтимоӣ, бардошти мушкилоти зиндагӣ ва вазъи ногувори ҳаётӣ ҷавобҳои қонеъкунанда медиҳад.

Аз ин сабаб, ҷавонон нисбат ба иҷрои талаботҳои динӣ, пӯшидани либоси динӣ аз тарафи занон, ахлоқи динӣ, рафтори динӣ ва дигар масъалаҳои динӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Нисбати нафароне, ки ҳаёт ва арзишҳои дунявиро интихоб кардаанд, намоз намехонанд, нӯшокиҳои спиртӣ истеъмол мекунанд ё ба зидди пӯшидани ҳиҷоб ва намозхонии наврасону ҷавонон баромад мекунанд, нафрат ва эътирози худро озодона баён менамоянд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ «сатҳи диндории донишҷӯён назар ба нафақахӯрон баландтар аст... аксари мардони дорои даромади баланд ва миёна мунтазам як қисми даромади худро тавассути масҷидҳо ба корҳои хайрия медиҳанд»[130].

Сабабҳои зиёд шудани таваҷҷуҳи аҳолӣ, махсусан, ҷавонон ба дин агар аз як тараф, вазъи мушкили иҷтимоӣ-иқтисодии баъзе аз табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ бошад, аз тарафи дигар, низоми рушднаёфтаи таҳсилот

[130] Олимов, С. Молодежь и ислам в Таджикистане / С. Олимов // Страны и народы. – 2006. – №32. – С. 157-178.

ва сатҳи пасти саводу ҷаҳонбинии илмии ҷавонон мебошад. Ҷавонон аз сабаби наёфтани ҷойгоҳи худ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа барои ёфтани мазмуни зиндагии худ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии худ ба дин ва ташкилотҳои динӣ рӯ меоранд ва дар натиҷа боз ҳам динзада мегарданд. Ҷомеашиноси тоҷик Р. Ҳайдаров ин матлабро чунин арзёбӣ намудааст: «Солҳои охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи аҳолӣ, бахусус ҷавонон ба дини Ислом хеле афзоиш ёфтааст. Ин пеш аз ҳама ба вазъи душвори иҷтимоиву иқтисодӣ ва холигии идеологӣ, маънавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон марбут аст. Идеяҳои давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон эълон шудаанд, имрӯз дар ҷомеа на ҳамеша амалӣ мешаванд. Бар асоси ин, ба назари ман, мардум, дар аксар маврид ҷавонон дар ҷустуҷӯйи ҳақиқату адолат бештар ба дин, ба ислом рӯ меоранд. Зимнан, дар сурати надоштани таҳсилоти кофии дунявӣ, бештари ҷавонон бесавод ва ҷаҳонбинии танг ба воя мерасанд ва аз ин рӯ, дар ҷустуҷӯйи адолат ба масоҷид мераванд, ба доми фиреби афроди мазҳабӣ афтида метавонанд. Ин ба назари ман, яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосири Тоҷикистон аст»[131].

Десекуляризм ё дингароӣ дар байни тамоми табақаҳои иҷтимоии Тоҷикистон ба назар мерасад, ҷавонон аз пештара дида зиёдтар ба маросимҳои динӣ ҷалб гардида, дар фазои маънавии ҷомеа тафаккури динӣ мақоми муайянкунандаро соҳиб гашта, торафт ҷаҳонбинии илмии онҳо маҳдуд мегардад. Дар чунин шароит, ки дунявият такя ба арзишҳои дунявиро талаб менамояд, боло рафтани мақоми арзишҳои динӣ барои эъмори ҷомеаи дунявии демократӣ монеа мегардад. Азбаски гурӯҳҳои ифротӣ барои пиёда намудани ҳадафҳои муғризонаи худ ба тафаккури динии аҳолӣ такя менамоянд, пас десекуляризатсияи фазои динии Тоҷикистон ба пешрафти ҷомеа ва амнияти шаҳрвандон хатарҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Маҳз паҳншавии принсипҳои дунявият,

[131] Хайдаров, Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы / Р. Хайдаров // Ислам в СНГ. – 2012. – №2 (7). – С. 28.

баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури техникии ҷавонон барои паҳнгардии ҳаракату ҷараёнҳои ифротии динӣ монеа эҷод менамояд.

Натиҷаҳои мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки то ҳол бештари шаҳрвандон ба моҳияти дунявияти давлат сарфаҳм намераванд, бо ин сабаб, тамоми кушиҳои давлатро барои паҳн намудани арзишҳои дунявӣ ва тақвият додани тафаккури илмии шаҳрвандон амалҳои зиддидинӣ ва адами арзишҳои ахлоқӣ мепиндоранд. Ба андешаи аксарияти онҳо арзишҳои дунявӣ ба муқобили эътиқоду дини мардум нигаронида шудаанд ва аҳолиро бо роҳи куфр ва бединӣ мебаранд. Бо ин сабаб, бо вуҷуди тарғиботу ташвиқот ва роҳнамоиҳо то ҳол одамон ба илм эътимод надоранд, то ҳол барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва равонии худ ба «дуо» ва маслиҳатҳои рӯҳониён умед мебанданд ва ҳатто аз сабаби ғайрирасмӣ пулакӣ будани низоми тандурустӣ барои барқарор намудани саломатии худ ба доми муллоҳои «табиб» меафтанд.

Ҳолатҳое ҷой дорад, ки шаҳрвандон барои баргардонидани моликияти дар натиҷаи дуздӣ аздастдодаи худ на ба милитсия, балки ба мулло муроҷиат менамояд. Дар бастани никоҳҳои ғайрирасмӣ нақши муллоҳо хело калон аст, бо гирифтани маблағи муайян ҳатто барои паҳншавии биёрникоҳӣ мусоидат менамоянд. Сарчашмаи асосии бисёрникоҳӣ, махсусан, бисёрзании мардҳо дар Тоҷикистон маҳз рӯҳониёни динӣ ба ҳисоб мераванд. Дар рӯзҳои намози ҷумъа масҷидҳои ҷомеа пур аз намозгузорон шуда, роҳҳои назди масҷидҳо баста мешаванд, ҳатто кормандони давлатӣ, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, зиёиёну олимон ва донишҷӯёну хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пинҳонию ошкоро дар вақти корӣ ба ин гуна масҷидҳо мешитобанд. Кор ба дараҷае расидааст, ки кормандони ҳокимияти давлатӣ дар биноҳои давлатӣ ва ҳуҷраҳои кории худ ба ибодат машғуланд. «Аҳолӣ барои муҳокимаи мавзуъҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ ба масҷид меравад. Маҳз дар масҷид ҳама мавзуъҳое баррасӣ мешаванд, ки барои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ муҳим

мебошанд. Дар масҷид комилан ҳама гуна масъалаҳо, аз муносибатҳои байни одамон сар карда, то масъалаҳои глобалии иқтисодиёт ва сиёсати байналхалқӣ муҳокима карда мешаванд. Имрӯз дар Тоҷикистон ба саволҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятдоштаи аҳли масҷид маҳз муллоҳо посух медиҳанд ва афкори ҷамъиятии аҳолӣ маҳз дар масҷидҳо ташаккул меёбад»[132].

Десекуляризм дар Тоҷикистон дар иҷро намудани ҷашну маросимҳои динӣ, баргузории ҳаҷ ва ғайраҳо мушоҳида мешаванд. Баъзе аз шаҳрвандони кишварамон одитарин талаботҳои моддии аъзоёни оилаи худро қонеъ гардонида наметавонанд, аммо барои ҳаҷ пул ҷамъ мекунанд ва тамоми даромади худро ба маросими ҳаҷ сарф месозанд. Ҳол он ки бо ин маблағҳо шароити моддии худро беҳтар намуда, таҳсилоти босифати фарзандони худро ба роҳ мондан мумкин аст. Барои сафар ба ҳаҷ ва гирифтани унвони «ҳоҷӣ» ҳатто аз додани ришва ва фасод рӯй намегардонанд. Шаҳрвандон дар масҷидҳо маблағҳои зиёд хайр менамоянд, аммо барои сарфи онҳо ҳисоботи шаффофу дақиқ дода намешавад. «То замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои маросими ҳаҷ аз ҷониби шаҳрвандони кишвар ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ буд. Дар давоми 70 соли ҳукмронии Шуравии собиқ танҳо 31 нафар адои ҳаҷ намуда буд. Имрӯз талаботи қишри калонсоли ҷомеа, ки солҳои пеш имконияти адои ин фаризаро надошт, бештар аст. Маҳдудияти синнусолӣ барои адои ҳаҷ танҳо бо дарназардошти ин воқеият ва ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид дар ин ҷода барои калонсолон ворид карда шудааст»[133].

Дар ҳаёти иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дин нақши калон дорад, зеро аксарияти онҳо ба арзишҳои динӣ афзалият медиҳанд ва дин ба сифати дастгирии маънавӣ танзими муҳити иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ баромад менамояд. Мувофиқи натиҷаҳои

[132] Хайдаров, Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы / Р. Хайдаров // Ислам в СНГ. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35.
[133] Қурбонов Н. Оид ба ҳолати ҳуқуқу озодиҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/oid-ba-olati-u-u-u-ozodi-oi-din-dar-um-urii-to-ikiston.html (санаи истифодабарӣ: 25.12.2021).

таҳқиқотҳои илмӣ муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷӣ кишвар нисбат ба ватани худ боз ҳам диндортар мегарданд, зеро дар хориҷи кишвар ба мушкилоти иқтисодӣ, беадолатиҳо ва нобаробариҳои зиёди иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гашта, ягона неруи таскинбахши онҳо дин мебошад, баъдан, дин дар ин ҳолат омили ягонаи ҳамбастагӣ ва ҳамгироии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ баромад менамояд. Инчунин дар хориҷи кишвар рӯҳониёни динӣ нисбатан озодона фаъолият намуда, мақоми баланди иҷтимоӣ ва таъсири иҷтимоӣ доранд. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ба масҷидҳои исломӣ мераванд, намоз мехонанд, ҷавонписарон риш мемонанд ва дигар анъанаҳои диниро риоя ва иҷро мекунанд. Баъзе аз масҷидҳои исломии Россия ба маркази тарғиботи ифротгароии динӣ табдил ёфтааст, ки дар онҳо мазҳабҳои гуногуни дини ислом тарғиб карда мешаванд. «Аксар вақт муҳоҷирон тавассути масҷид ба ҷомеаи қабулкунанда ворид шуда, дар он ҷо на танҳо дастгирии маънавӣ, балки робитаҳои иҷтимоӣ пайдо мекунанд, ки мушкилоти асосии зиндагӣ – қонунигардонӣ, дарёфти манзил, шуғлро ҳал мекунанд. Нақши масҷид дар ташкили хайрия бениҳоят бузург аст. Дар баробари ҷамъоварии маблағ дар шакли андози мазҳабии «закот» дар масҷидҳо ҷамъоварии пул ташкил карда мешавад, ки барои кумак ба афроди мушаххас дар ҳолати зарурӣ равона шудааст»[134].

Ҳувияти иҷтимоии бештари муҳоҷирони меҳнатии хориҷии Тоҷикистон, ки аз муҳити тарбиявии Тоҷикистон берун мондаанд, ҳувияти динӣ мебошад. Дар раванди кору фаъолият дар хориҷи кишвар, махсусан, Россия муҳоҷирати меҳнатӣ ба мазҳабҳои гуногуни дини ислом рӯ ба рӯ мегарданд ва бо намояндагони онҳо муоширату ҳамкорӣ мекунанд. Муҳоҷирони меҳнатӣ зери таъсири мазҳабҳои гуногуни динӣ монда, ба буҳрони ҳувияти динӣ гирифтор мегарданд, зеро намояндагони мазҳабҳои гуногуни динӣ ба тарзи худ намоз мехонанд, ибодат мекунанд ё маросимҳои диниро ба анҷом мерасонанд. Дар

[134] Олимов, М.А. Трансформация идентичности в миграции: этничность и религия (на примере таджикской трудовой миграции в России) / М.А. Олимов, С.К. Олимова // Вестник Томского государственного университета. История. – 2019. – №59. – С. 162.

натиҷа онҳо зери таъсири мазҳабҳои гуногуни динӣ ва гӯрӯҳҳои ифротгарой мемонанд. Муҳоҷирони меҳнатии хориҷии Тоҷикистон, ки ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил шудаанд, кам нестанд. Ҳамзамон, фаъолон ва рӯҳониёни динии Тоҷикистон ба Россия рафта, ҷонибдорони худро ҷамъ меоранд. Ҳарчанд ин гурӯҳҳои ғайрирасмӣ баъзан дар асоси авлод, маҳал ва минтақа ташкил мешаванд, аммо намояндагони он ба якдигар на танҳо дар корҳои динӣ, балки дар масъалаҳои дунявӣ низ, мисли дарёфти ҷойи кор, гирифтани иҷозати қонунии машғулият ва будубош, ташкили кори шахсӣ, ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ, равон кардани нафарони фавтида ба ватан ва ғайраҳо кумаки назаррас мерасонанд.

Дурнамои рушди ҷомеаро илму технология муайян менамояд, ки асоси онро арзишҳои дунявӣ ташкил медиҳад. Аз ин сабаб, бояд аҳли ҷомеа дарк намоянд, ки қонеи талаботҳои заминавии инсон илм ва арзишҳои дунявӣ мебошанд. Танҳо таҳсилоти босифат, омӯзиши касбу ҳунар ва илмҳои дунявӣ рушди ҷомеаро таъмин намуда, талаботҳои рӯзафзуни моддӣ ва маънавии шаҳрвандонро қонеъ гардонида метавонанд. Дар Тоҷикистони соҳибихтиёри демократӣ ва ҳуқуқбунёд танҳо татбиқи принсипҳои дунявият ҳамзистии озодона ва таҳаммулпазиронаи намояндагони дину мазҳабҳои гуногунро таъмин карда метавонанд. «Танҳо дар шароити дунявият мумкин аст, ки баробарии пайравони дину мазҳабҳои гуногун дар назди қонун ва таъмини адолати иҷтимоиву судӣ имконпазир гардад. Дар давлатҳои теократӣ хоҳ масеҳӣ, хоҳ мусалмонӣ ва хоҳ динҳои дигар меъёрҳои воқеии таъмини адолат барои ҳамагон вуҷуд надорад. Масалан, ҳам дар шариат ва ҳам дар ҳуқуқи муқаддаси масеҳиён пайравони динҳои дигар субъекти комили муносибатҳои ҳуқуқӣ нестанд»[135].

Дигар хусусияти хоси фазои динии Тоҷикистон нисбат ба давлатҳои ғарбӣ дар он аст, ки дин барои шаҳрвандони Тоҷикистон на танҳо ибодат, балки тарзи зиндагӣ аст, тамоми паҳлуҳои ҳаёти

---

[135] Баротзода, Ф. Баъзе андешаҳо перомуни фарҳанги таҳаммулпазирӣ / Ф. Баротзода // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С. 15.

иҷтимоиро ба танзим медарорад. Бо ин сабаб, дин зуд ба майдони муборизаҳои сиёсӣ ва воситаи қонеъгардонии талаботҳои иҷтимоӣ суйистифода мегардад. Дар дини ислом ба гуногунандешӣ ва озодандешӣ майдони кам боқӣ гузошта шудааст ва дунявият, ки дар пояи озодандешӣ асос ёфтааст, барои ҳамкории дин ва давлат баъзе монеаҳо эҷод месозад. Баъдан, арзишҳои тоисломии Тоҷикистон ба арзишҳои динии миллат алоқаманд гаштаанд, аммо ҳоло дар доираи баҳсҳои баъзе аз рӯҳониёни исломии кишварамон арзишҳои тоисломӣ, мисли иду ҷашнҳои тоисломӣ, ки сирф миллиянд, ҷудо карда шуда, мавриди танқид ва инкор қарор мегиранд. Албатта, чунин ташаббусҳо барои ҳамкории дину давлат, ҳаёти таҳаммулпазиронаи тоҷикистониён ва ҳувияту худшиносии миллии шаҳрвандон, амнияти иҷтимоӣ ва сулҳу ваҳдати миллӣ паёмадҳои нохуб дорад.

Дин дар он вақт ба мардум хизмат карда, талаботҳои маънавии шаҳрвандонро қонеъ гардонида метавонад, ки агар ба сиёсат кашида нашавад, ба он ҳамчун арзиши маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ муносибат намоянд. Агар дин дар пайвастагӣ ба арзишҳои дунявӣ амалӣ гардад, он гоҳ ба сифати омили бузургтарини рушди ҷомеа ва зиндагии шоистаю сазовор баромад менамояд. Дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳарчанд дар ҳаёти воқеӣ арзишҳои дунявӣ, махсусан, дастовардҳои илму техника ва технологияи коммуникатсионӣ пурра истифода мегарданд (аз ҷумла рӯҳониёни ислом), аммо мақоми арзишҳои дунявӣ дар шуури шаҳрвандон нисбат ба арзишҳои динӣ хеле заиф аст.

Бо ин сабаб, олимону донишмандони бузурги илмҳои дунявӣ дар Тоҷикистон хеле ангуштшуморанд. «Дин чун анъанаи маънавӣ на танҳо барои як эътиқодманд, балки барои бедин, ки ба ҳувияти тамаддунии хеш эҳтиром дорад, аз решаҳои фарҳанги миллӣ худро ҷудо намедонад, ниҳоят муҳим аст. Барои бедин, дин на аз он сабаб аҳаммияти калон дорад, ки ба нуфузи «болотар» асос ёфтааст, балки бо сабаби ба он наслҳои зиёди пешгузаштагони ӯ пайравӣ мекарданд ва зиндагии худро тибқи талаботи имон бунёд кардаанд. Дар замони мо майли бисёре аз

камэътиқодон ва ҳатто беимонон барои пайвастан ба анъанаҳои рӯҳонӣ, ҳадди аққал дар сатҳи муҳимтарин арзишҳои рӯҳонӣ ва расму оинҳо равшан аст. Аз ин рӯ, онҳо тибқи қонунҳои динӣ акди никоҳ барпо мекунанд, мавлуд мегузаронанд, фарзандони худро таълим медиҳанд, мурдагонро ба хок месупоранд ва ғайра»[136].

Дар давлатҳое, ки ҷаҳонбинии илмии аҳолӣ рушд намудааст ва арзишҳои дунявӣ бартарӣ доранд, сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ хело боло рафтааст ва соҳаи илму техника ба дастовардҳои бузург ноил гардидааст. Мушкилотҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ин гуна давлатҳо бо таҳлилҳои илмию мантиқӣ роҳи ҳалли худро меёбанд, сармояи асосии ҷомеа илму дониш, ақлу хирад ва умуман, неруи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Агар кишвар аз захираҳои табии бой бошад ҳам, аммо аҳолӣ ба арзишҳои дунявӣ ва илму хирад такя накунанд, пас зиндагии шоёну арзандаро ташкил карда наметавонанд, аз ин захираҳо гурӯҳҳо ва шахсиятҳои алоҳида манфиат мебинанду халос. «Давлатдории миллиро бе асоси дунявият тасаввур кардан имконнопазир аст. Зеро дар такя ба он мо метавонем сохтори ҷамъиятӣ, истиқлолияти давлатӣ ва амнияти миллиро таъмин намуда, арзишҳои миллиро ҳифз ва барои рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам оварем»[137].

Албатта, дар муддати кутоҳ эъмори ҷомеаи дунявӣ ва ташаккул додани арзишҳои дунявӣ ғайриимкон аст. Барои мавқеи сазовор пайдо намудани арзишҳои дунявӣ дар Ғарб давраи муайяни таърихӣ лозим шуд. Сотсиолог Смит Д.Е. раванди ташаккули арзишҳои дунявиро дар давлатҳои аврупоӣ на кам аз 150-сол ҳисобида, онро ба се давра тақсим кардааст. Дар давраи аввал, калисо аз давлат ҷудо гардид, ки дар натиҷа идеологияи динӣ аз сиёсат ҷудо шуд, вале зиддияти байни давлат ва

---

[136] Наумо, С.Ю. От атеистического государства к светскому / С.Ю. Наумов, Н.Н. Слонов // Свободная мысль. – 2009. – №9. – С. 57; Яхьяе, М.Я. Светское и религиозное в современном обществе / М.Я. Яхьяев, Е.Г. Камышова // Исламоведение. – 2011. – №2. – С. 90-91.

[137] Азизӣ Р. Давлатдории миллиро бе асоси дунявият тасаввур кардан имконнопазир аст [манбаи электронӣ]. URL: https://euctj.org/rustam-aziz%D3%A3-davlatdorii-milliro-be-asosi-dunyaviyat-tasavvur-kardan-imkonnopazir-ast/ (санаи истифодабарӣ: 17.02.2023).

ниҳодҳои динӣ афзуд. Ин ҳолат давлатро маҷбур кард, ки нисбати ниҳодҳои динӣ чораҳои ҷавобӣ андешад. Давраи дуввум, таъсири давлат ба он ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки дар ҷомеаи анъанавӣ зери таъсири ниҳодҳои динӣ қарор доштанд, васеъ гардид. Дар давраи сеюм коркарди арзишҳои дунявӣ ба вуҷуд омад, ки онҳо дар асоси қонун ва ҳувияти миллӣ заминаи ташакули фарҳанги сиёсӣ шуданд[138].

Барои ташаккулёбии арзишҳои дунявӣ дар Тоҷикистон ҳоло вақти муайян лозим мебошад, зеро ҳарчанд дунявияти шуравӣ дар шуури омма нақш дорад, аммо ин гуна дунявият ба инкори дин ҳамчун арзиши фарҳангӣ нигаронида шудааст ва барои робитаи дин ва дунявият мусоидат карда наметавонад. Бояд дар байни арзишҳои дунявӣ барои арзишҳои динӣ ҷой ҷудо карда шавад ва ин арзишҳо бо ҳам мувофиқат карда тавонанд. Бо роҳи иҷборӣ ва фаврӣ дар шуури аҳолӣ ҷой додани арзишҳои дунявӣ номумкин аст, дар ин самт баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон ва тафаккури илмӣ-техникӣ хизмат карда метавонад. Ба андешаи ҷомеашиноси тоҷик Р. Ҳайдаров «Дар оянда бештари низомҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ имкони назорат бар нақши афзояндаи исломро доранд. Ин қонунигардонии ҳаракатҳои муътадили исломӣ аст... Дар ин сурат ислом ба идеологияи миллӣ ворид шуда метавонад. Аммо дар ин замина бо принсипи дунявияти давлати тоҷикон чӣ бояд кард? Роҳи дигар андешидани чораҳои радикалӣ алайҳи таъсири афзояндаи ислом дар ҷомеа мебошад. Аммо чунин «экстремизми дунявӣ» аз ҷониби давлат боиси афзоиши ифротгароии динӣ шуда метавонад. Роҳи сеюм, алтернативаи рушд низ вуҷуд дорад – ин ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии устувор мебошад. Мақомоти Тоҷикистон бояд ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар мусоидат кунанд. Танҳо сатҳи баланди шуур ва фарҳанги шаҳрвандӣ

[138] Ниг.: Баъзе масоили усулии таносуби давлати дунявӣ ва дин [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 20.03.2023).

ҳамчун кафолати пешгирии густариши фундаментализм ва ифротгароии динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон хизмат карда метавонанд»[139].

Ба назари мо барои эъмори ҷомеаи воқеан дунявӣ дар Тоҷикистон, ҳамкории дин ва давлат, ҳамзистии осоиштаи арзишҳои динӣ ва дунявӣ дар амал татбиқ намудани тадбирҳои зерин мусоидат намуда метавонанд:

1. Ташкили шароитҳои зарурӣ барои рушди демократия, фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳои озод;
2. Ташаккул додани иқтисоди бозаргонӣ, намояндагони синфи миёна ва соҳибкории хурду миёна;
3. Такмил додани қонунгузории соҳаи дин, ташкилотҳои динӣ ва пешгирии ифротгароии динӣ;
4. Такмил додани низоми назорати давлатии ташкилотҳои динӣ ва фазои динии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Ташаккул додани низоми таҳсилоти динӣ, баланд бардоштани сатҳи шуури динӣ ва донишҳои аҳолӣ дар бораи асли ислом ва дигар динҳо тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
6. Ҷалби рӯҳониёни маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, махсусан, дар муқовимат ба муқобили ифротгароӣ, терроризм, нашъамандӣ, каҷрафториҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо;
7. Дарёфти роҳҳои пешгирии мусоидати рӯҳониёни исломӣ дар рушди бисёрникоҳӣ дар Тоҷикистон ва таъмини устувории оила;
8. Пешгирии таъсир ва мавъизаҳои рӯҳониёни диние, ки тоқатнопазирии диниро тарғиб намуда, барои манфиатҳои шахсӣ аз эътиқоди динии аҳолӣ истифода мебаранд;
9. Пешгирӣ ва бартараф намудани фаъолияти фолбинию табибии муллоҳои мунофиқ, ҷоҳил ва фитнагар;
10. Дарёфт ва коркарди амсилаҳои нави иҷтимоӣ ва ҳуқуқии

[139] Хайдаров, Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы / Р. Хайдаров // Ислам в СНГ. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35.

ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар Тоҷикистон ва ғайраҳо.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин иброз доштаанд: «Дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти неруҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд»[140].

Хулоса, тафаккури динии шаҳрвандони Тоҷикистон решаи амиқи таърихӣ дорад ва барои ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ва паҳн намудани арзишҳои дунявӣ низоми чорабиниҳои мушаххасеро дар амал татбиқ кардан лозим аст. Дар Тоҷикистон барои амсилаҳо ва робитаҳои наву муносиби байни давлат ва дин, ташкилотҳои давлатӣ ва динӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ зарурӣ ба тасвиб расидаанд.

## 2.2. Вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Пас аз барқарор шудани Ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Марказӣ бо сабаби нуфузи калон доштани дини ислом ва рӯҳониёни исломӣ ба таҳсилоти динии аҳолӣ фишори зиёд оварда нашуд. Дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX Ҳокимияти шуравӣ на бо роҳи инкори дин, балки бо роҳи кушодани мактабҳо, клубҳо, китобхонаҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ бо дин мубориза мебурд. Аммо дар ташкили мактабҳои дунявӣ ба мушкилоти зиёд, махсусан, масъалаҳои молиявӣ, нарасидани мутахассисони соҳавӣ, маводи таълимӣ рӯ ба рӯ мегашт, инчунин дин, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ барои рушди таҳсилоти дунявӣ монеа мегаштанд. «Дар сарзамини Осиёи Марказӣ, ки тамоми тарзи зиндагиро асосҳои дини мусулмонӣ танзим мекард, таълими якҷояи писарону духтарон душвор буд. Аксар волидайн ба таҳсили фарзандонашон дар мактабҳои дунявӣ танҳо ба шарте ризоият додаанд, ки муаллим салла ва

[140] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 26.12.2018)

ҷома ба бар кунад ва фарзандон намоз хонанд ва ғайра. Дар Ҷумҳурии Бухоро, ки тибқи барномаи таълимии мактабҳои дунявӣ барои таълими динӣ вақт ҷудо карда мешуд, хонандагони ба синни 14-сола расида ба таври ихтиёрӣ дар масҷид асосҳои исломро омӯхта метавонистанд»[141].

Дар ин давра мактабҳои динӣ дар байни халқ мақоми баландро соҳиб гашта, дар баробари мактабҳои дунявӣ амал мекарданд ва новобаста ба фишору монеагузориҳои Ҳокимияти шуравӣ нисбат ба мактабҳои дунявӣ ҳолати хуби моддӣ ва моливӣ доштанд. Аҳолӣ ба мактабҳои динӣ кумакҳои молиявӣ мерасониданд ва ҳамзамон аз ҳисоби даромади заминҳои муассисаҳои динӣ (вақф) маблағгузорӣ мешуданд. Омӯзгорони динӣ дар байни аҳолӣ мақому мартабаи баланд доштанд ва онҳо дар устувории мактабҳои динӣ мусоидат менамуданд. Масалан, дар шаҳри Хиваи Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм шумораи хидматгузорони ташкилотҳои динӣ, хонандагони мадраса ва мактабҳои анъанавӣ ба 2550 нафар рафта мерасид, ки ҳамаи онҳо аз ҳисоби даромадҳои вақф зиндагӣ мекарданд. Моҳи октябри соли 1923 дар ин ҷумҳурӣ 89 мактаби динии анъанавӣ вуҷуд дошт[142].

Аз миёнаҳои солҳои 20-уми асри XX сар карда, муносибати ҳокимияти шуравӣ ба мактабҳои динӣ тағйир меёбад, биноҳои таълимии динӣ ба мактабҳои дунявӣ табдил дода шуда, аз ҳисоби даромади вақф мактабҳои советӣ кушода мешуданд. Дар ин давра шумораи мактабҳои шуравӣ якбора афзуд, соли 1927 дар Андиҷон 207 мактабҳои анъанавӣ ва 277 мактабҳои шуравӣ, дар Фарғона 118 мактаби анъанавӣ ва 272 мактаби шуравӣ, дар Зарафшон 120 мактаби анъанавӣ ва 110 мактаби шуравӣ, дар Хуҷанд 68 мактаби анъанавӣ ва 90 мактаби шуравӣ амал мекарданд[143].

---

[141] Базаров М. Советская религиозная политика в Средней Азии. 1918-1930гг. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.vub.be/sites/vub/files/nieuws/users/bcoppiet/150sovetskaya_religioznaya.pdf (санаи истифодабарӣ: 24.03.2023).

[142] Ниг.: Базаров М. Советская религиозная политика в Средней Азии. 1918-1930гг. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.vub.be/sites/vub/files/nieuws/users/bcoppiet/150sovetskaya_religioznaya.pdf (санаи истифодабарӣ: 24.03.2023).

[143] Ниг.: Икрамов А. Об идеологической работе / А. Икрамов // Избранные труды в 3-х томах. Т.1. – Ташкент: Узбекистан, 1972. – С. 289.

Минбаъд аз барномаи таълимии мактабҳои шуравӣ омӯзиши динӣ берун карда шуда, ҳатто фаъолияти рӯҳониён дар мактабҳои шуравӣ ва маорифи халқӣ маҳдуд гардид. Ҳокимияти шуравӣ ҳатто нисбати рӯҳониёне, ки ба шароитҳои низоми шуравӣ мутобиқ гашта буданд ва дар мақомоти давлатию ҳизбӣ кор мекарданд, эътимод надоштанд ва ба онҳо бо шубҳа менигаристанд. Дар натиҷа боварии рӯҳониён ба мактабҳои шуравӣ кам гардида, онҳо дар байни халқ тарғиб менамуданд, ки фарзандонашонро дар мактабҳои дунявӣ нагузоранд, то аз дин берун нагарданд. Хатогиҳои ҷиддии мақомоти ҳизбӣ ва шуравӣ сабаб шуданд, ки дар ин минтақаҳо ҳаракатҳои босмачигарӣ авҷ гирифта, дар ин мубориза̄ҳо аксарияти аҳолӣ тарафи рӯҳониёни диниро мегирифтанд.

Бо барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Аморати Бухоро тағйиротҳои кулии иҷтимоӣ-сиёсӣ рӯй медиҳанд, масъалаи ислоҳоти динӣ бо раванди секуляризатсияи иҷборӣ дур партофта мешавад. Дар натиҷа тамоми ҳавзаҳои ислоҳоти динӣ аз байн мераванд, Аморати Бухоро аз олами ислом ҷудо карда шуда, донишмандони динӣ мавриди таъқиби ҳокимияти нави сиёсӣ қарор мегиранд. Кӯшиши тағйирдиҳӣ ва азнавсозии таҳсилоти динӣ аз байн меравад. Ҳокимияти шуравӣ таҳсилоти диниро комилан манъ намуда, раванди ҷудо намудани дин аз давлат ва мактаб аз мадраса шуруъ мегардад. Давлат низоми таҳсилотро ҷиддӣ зери назорат гирифта, таҳсилоти диниро аз байн мебарад.

Ҳокимияти шуравӣ таҳсилоти диниро ҳамчун нишондиҳандаи саводнокии аҳолӣ эътироф намекард, бо ин сабаб, пас аз барқарор шудани Иттиҳодияи Шуравӣ дар Осиёи Марказӣ аксарияти аҳолӣ бесавод ҳисобида шуда, раванди «маҳви бесаводӣ» оғоз мегардад. Тамоми аҳолии хурду калонсол ба низоми таҳсилоти дунявӣ фаро гирифта мешаванд. Низоми таҳсилот барои паҳн намудани идеологияи сотсиалистӣ ва сохтмони коммунизм хеле муҳим дониста мешуд. Бо ин сабаб, Ҳокимияти шуравӣ барои паҳн намудани идеологияи коммунистӣ, пеш аз ҳама, аз низоми таҳсилот истифода мебурд. Дар

натиҷа, низоми таҳсилоти динӣ пурра решакан гардида, шакл ва методологияи таҳсилот комилан дигаргун карда мешавад.

Ҳокимияти шуравӣ тамоми мадрасаҳо ва муассисаҳои динии Осиёи Марказиро аз байн бурд, бузургтарин донишмандони динӣ ҳамчун «душмани халқ» ё кушта шуданд ва ё бадарға гардиданд. Таҳсилоти динӣ мақоми расмии худро аз даст дод, тамоми адабиёти динӣ ва умуман, адабиёти илмии бо ҳуруфоти форсӣ иншогардида нобуд карда шуданд. Дар саросари Иттиҳодияи Шуравӣ тарғиби атеизм шуруъ мегардад ва анъанаҳои таҳсилоти динӣ хароб карда мешаванд. Ба ақидаи донишманди тоҷик С. Расулов «дар давраи шуравӣ омӯзиши дин манъ шуда буд, мардум саводи кофии динӣ надоштанд ва дастрасии кофӣ низ ба адабиёти динӣ вуҷуд надошт... дар доираи нозукиҳои шариат мардум танҳо ба он донишҳое такя мекарданд, ки аз уламои динӣ шунида буданд... мардум мафкураи эътиқодии худро бо ин донишҳо пур мекарданд, ки мутаассифона аксаран сатҳию рӯякӣ буданду бо тобиши субъективӣ таблиғ мегаштанд»[144].

Пас аз хотима ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳаёти динии аҳолӣ баъзе тағйиротҳо ба мушоҳида мерасанд, сарварони шуравӣ нисбат ба дин каме гузаштҳо менамоянд. Ҳатто соли 1947 дар Бухоро мадарасаи Мири Араб кушода мегардад, ки яке аз марказҳои асосии омода намудани рӯҳониёни дини ислом барои тамоми Иттиҳодияи Шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Рӯҳониёне, ки ин мадарасаро хатм мекарданд, зери назорати ҷиддии Кумитаи амният қарор доштанд. Соли 1971 Институти исломии Тошкант кушода мешавад, ки дигар маркази омода намудани мутахассисони динӣ маҳсуб мешуд, «дар 25 соли мавҷудияти худ (1971-1995) ҳамагӣ 378 нафарро омода намуд, ки ба ҳисоби миёна 15 нафар дар як сол хатмкунанда дошт»[145].

---

[144] Расулов С. Сиёсикунонии дин таҳдид ба оромии ҷомеа / С. Расулов // Тоҷикистон дар масири истиқлолият ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 5-6-уми январи соли 2017. – Душанбе, 2017. – С. 62.

[145] Абдулло Хаким Рахнамо. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / Абдулло Хаким Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. –

Бо вуҷуди ҳамаи гузаштҳо сиёсати зиддидинии Ҳокимияти шуравӣ мустаҳкам буд. Дар нимаи дуюми асри XX дар таҳсилоти динии шаҳрвандон баъзе сабукиҳо дода шуд. Бузургтарин рӯҳониёни диние, ки ба таъқиби сталинӣ гирифтор шуда буданд ва зинда монда буданд, озод карда шуданд. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ роҳбарияти Иттиҳодияи Шуравӣ барои неруманд намудани Артиши Шуравӣ ва пешгирии вокунишҳои неруҳои динӣ (зеро аксарияти шаҳрвандони Осиёи Марказӣ ба ислом эътиқод доштанд) ба пешвоёни динӣ каме сабукиҳо доданд, Идораи маънавии осиёмиёнагии мусулмононро (1943) таъсис доданд. Фаъолияти ин идора ба назорати дини ислом, ташкилотҳои динӣ, қонеи талаботи мусулмонон барои анҷом додани анъана ва маросимҳои динӣ нигаронида шуда буд. Дар баробари Идораи маънавии осиёмиёнагии мусулмонон ба таҳсилоти динӣ лидерҳои динии маҳаллӣ низ машғул мешуданд, маросимҳои диниро пеш мебурданд. Мавқеи тобеияти Идораи маънавии осиёмиёнагии мусулмонон ба давлат ва амали рӯҳониёни расмии он боис гардид, ки аҳолии эътиқодманд ва рӯҳониёни ғайрирасмӣ фаъолияти онро танқид намоянд.

Ҳокимияти шуравӣ пас аз озод намудани рӯҳониёни исломӣ фаъолияти онҳоро назорат менамуд, зеро онҳо ба таълими пинҳонии асосҳои исломӣ шуруъ намуданд. Дар натиҷа мактабҳои пинҳонии хонагӣ («ҳуҷрагӣ») пайдо шуданд, ки донишҳои исломӣ ба таври пинҳонӣ аз як насл ба насли дигар дода мешуданд. Рӯҳониёни исломӣ бо эҳтиёткории зиёд дар хонаҳои худ ба таври пинҳонӣ, асосан, шабона ба шогирдони худ таълимоти динӣ медоданд. Таълимоти динии онҳо ба барномаҳо ва адабиёти динии тошуравӣ асос ёфта буд.

Рӯҳониёне, ки дар ин мактабҳои пинҳонӣ таҳсил мекарданд, дар байни халқ мақому мартабаи бузург доштанд ва аз эҳтироми хоса бархурдор буданд ва баъзеи онҳо то ҳол нуфузи худро нигоҳ медоранд.

№5 (251). – С. 63; Олимов, М. Историки исламские интеллектуалы в Центральной Азии XX в. / М. Олимов, С. Шохуморов // Восток (Oriens). – 2003. – №6. – С. 33-47.

Ҳатто он фаъолони динии бонуфузи Тоҷикистон, ки хатмкунандагони муассисаҳои расмии динӣ (донишгоҳҳои динии хориҷӣ) ҳастанд, мисли Хоҷи Акбар Тураҷонзода, Хоҷи Ҳусейн Мусозода, Хоҷи Муслиҳиддин Мукарамзода, Ибодулло Калонзода, Хайдар Шарифзода ва дигарон низ асоси донишҳои динии худро аз мактабҳои динии хонагӣ гирифта буданд.

Мактабҳои хонагии динӣ дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон хеле зиёд мешаванд ва дар охири мавҷудияти давлати шуравӣ ошкоро ба таълими динӣ машғул буданд. Махсусан, дар деҳот аксарияти наврасону ҷавонон донишҳои ибтидоии динии худро дар ин гуна мактабҳо динӣ мегирифтанд. Рӯҳониёни динӣ аз рӯйи барномаи хоси худ таълим медоданд, мақоми баланди иҷтимоӣ доштанд ва барои таълими худ пул намегирифтанд. Падару модарони толибилмон ба ин рӯҳониён туҳфаҳо ва хизматҳои гуногун мерасониданд.

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳодияи Шуравӣ ва кушода шудани институтҳои расмии таҳсилоти динӣ дар ҳар як деҳа ва маҳалла мактабҳои хусусии динии хонагӣ амал мекарданд, ки сабақгирӣ ном дошт. Дар ин мактабҳо шогирдон ба асосҳои ибтидоии дин (алифбои дин) ошно мегардиданд. Китобҳои асосии ин мактабҳои ибтидоӣ «Қоидаҳои Боғдодӣ» ва «Заруриёти динӣ» буданд. Дар сабақгирӣ ҷавонони маҳал, ҳатто калонсолон ба «Чаҳор китоб», «Ҳафтяк», осори классикони адабиёти форсӣ Саъдӣ, Бедил ва Ҳофиз шинос шуда, ба толибилмон асосҳои ҳуруфоти арабӣ, сураю оятҳо, қоидаҳои таҳорат, намоз, рӯза, тарзи зиндагии исломӣ ва интизому ахлоқи динӣ омӯзонида мешуданд. Таҳсилоти динӣ имкон медод, ки қобилияти бахотиргирӣ, сухангӯйи ва мушоирати наврасону ҷавонон, ки мактабҳои дунявӣ таваҷҷуҳи кофӣ надоштанд, беҳтар гардад.

Ҳатто мактабҳои динии хонагии занона амал мекарданд, ки занони дорои донишҳои динӣ ба занону духтарон таҳсилоти динӣ медоданд. Ба духтарон на танҳо дониши динӣ, балки тарзи зиндагии мусулмонӣ,

принсипҳои заминавии ахлоқи занони мусулмон, ҳурмати шавҳар, мардони оила ва волидайн, умуман, ҷанбаҳои гендерии динӣ омӯзонида мешуд. Бо ин сабаб, волидайн таҳсилоти динии духтарони худро аз таҳсилоти дунявӣ афзалтар мешумориданд.

Дар ибтидои соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон бо сабаби мушкилии вазъи иқтисодӣ аксарияти мардон барои таъмини модии оила ба муҳоҷирати меҳнатии дурударози хориҷӣ мерафтанд ва имкониятҳои таълиму тарбиявии занони хона барои фарзандон, махсусан, ҷавонон маҳдуд буд. Дар ин ҳолат, тарбияи динии фарзандон дар назди рӯҳониёни маҳалла норасоиии захираҳои таълиму тарбиявии оиларо ҷуброн карда метавонист. Баъзе аз волидайн фарзандони худро аз муассисаҳои таҳсилоти дунявӣ гирифта, дар ин мактабҳои хусусӣ мегузоштанд ва таълими диниро аз дунявӣ афзалтар мепиндоштанд.

Рӯҳониёни маҳалла ба фарзандони оилаҳои муҳоҷир таълиму тарбия дода, то дараҷае рафтори онҳоро назорат карда, пеши роҳи каҷрафториҳои онҳоро мегирифтанд. «Дарсҳои динӣ зиндагии ҳаррӯзаи наврасони бесарпаноҳро ба низом меоранд, онҳоро масъулиятшиносиро меомӯзонанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва динии маҳаллаашон ширкат кунанд. Ин машғулиятҳо на танҳо як алтернативаи қобили қабул ба «кӯча» мебошанд. Тавассути чунин дарсҳо муҳоҷирони ҷавони шаҳрӣ, ки дар канора зиндагӣ мекунанд ва дар шаҳр робитаи иҷтимоӣ надоранд ва бинобар камбизоатӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ кам иштирок мекунанд, дар сохтори муайян ва инчунин низоми дастгирии иҷтимоӣ ҷойи худро меёбанд, хешовандони ғоибшударо иваз мекунад ва барои ҳамгироии амиқтар ба муҳити маҳаллӣ имкон медиҳад. Ҳамзамон, иштирок дар дарсҳои масҷидҳо ба наврасон сифати нав мебахшад, имкон медиҳад, ки онҳо аз ҳамсолони худ фарқ кунанд, худшиносӣ ва мақоми худро баланд бардоранд. Онҳо дар ҷомеа мавқеи маргиналиро ишғол карда, ба умеди мақом ёфтан дар ҷомеа ва бештар шудани

имконияти ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба сабақгирӣ меравандъ»[146].

Пас аз мактабҳои хусусии динии ибтидоӣ муҳассислин таҳсилоти худро дар мактабҳои дараҷаи баландтар, ки дар он ҷо мазмуни курси таълимӣ ва таълими фанҳо хеле баланд буд, идома медоданд. Чунин мактабҳоро рӯҳониёни бонуфуз роҳбарӣ менамуданд. Хатмкардагони мактабҳои динии хонагӣ мақоми расмӣ надоштанд, донишҳои онҳо бо ҳуҷҷати расмӣ тасдиқ карда намешуд, аммо дар байни аҳолӣ мақоми баландро соҳиб буданд. Ҳатто баъзе аз ҷавононе, ки муддати дароз сабақ гирифта, шогирдони пешқадами мактабҳои хонагӣ буданд, дар байни аҳолӣ мақоми баланд пайдо намуда, ба дараҷаҳои лидерҳои динӣ ва хатибони масҷидҳо расидаанд.

Ҳарчанд дар охири ҳукумронии Иттиҳодияи Шуравӣ мактабҳои расмии динӣ вуҷуд доштанд, аммо аҳолӣ барои гирифтани дониши динӣ ба рӯҳониёни бонуфуз муроҷиат мекарданд. «Дар давраи аз солҳои 1980 то соли 1992 дар пойтахт ва канорҳои он чунин мактабҳои хонагии сатҳи миёна ва бузург, мисли мактаби Мавлавии Ҳиндустонӣ дар маҳаллаи «Шелкомбинат»-и ш. Душанбе, Домулло Эшонҷон дар маҳаллаи «Ҷанубӣ»-и ш. Душанбе, Мулло Абдулғаффор дар маҳаллаи «Пестел»-и ш. Душанбе, Махсуми Садриддин дар шаҳраки «Телмон»-и назди ш. Душанбе, Мулло Тоҳир дар маҳаллаи «Док»-и ш. Душанбе, Махсуми Сайраҳмон дар маҳаллаи «Мясокомбинат»-и ш. Душанбе, Махсуми Убайдулло дар шаҳраки «Гулбутта»-и ш. Душанбе, Домулло Абдулхай дар маҳалли аҳолинишини «Оли Совет»-и ноҳияи Рӯдакӣ, Эшони Нуриддинҷон ва Эшони Маҳмудҷон дар ш. Ваҳдат ва ғайраҳо амал мекарданд»[147].

Дар мактабҳои хусусии хонагӣ фарзандони намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа таҳсил мекарданд. Вобаста ба мақому мартабаи домуллоҳо шумораи шогирдонашон дар як вақт то садҳо

---

[146] Шувалова, Н.Б. Образование, молодежь и ислам в Таджикистане / Н.Б. Шувалова // Реферативный журнал: Востоковедение и африканистика. – 2011. – №11. – С.56-61.

[147] Абдулло Хаким Рахнамо. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / Абдулло Хаким Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. – № 5 (251). – С. 64-65.

нафар рафта мерасиданд. Масалан, миқдори шогирдони домуллои маъруфи ноҳияи Исфара Наимҷон дар соли 2001 ба 100 нафар ва шогирдони Эшони Маҳмудҷон дар ин давра ба 120 нафар рафта мерасид. Ё ин ки аз мактаби хусусии динии Махсуми Садриддин то соли 2003 5 ҳазор шогирд гузашта будааст[148].

Дар ҳавлии худ домулло як қисми хонаи худро барои оила ва фарзандон ва қисми дигари ҳавлиро барои шогирдон ҷудо мекард. Шогирдоне, ки барои таҳсил аз роҳҳои дур меомаданд, дар хонаи домуллоҳо меистоданд ва таҳсил мекарданд. Таъминоти модии шогирдон аз ҳисоби падару модари онҳо ва кумаки модию молиявии пайравон ва муридони домуллоҳо буд. Шогирдон дар хонаи домулло худ хӯрок таёр карда, либосҳояшонро мешустанд ва тозагии ҳуҷраҳоро таъмин мекарданд. Инчунин шогирдон ба корҳои хонагӣ ва кишоварзии домуллоҳо кумак мерасониданд.

Таҳсил давоми рӯз то бегоҳ давом мекард ва шогирдон аз рӯйи як барнома таҳсил намекарданд. Ҳар як шогирд вобаста ба қобилияти худ зина ба зина китобҳои гуногуни диниро аз худ мекард. То шогирд як китоби диниро пурра аз худ намекард, ба омӯзиши дигар китоб намегузашт. Баъзан шогирдони сустхон солҳо вақти худро ба омӯзиши як китоб сипарӣ мекарданд.

Баъзе аз мактабҳои хусусии динӣ дараҷаи баланди таҳсилоти диниро ба роҳ монда буданд. Яке аз чунин мактабҳои ҳуҷрагӣ дар шаҳри Душанбе мактаби динии Мавлавии Ҳиндустонӣ (Муҳаммадҷон Рустамов) ба ҳисоб мерафт. Мавлавии Ҳиндустонӣ яке аз асосгузорони «ҳуҷра» ба ҳисоб рафта, дар таҳсили хонагӣ ва методикаи таълими дин дар шароити хонагӣ саҳми калон гузоштааст. Ӯ методикаи таълими динӣ дар мадрасаҳои ҷаҳонӣ истифодашавандаро ба шароити Тоҷикистон мутобиқ намуд ва шогирдони зиёдеро омода кардааст, ки дар рушди минбаъдаи таҳсилоти динӣ нақши калон гузоштаанд.

[148] Ниг.: Абдулло Хаким Рахнамо. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / Абдулло Хаким Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. – № 5 (251). – С. 65.

«Мувофиқи шаҳодати бисёриҳо Қори Муҳаммадҷон дар давоми таҷрибаи омӯзгории худ дар солҳои 50-80-уми асри XX зиёда аз 200 шогирдони баландихтисосро тайёр кардааст» [149].

Дар мактаби хусусии Мавлавии Ҳиндустонӣ фанҳои диние дарс дода мешуд, ки дар мактабҳои динӣ ба назар намерасиданд. Ба мактаби Мавлавии Ҳиндустонӣ ҳамон шогирдоне қабул карда мешуданд, ки таҳсилоти динии дигар мактабҳои ибтидоии ҳуҷрагиро гузашта буданд ва дар сатҳи муайян дониши динӣ доштанд. Мавлавии Ҳиндустонӣ адабиёти араб, адабиёти ҷаҳон ва таърихи дин, мантиқ, риторика, шарҳи Қуръон ва ҳадисҳо, фиқҳи исломӣ, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ ва «Бедилшиносӣ»-ро таълим медод, аммо ӯ бештар дар таълими Бедилшиносӣ машҳур гашта будааст.

Дар мактаби Мавлавӣ ҳатто илмҳои дунявии табиӣ (китоби «Ҳикмат») ва тиббӣ («Ал-қонун»-и И. Сино) дарс дода мешудааст, худи Мавлавӣ да бораи тибби анъанавӣ дониши кофӣ доштааст. «Ҳамзамон дар мадрасаҳои асри XIX ва ибтидои XX азхуд намудани эҷодиёти мураккаби Бедил қуллаи баландтарини илм ҳисобида мешуд. Имрӯз дар ин сатҳ чунин рӯҳониёни машҳур, мисли Эшони Нуриддинҷон (ш. Ваҳдат), Домулло Ҳикматулло (ноҳияи Тоҷикобод, вафот кардааст), Домулло Муҳаммадӣ (ноҳияи Қумсангир), Домулло Абдулҳай (ш. Душанбе) ва дигарон дарс медиҳанд» [150]. Дар охири умри худ Мавлавӣ ба сифати маъруфтарин рӯҳонии Осиёи Марказӣ шинохта шуда, садҳо шогирдони машҳури диниро тарбия менамояд.

Дар мактабҳои «ҳуҷрагӣ» барномаи таълимӣ, методикаи таълим ва вақти ягонаи таълим вуҷуд надошт, аммо дар ҳар яке аз онҳо қоидаҳои муайяни таълим кор карда баромада шуда буд. Ҳар як устод дар таълим озод буд, аз усулҳои хоси таълими худ истифода мебурд. Устод худ фанни таълимиро интихоб мекарда ва дар вақти муайян таълими онро

[149] Олимов, М. Историки исламские интеллектуалы в Центральной Азии XX в. / М. Олимов, С. Шохуморов // Восток (Oriens). – 2003. – №6. – С. 33-47.

[150] Абдулло Хаким Рахнамо. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / Абдулло Хаким Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. – №5 (251). – С. 70.

ба анҷом мерасонид. Баъзан вақт толибилмон худашон барои омӯзиши ин ё он фанни таълимӣ ба устод муроҷиат менамуданд. Масалан, як қисми муҳассилин фақат шарҳи Қуръон, қисми дигар фиқҳи исломӣ ва боқимонда грамматикаи арабӣ мехонданд. Устодони машҳур дар давоми фаъолияти таълимии худ курси мукаммали таълимиро кор карда баромада буданд. Онҳо аз рӯйи методикаи таълимии мукаммалгаштаи худ дарс дода, ҳатто ба шогирдони худ давраҳои имтиҳон ва таътилро муайян карда буданд. Барои ҳар як устоди машҳури таълими динӣ методика ва мазмуни барномаи таълимии динии мадрасаи Бухоро намунаи беҳтарин ба ҳисоб мерафт ва низоми таълими худро ба он барнома наздик бурдан мехостанд.

Дар мактабҳои ғайрирасмии динӣ бо вуҷуди набудани барномаи ягонаи таълимӣ як низоми пайдарпайи таълимӣ дида мешуд. Масалан, дар мактаби ҳуҷрагии Эшони Маҳмудҷон раванди таълим аз китобҳои одии динии «Қоидаҳои Бағдодӣ» , «Бидон», «Ҳафтяк» ва «Чоркитоб» оғоз шуда, ба чунин китобҳои мураккаб, мисли «Қофия»-и Ибн Хаҷиб (грамматикаи олии арабӣ), «Шарҳи мулло»-и А. Ҷомӣ, «Ҳидоя»-и Бурҳониддин Марғинонӣ (ҳуқуқи исломӣ), «Мишқоти тариф»-и Абдуллоҳи Хатиб (шарҳи ҳадисҳои Пайғамбар), «Ҷалолайн» ва «Байзовӣ» (шарҳи Қуръон), «Усули Шошӣ» асосҳои фиқҳ), «Ақоиди Насафӣ» (теология), «Унвон» (адабиёти араб), «Бедил» (адабиёти классики форс) ва ғайра ба анҷом мерасид[151]. Ҳамаи ин адабиётҳо бо ҳуруфоти арабӣ дарс дода мешуд.

Низоми таълими динӣ хело бою рангин ва дорои маводи зиёди таълимӣ буданд, ки пурра аз худ намудани онҳо ирода, қобилият ва вақти зиёдро талаб менамуд. На ҳамаи толибилмон қобилияти пурра аз худ намудани чунин маводи калонҳаҷми на танҳо теологӣ, балки таърихӣ, филологӣ, фалсафӣ, педагогӣ, ҳуқуқӣ ва эстетикиро доштанд. Бештари толибилмон барномаи таълимии диниро то охир хонда

[151] Ниг.: Абдулло Хаким Рахнамо. Частное религиозное образование в Таджикистане: современное положение, проблемы и выводы / Абдулло Хаким Рахнамо // Россия и мусульманский мир. – 2013. – №5 (251). – С. 71.

наметавонистанд ва онҳое, ки то охир таҳсил мекарданд, ба шахсиятҳои машҳури динӣ табдил меёфтанд. Толибилмоне, ки то ба охир курси таълимоти диниро мехонданд, маросимеро бо номи «Хатми илм» ҷашн мегирифтанд. Ҷашн гирифтани ин маросим маънои онро дошт, ки донишҷӯ ҳамаи китобҳои муқарраргардидаи курси таълими диниро пурра аз бар намудаанд.

Пас аз хатми мактабҳои динии ҳуҷрагӣ ягон ҳуҷҷат дода намешуд, бо ин сабаб, нафароне, ки дар назди ин ё он домулло таълим гирифтаанд, сатҳу дараҷаи таълими динии онҳоро муайян кардан ғайриимкон аст. Баъзе аз муллоҳо танҳо алифбо, дуоҳо, матнҳо ва тарзи ба анҷом расонидани маросимҳои диниро аз худ карда, ба фаълияти динӣ шурӯъ мекарданд. Чунин муллоҳо, ки аз номи устодони машҳури худ истифода бурда, дар фазои динии ҷумҳурӣ мақоми баландро соҳиб шудан мехоҳанд, кам нестанд. Ҳарчанд саводи кофии динӣ надоранд, аммо худро шогирди шахсони машҳури динӣ эълон карда, аз номи онҳо ба манфиатҳои шахсӣ истифода мебаранд.

Дар маҷмуъ таълимоти динии хусусӣ нисбат ба таълимоти динии расмӣ як қатор бартариҳо ва маҳдудиятҳо дошт. Ҷиҳатҳои афзалиятноки таълимоти динии хусусӣ дар он зоҳир мегашт, ки толибилмон оид ба фанҳои алоҳида дониши нисбатан амиқ ва пурраро соҳиб мешуданд. Чунин дониши амиқи ҳаматарафаро дар муассисаҳои динии расмӣ ба даст овардан ғайриимкон буд. Муҳассилин тамоми маводи таълимиро азёд карда, дар бораи масъалаҳои ҳуқуқи исломӣ дониши пурра ба даст меоварданд. Онҳо ҷанбаҳои амалии фаъолияти диниро низ пурра аз худ карда, соҳиби санъати баланди сухангӯйӣ мегаштанд. Махсусан, қисми гузаронидани маросимҳои диниро дар сатҳи баланд меомӯхтанд ва бо устодони худ дар ин маросимҳо шахсан иштирок карда, таҷрибаи калони амалӣ ба даст меоварданд.

Хатмкунандагони таълимоти динии хусусӣ қобилияти хуби сухангӯӣ доштанд, дар маросимҳои динӣ маъвизаҳо намуда, ботадриҷ дар фазои динии ҷумҳурӣ мақоми баланди иҷтимоиро соҳиб мегаштанд.

Аҳолӣ асосан ҳамон рӯҳониёнеро эътироф мекардан, ки қобилияти хуби сухангӯйӣ доштанд ва диққати оммаро бо маъвизаҳои худ ҷалб карда метавонистанд. Бо ин сабаб, хатмкунандагони мактабҳои хусусии динӣ асосан ба такмил ҷанбаҳои амалии фаъолияти динии худ таваҷҷуҳи бештар медоданд. Таълимоти динии хусусӣ маҳдудиятҳои синнусолӣ ва вақтӣ надоштанд. Муҳассилини синну соли гуногун дар ин мактабҳо таҳсил карда метавонистанд. Вақту соати таълим низ ҷиддӣ муайян нашуда буд, ҳатто донишҷӯён дар шаб ҳам имконияти сабақ гирифтан доштанд ё онҳо ҳар лаҳза таҳсили худро қатъ карда метавонистанд. Баъзе аз хонандагон ҳатто тамоми умр таҳсил мекарданд.

Дар баробари бартариятҳо таълимоти динии хусусӣ як қатор маҳдудиятҳо дошт. Аввал ин ки таълимоти динии хусусӣ низомнок набуд, дониши системавӣ дода наметавонист, сатҳи дониши муҳассилинро бо ягон меъёри муайян баҳогузорӣ карда намешуд. Бо ин сабаб, то ҳоло меъёри ягонаи муайян намудани сатҳи дониши динии рӯҳониёни динӣ вуҷуд надорад. Онҳо баробари ба даст овардани доираи муайяни ахбори динӣ ба фаъолияти динӣ машғул мегарданд. Баъдан, дониши динии муҳассилини мактабҳои хусусӣ дар доираи ҷаҳонбинии ҳамон як устоди дини маҳдуд буда, баъзан донишҳои объективии диниро фаро гирифта наметавонад. Хонанда фақат нуқтаи назари устоди худро қабул ва эътироф намуда, донишҳои динии худро бо донишҳои динии дигар мактабҳои хусусии динӣ муқоиса карда наметавонад.

Дар ин марказҳои динӣ илмҳои дунявӣ қариб дарс дода намешуданд. Ҳарчанд донишҳои динии муҳассилин хело амиқ буданд, аммо ҷаҳонбинии муҳассилин дар доираи сирф донишҳои динӣ маҳдуд гашта буд. Ҳамзамон, дар мактабҳои динии ҳуҷрагӣ методҳои анъанавии таълим ҳифз гашта, ба навовариҳо монеа мегарданд. Дар ин гуна ҳавзаҳои таълимӣ донишҷӯён асосан ҷанбаҳои шифоҳии таълими диниро аз бар намуда, ба корҳои хаттӣ, малакаҳои хатнависӣ ва ифодаи хаттии фикр диққати ҷиддӣ дода намешуд. Хонандагон қобилияти

баланди суханронӣ доштанд, матнҳоро азёд карда, хуб шаҳр дода медоданд, аммо на ҳамаи онҳо фикри худро пурра ва озодона ба таври хаттӣ баён карда метавонистанд.

Таҳсилоти расмии динӣ ҳам дар даврони шуравӣ ва ҳам пасошуравӣ дар Тоҷикистон мақоми худро дар ҷомеа ёфта натавонист, зеро пешвоёни динӣ таҳсилоти расмиро эътироф намекарданд. Аз ин сабаб, хатмкунандагони муассисаҳои расмии динӣ барои ба «муллои ҳақиқӣ» табдил ёфтан боз таҳсили худро дар назди шахсиятҳои шинохта ва эътирофшудаи динӣ идома медоданд. То замони ба таври қонунӣ манъ шудани таҳсилоти хусусии динӣ дар Тоҷикистон байни таълимоти динӣ ва дунявӣ рақобати шаддид вуҷуд дошт. Сифат ва дараҷаи таҳсилоти муассисаҳои динии расмӣ аз ғайрирасмӣ қафо монда буд, барномаҳои таълимии муассисаҳои расмии таҳсилоти динӣ маҳдуд буданд, муҳассилини ин муассисаҳо донишҳои сатҳии динӣ мегирифтанд.

Сабабҳои поён рафтани нақши таҳсилоти ғайрирасмии динӣ дар фазои динии Тоҷикистон ба як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ алоқамандӣ дорад. Аввалан, ҳокимияти давлатӣ назоратро аз болои таҳсилоти динӣ хеле пурзӯр гардонида, таҳсилоти динии хонагиро бо қонун қатъиян манъ намудааст. Рӯҳониёни диние, ки ғайрирасмӣ ба таълими динӣ машғул мегарданд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд.

Имрӯз баъзе мактабҳои динии хонагӣ ба таври пинҳонӣ амал мекунанд, аммо мақоми қаблии худро аз даст додаанд. Мақомоти давлатии оид ба корҳои динӣ талош менамояд, ки раванди таҳсилоти динии расмиро ташаккул диҳад. Баъдан, таҳсилоти расмии динӣ, ки хусусияти қонунӣ дорад ва бехатарии ҳуқуқии донишҷӯро кафолат медиҳад, торафт пурра ҷойи мактабҳои динии хонагиро мегирад. Барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимоти динӣ бонизом гардида, такмил меёбанд. Хатмкардагони донишгоҳҳои динии хориҷӣ ба раванди таълими расмии динӣ ҷалб карда мешаванд ва сатҳу сифати таълими

динӣ дар муассисаҳои расмии динии Тоҷикистон торафт боло меравад.

Сабаби дигари поён рафтани нақши таҳсилоти динии хусусӣ дар солҳои 2000-ум вазъи мушкили иқтисодии рӯҳоёниён ва шогирдони онҳо ба ҳисоб мерафт. Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ баъзе аз рӯҳониёни динӣ имконияти таъминоти модии шогирдони худро аз даст доданд. Онҳо дигар имконият надоштанд, ки шогирдонро дар хонаҳои худ нигоҳ дошта, дарс диҳанд. Баъдан, дар ибтидои асри XXI хатари паҳншавии равияҳои динии ғайрианъанавӣ, мисли «Ҳиз-ул-таҳрир», «Салафия» дар таҳсилоти хусусии ҳуҷрагӣ ба маротиб афзуд. Бо ин сабаб, ҳокимияти давлатӣ бо мақсади пешгирии паҳншавии равияҳои хатарноки ғайрирасмии динӣ назоратро аз болои фаъолияти мактабҳои хусусии динӣ зиёд намуда, фаъолияти рӯҳониёни ин мактабҳоро маҳдуд намуд. Инчунин волидайн аз тарси ба равияҳои ғайрирасмии динӣ ҳамроҳ нашудан фарзандони худро аз мактабҳои хусусии динӣ гирифтанд. Ҳамзамон, шахсони бонуфузи сарватманд низ бо сабаби гунаҳгор нашудан бо дастгирии равияҳои ғайрирасмии динӣ кумаку маблағгузории худро ба мактабҳои хусусии динӣ қатъ намуданд.

Дар натиҷаи қатъ шудани маблағгузории мактабҳои хусусии динӣ, таҳсилоти хусусии динӣ аз хонаи рӯҳониён ба масҷидҳо кӯчид. Падару модарон фарзандони худро барои таълимӣ динӣ ба масҷидҳо равон мекарданд, рӯҳониён ба хонандагон то намози пешин ё баъди он дарс медоданд. Таълими динӣ дар масҷидҳо то дараҷае хусусияти нимрасмӣ дошт, зеро раванди дарсро волидайн ва дигар нафарони хоҳишманд мушоҳида карда метавонистанд. Аммо раванди таҳсилоти динии нимрасмӣ дар масҷид низ барномаи тасдиқшудаи таълимӣ надошт ва раванди он аз тарафи мақомоти расмӣ ба танзим дароварда намешуд. Бо ин сабаб, охири солҳои 2000-ум таълимоти динӣ дар назди масҷидҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ оид ба корҳои динӣ маҳдуд гардонида шуд.

Таҳсилоти расмии динӣ имконият медиҳад, ки муҳассилин фанҳои дунявии муосирро низ омӯзанд. Агар рӯҳонии динӣ аз донишҳои дунявӣ бархурдор бошад, хатари дар ӯ ташаккул ёфтани хурофот ва андешаҳои

ифротӣ аз байн меравад. Омӯзиши илмҳои дунявӣ ва мувофиқат намудан ба донишҳои муосири дунявӣ дар ҳамаи зинаҳои низоми таҳсилоти динӣ қобили қабул аст. Ҳоло низоми таҳсилоти динӣ барои омӯзиши илмҳои замонавии дунявӣ монеа намегардад, баръакс, омӯхтани илмҳои дунявӣ боиси ташаккулёбии шахсияти рӯҳониён мегардад ва алоқамандии байни низоми таҳсилоти динӣ ва дунявӣ бештар мешавад. Дар натиҷа, рӯҳониён ҳангоми шарҳ додани зуҳуроти динӣ ба донишҳои илмӣ ва мантиқ такя карда, масъалаҳои диниро равшану фаҳмо шарҳ дода метавонанд.

Агар таҳсилоти расмии динӣ бо таҳсилоти дунявӣ алоқаманд гардад, бо пешрафти таҳсилоти дунявӣ шакл ва методҳои таҳсилоти динӣ низ ташаккул меёбад. Масалан, дар асри XXI ҳангоми раванди таълими динӣ аз дастовардҳои илму техника ва технологияи иртиботӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Аммо таҳсилоти динӣ ба ҳамаи навовариҳо кушода нест ва нисбат ба таҳсилоти дунявӣ дар таҳсилоти динӣ ба ҷаҳонбинии плюралистӣ озодӣ дода намешавад. Рӯҳониёни динӣ ба як варианти шарҳи зуҳуроти иҷтимоӣ эътимод дошта, нуқтаи назари худро тағйир намедиҳанд, аммо донишҳои дунявӣ барои шарҳи оқилонаи ин нуқтаи назар кумак мерасонанд. Оид ба масъалаи алоқамандии таълимоти динӣ ва дунявӣ Б.С. Гершунский навиштааст, ки таносуби дурусти таҳсилоти дунявӣ ва динӣ бояд ба «ҳамгироии арзишҳои равонӣ (психикӣ)-и одамон ва ҷомеа, ташаккули тадриҷии фазои ягонаи равонии тамаддун» мусоидат намояд[152].

Таълими босифати динӣ қоидаҳои рафторро муайян намуда, ахлоқи шахсро ташаккул дода, шахсияти дорои олами бойи маънавиро тарбия менамояд. Агар дониши воқеии динӣ таълим дода нашавад, дар халогии он арзишҳои ифротӣ ва хурофотии динӣ паҳн мегардад, идеологияи экстремизми динӣ устувор гашта, намояндагони ғояҳои хатарнок ва харобсозанда меафзояд ва низоъҳои динӣ авҷ мегирад. Ҷаҳонбинии динии хурофотӣ ва ифротӣ сабаби асосии гаравиши баъзе

[152] Ниг.: Гершунский, Б.С. Философия образования / Б.С. Гершунский. – М.: Флинта, 1998. – С. 437.

аз шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегардад. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Р. Ҳайдаров «мушкили ҷиддитарини замони муосир дар Тоҷикистон норасоии таҳсилоти тахассусии динӣ мебошад. Маҳз таҳсилоти босифати тахассусии динӣ дар оянда ба сифати заминаи густариши исломи таҳаммулпазир дар ҷомеаи Тоҷикистон гардида метавонад»[153].

Ҳоло бахши таҳсилоти касбӣ ва ихтисосҳои динӣ ислоҳталаб мебошад, муассисаҳои таълимии расмии динӣ ангуштшумор буда, талаботи ҷомеаро ба таҳсилоти динӣ қонеъ гардонида наметавонанд. Донишкадаи исломии ҳамчун маркази суннатии ташаккули маърифати динӣ ва мактаби расмии тарбияи рӯҳониёни исломӣ ба талаботи ҷомеа ва омода сохтани кадрҳои динӣ ҷавобгӯ нест. Дар натиҷа, таъсири гурӯҳҳои иҷтимоии динӣ ва рӯҳониёни алоҳидаи динӣ дар фазои динии ҷумҳурӣ зиёд гардида, онҳо аз технологияи иртиботии муосир истифода бурда, ақидаҳои худро паҳн менамоянд.

Ба андешаи коршиноси сиёсии тоҷик А. Раҳнамо дар ҳоли ҳозир гирифтани маълумоти динӣ асосан ба чор роҳи зерин сурат мегирад:

1. Таҳсили хусусии динӣ дар назди рӯҳониёни алоҳида (дар хонаҳо ё ҳуҷраҳо);
2. Таҳсил дар гурӯҳҳои таълимии назди масҷидҳои ҷомеаи марказӣ;
3. Таҳсил дар мадрасаҳои мутавасситаи динӣ;
4. Таҳсил дар донишкардаи исломӣ[154].

Қонунгузории Тоҷикистон таҳсилоти динии хусусиро дар хонаҳо, ҳуҷраҳо ва назди домуллоҳои алоҳида иҷозат намедиҳад ва гурӯҳҳои таълими динӣ факат дар назди масҷидҳои ҷомеаи марказӣ ва масҷидҳои ҷомеъ баъд аз гирифтани иҷозатномаи давлатӣ пешбинӣ шудааст, ки ин икдом барои пешгирии таълими хурофоти динӣ ба ҷавонон мусоидат менамояд. Баъзе аз доираи рӯҳониёни динии Тоҷикистон дар мавъизаю

---

[153] Хайдаров, Р. Взаимодействие религии и государства в Таджикистане: проблемы и перспективы / Р. Хайдаров // Ислам в СНГ. – 2012. – №2 (7). – С. 28-35.
[154] Ниг.: Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 187-188.

суханронихояшон дар масчидхо маросимхои динӣ ва шабакаҳои ичтимоӣ фарҳанги миллии тоҷикистониёнро нодида гирифта, паст мезананд, фарҳанги тоисломии халқи тоҷикро мавриди танқид ва масхара қарор медиҳанд.

Маҳз ин гуна ба ном донишмандони динӣ дар замири ҷавонон нисбат ба гузаштагон, арзишҳо ва фарҳанги миллӣ рӯҳияи нафрат ва бадбиниро ба вуҷуд меоранд. Ҷавонон баъди шунидани чунин маъвизаҳо баъзан вақт ба таҳсилоти дунявӣ таваҷҷуҳ надода, ҳатто кушиш менамоянд, ки тарзи зиндагии диниро дар фазои оилаи худ паҳн кунанд (масалан, хоҳарону занони оилаи худро ба пӯшидани либоси динӣ водор менамоянд). Баъзе аз рӯҳониёни динӣ бо воситаи шарҳи хато ва аз ҳад воҳиманоки ояту сураҳои Қуръон, ҳадисҳо ва ривоятҳои динӣ барои одитарин рафтори ноҷо одамонро ба куфр ҳукм намуда, ифроту хурофотро паҳн мекунанд.

Ин гуна рӯҳониёни беҳувият ва бегонапараст аз сатҳи шуури пасти динии аҳолӣ ҳавасманданд, зеро дар сурати паст будани саводи динӣ аҳолӣ ба ҳама суханони пучу беасос, ғайриилмӣ ва хурофотзадаи онҳо гӯш дода, ба маслиҳатҳои онҳо пайравӣ мекунанд. Барои аксарияти чунин рӯҳониён дин як воситаи муфтхӯрӣ, ҷамъ овардани сарват ва ташкили зиндагии накӯаҳволона мебошад. Имрӯзҳо дар мессенҷерҳо ва шабакаҳои ичтимоии интернетӣ фаъол гардидани таълими ғайриқонунии динӣ нигаронихоро ба вуҷуд овардааст, зеро дар онҳо таълимоти динии мазҳабу равияҳои ғайрианъанавии ба муҳити динии Тоҷикистон бегона таблиғ карда мешаванд. «Таҳлили ҳодисаҳои 11-14-уми феврали соли 1990 (воқеаҳои февралӣ) аз он шаҳодат медиҳад, ки аксарияти иштирокчиёни ин кӯшиши аввалини тазоҳуроти сиёсиро маҳз ҷавонони синну соли 21 ва аз он боло ташкил медод, ки аксарияти онҳо таълимоти ғайриқонунии динӣ гирифта буданд. Ҳодисаҳои гузашта моро бояд водор созад, ки сари ҳар гуфтору рафтори «исломиёни бунёдгаро» ва «хоҷагони» онҳо дуруст хулоса барорем. Имрӯз пурра исбот карда шудааст, ки макотиби ғайрирасмии динӣ, дар асл, аввалин

ҳалқаҳои ибтидоии террористӣ ба шумор мераванд, зеро тавре гуфта шуд, аксари аъзои ташкилоту гурӯҳҳои экстремистӣ-террористиро шахсоне ташкил медиҳанд, ки дар чунин мактабҳои динии ғайрирасмӣ «сабақ» гирифтаанд»[155].

Ин тоифа рӯҳониён саводи кофӣ надоранд, дар дигар касбу ҳунар ҷойгоҳи худро наёфта ба дину дуохонӣ рӯ овардаанд, барои расидан ба мақсадҳои муғризонаи худ аз ҳеҷ гуна дурӯғ, каҷрафторӣ ва ҷинояткорӣ рӯй намегардонанд ва халқи оддию зудбоварро ба доми худ афтонида, манфиатҳои зиёдеро ба даст меоранд. Мутаассифона, онҳо ҳама амалҳои худро аз номи дин, Худо ва таълимоти исломӣ ба анҷом расонида, мақоми дини ислом ва таълимоти диниро паст мезананд. Аз шуури пасти динии ҷавонони ноогоҳ истифода бурда, онҳоро дар рӯҳияи ифротгароӣ, бадбинии давлату миллат ва фарҳанги миллӣ тарбия мекунанд.

Бо тарғибу таълими чунин рӯҳониён ҷавонони ноогоҳи Тоҷикистон ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил шуда, дар ҷангҳои Сурия ва Афғонистон иштирок карда, аксарияти онҳо дар ҷавонӣ ҷони худро аз даст доданд. «Бо боварии комил метавон гуфт, ки сарчашмаи асосии шиддати вазъи динӣ, ин шомилшавии шаҳрвандон ба созмону ташкилотҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ, болоравии хурофоту динпарастӣ ва таълимоти ғайриқонунии динӣ мебошад... Агар хатари асосии таҳдид ба амнияти давлатӣ ва давлатдории дунявӣ зуҳуроти террористӣ ва экстремистӣ бошад, пас сарчашмаи асосии паҳншавии ин зуҳуроти хатарзо аз таълими ғайриқонунии динӣ сарчашма мегирад»[156].

То ҳол дар кишварамон таълими динии хонаги пинҳонӣ вуҷуд дорад. Баъзе аз рӯҳониёни муфтхӯр бо ҳар роҳ таълими динӣ ва ибодати ноболиғон ва ҷавононро талаб намуда, волидони ноогоҳро водор менамоянд, ки фарзандонашонро ба таҳсили ғайриқонунии динии

---

[155] Абдулло Д. Таълими ғайриқонунии динӣ-аввалин ҳалқаҳои ибтидоии террористӣ [манбаи электронӣ]. URL: Садои мардум — нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Аз таълими ғайриқонунии динӣ то терроризм (sadoimardum.tj) (санаи истифодабарӣ: 07.04.2023).

[156] Абдулло Д. Таълими ғайриқонунии динӣ-аввалин ҳалқаҳои ибтидоии террористӣ [манбаи электронӣ]. URL: Садои мардум — нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Аз таълими ғайриқонунии динӣ то терроризм (sadoimardum.tj) (санаи истифодабарӣ: 07.04.2023).

хонагӣ ҷалб намоянд. Волидон ҳатто фарзандони хурди худро барои таҳсилоти динии пинҳонӣ ба доми ин гуна рӯҳониёни аз моҳияти аслии дини ислом бехабар гирифтор мекунанд. Таҳсилоти ғайриқонунии динӣ боиси шаклгирии тафаккури хурофотии ноболиғону ҷавонон гашта, дар онҳо ҷаҳонбинии хурофотӣ ва ғайриилмиро ташаккул медиҳад. Дар натиҷа ин гуна наврасону ҷавонон аз илму техника ва омӯзиши фанҳои дақиқ дур шуда, оянда ҳамчун рӯҳонии хурофотзада ба воя мерасанд.

«Мутаассифона, имрӯз волидоне ёфт мешаванд, ки фарзандҳои худро назди ҳамин гуна ашхосе, ки аз аркони дини мубини Ислом бехабаранд, барои гирифтани таълимоти ғайрирасмии динӣ мемонанд. Ин табақа аз оқибатҳои манфии он ноогаҳ буда, ҳатто дарк наменамоянд, ки дар аксар мавридҳо фарзандашонро ин нафарон ба кӣ ва чӣ табдил медиҳанд. Бинобар ин, таълимоти ғайриқонунии динӣ барои ҷомеаи мо аз он нуктаи назар хатарзо ва боиси нигаронӣ аст, ки аксари рӯҳониёне, ки ба ин таълимот ҷавононро ҷалб мекунанд, худ маълумоти кофии динӣ надошта, ҷаҳонбинӣ ва зарфиятҳои илмии онҳо бисёр маҳдуданд. Раванди таълимоти ғайриқонунии динӣ, сарчашмаи таблиғкунандаи идеологияи ифротӣ ва қадами нахустин ба ҷониби ячейкаҳои ибтидоии террористӣ буда, асосан дар шароити ҳуҷраҳо ва манзили зисти рӯҳониёни иртиҷоӣ ба роҳ монда мешавад»[157].

Мувофиқи омори расмӣ давоми солҳои 2019-2022 дар Тоҷикистон қариб 2000 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ (13 нафар хатмкунандагони муассисаҳои динии кишварҳои хориҷӣ) ошкор ва пешгирӣ карда шудаанд. Дар байни онҳо 43 нафар имомхатибон, 983 нафар рӯҳониёни ғайрирасмӣ, 32 омӯзгор ва 17 донишҷӯ низ буданд. Ҳамзамон 33 волидайн, ки фарзандонашонро барои таҳсилоти динии

[157] Мамадҷонов Ф. Таълимоти ғайриқонунии динӣ – сарчашмаи ифротгароӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://iet.tj/tj/talimoti-ajri-onunii-din-sarchashmai-ifrotgaro (санаи истифодабарӣ: 10.04.2023).
.

пинҳонӣ дар назди рӯҳониён гузоштаанд, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ гирифтор гардидаанд[158].

Бояд ёдовар шавем, ки барои пешгирии таҳсилоти ғайриқонунии динӣ, ҳифзи амнияти шаҳрвандон ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру илова ворид гардиданд. Ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон моддаи 334 банди 1 илова карда шуд. Минбаъд барои ғайриқонунӣ ба роҳ мондани таълими динӣ, аз ҷумла тавассути шабакаи интернет, агар ин кирдор хусусияти динии экстремистӣ надошта бошад ва давоми сол, пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад.

Таҳсилоти динии ҷавонони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар яке аз масъалаҳои динию ҷомеаи муосири тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Албатта, таҳсилоти динии ҷавонон комилан падидаи манфӣ нест, аммо таҳсили онҳо дар марказҳои диние, ки дар баробари илмҳои исломӣ ақидаҳои мазҳабию сиёсии онҳоро тағйир дода, онҳо мағзшуйи шуда, дар руҳияи мазҳаби зиддиҳанафӣ ва ифротгароии динӣ тарбия меёбанд, боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад. «Дар баъзе аз ин марказҳо, дар канори донишҳои умумии динӣ равияи мазҳабии ғайриҳанафӣ ва дидгоҳҳои барои минтақаи Осиёи Марказӣ ғайримаъмули сиёсӣ ва идеологӣ низ таълим мешаванд ва дар баъзе мавридҳо ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни сиёсиву мазҳабӣ низ ҷалб мегарданд»[159]. Аз ин сабаб, нисбати таҳсилоти динии ҷавонони тоҷик дар хориҷи кишвар, махсусан, давлатҳои исломӣ, мавқеи эҳтиёткорона дошта бошад, амнияти миллиро дар мадди аввал гузорад.

Албатта, агар ин раванд зери назорати ҷиддӣ гирифта нашавад, муҳассилини мактабҳои динии хориҷӣ вобаста ба ақидаҳои динӣ ва

---

[158] Ниг.: Абдулло Д. «Самара»-и таълими ғайриқонунии динӣ чӣ гуна аст? [манбаи электронӣ]. URL: https://sadoimardum.tj/i-tisod/samara-i-ta-limi-ajri-onunii-din-ch-guna-ast/ (санаи истифодабарӣ: 08.07.2022).

[159] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 194.

сиёсии ғайриҳанафии худ ба таблиғу фаъолияти гурӯҳӣ даст мезананд ва дар фазои динии Тоҷикистон бухрони фикрию ақидавӣ ва сиёсиро ба вуҷуд меоранд. Аз сабаби он ки дар фазои динии Тоҷикистон аксарияти кулли мусалмонон аз мазҳаби ҳанафия пайравӣ мекунанд, бешак, бо ин гуна нафарони таҳсилдидаи мактабҳои хориҷӣ вокуниш нишон медиҳанд. Бо сабаби паст будани сатҳи шуур ва маданияти динӣ шаҳрвандон ба доираи гурӯҳҳои гуногуни мазҳабӣ ҷалб гардида, бархурдҳои фикрӣ ва ақидавӣ шиддат мегиранд.

Соли 2017 дар муассисаҳои таълимии динии хориҷӣ кишвар 3493 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон таҳсил менамуданд. Дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ онҳо ба ватан баргадонида шуданд. Давлат барои таҳсилоти расмии динии ҷавонони Тоҷикистон тамоми заминаҳо ва шароитҳоро фароҳам овардааст, онҳо озодона бо роҳи қонунӣ таҳсилоти динии худро ба анҷом расонида метавонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид чунин ибрози назар намуда буданд: «Падару модарони азиз, аз таҳсили ғайрирасмии фарзандон дар муассисаҳои таълими динии хориҷӣ кишвар эҳтиёт бошед, зеро омили дигаре, ки ба густариши мафкураи экстремистӣ мусоидат мекунад, маҳз таҳсили ҷавонон дар чунин муассисаҳои таълимӣ мебошад. Гарчанде то имрӯз қисме аз онҳо ба Ватан баргардонида шудаанд, вале то ба ҳол даҳҳо нафари дигар дар мактабҳои динии хориҷӣ ғайриқонунӣ таҳсил карда истодаанд. Аз ин рӯ, бори дигар аз падару модарони азиз хоҳиш менамоям, ки барои баргардонидани фарзандону хешу таборони худ талош намоед, зеро дар Ватани худамон барои таҳсил ва кору заҳмати созанда тамоми шароит муҳайё карда шудааст»[160].

Барои ҷилавгирии таҳсилоти динии ҷавонон дар хориҷӣ кишвар ва пешгирии низоъҳои мазҳабӣ бояд дар дохили кишвар шароит ва заминаҳои илмию ҳуқуқӣ ва моддии таҳсилоти босифати динӣ фароҳам

[160] Суханронӣ ба муносибати 18-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ аз 26.06.2015 [манбаи электронӣ]. URL: (санаи муроҷиат: 24.03.2022).

оварда шавад. Дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон бояд мутахассисони соҳаи дин таълим диҳанд ва моҳияти аслии динро ба наврасону ҷавонон фаҳмонида тавонанд. Ба андешаи коршиноси сиёсии тоҷик А. Раҳнамо «Вақте ки дар дохили Тоҷикистон имкони гирифтани донишу маърифати баланди муосири динӣ фароҳам мешавад, табиист, ки ниёз барои ҷустуҷӯйи чунин дониш дар хориҷӣ кишвар низ коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани тамоми шароит барои ташаккули рӯҳониёни худӣ, балки дар доираи Консепсияи миллии таълимоти динӣ тарроҳӣ намудан ва тарбият кардани рӯҳонии муосири ҳанафии тоҷик яке аз вазифаҳои муҳим дар таъмини суботу амнияти миллии Тоҷикистон мебошад»[161].

Ба андешаи диншинос ва коршиноси сиёсӣ А. Роҳнамо эҳёи маорифи исломӣ дар Тоҷикистон кори саҳл нест, монеаҳои зиёди объективию субъективӣ ва мухолифони дохилию хориҷӣ дорад, ба вуҷуд овардани таълимгоҳҳои динӣ имконоти моддию маънавиро талаб менамояд, аммо Тоҷикистон барои ҳалли ин масъала имкониятҳои зерин дорад:

1. Вуҷуди собиқа, анъана ва чеҳраи таълими динӣ;
2. Вуҷуди неруи инсонӣ, уламои анъанавӣ ва дастовардҳои динӣ;
3. Вуҷуди имконоти моддӣ ва ҷалби сармоягузорӣ;
4. Вуҷуди мардуми муъмин ва саҳмгузор;
5. Вуҷуди ҷуръати сиёсӣ;
6. Вуҷуди эҳтиёҷ дар ҷомеа;
7. Вуҷуди зарурат барои таъмини амният ва нуфузи минтақавии кишвар[162].

Ба андешаи А. Раҳнамо тоҷикон меросбари ҳавзаи таърихии таълимии динии Бухоро мебошанд ва дар тамоми фаъолияти ин ҳавза тоҷикон неруи асосии пешбари он будаанд. Маҳз чеҳраи илмӣ будани

[161] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 214.
[162] Ниг.: Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 201-202.

тоҷикон дар мадрасаи Бухоро имконият медиҳад, ки хатмкардагони муассисаҳои динии Тоҷикистон дар олами ислом эътироф гарданд. Дар даврони шуравӣ уламои динии Бухоро ва Қуқанд дар Тоҷикистон паноҳ бурда буданд ва дар натиҷа суннату анъанаҳои илмӣ ва таълимии ҳавзаи Бухоро дар Тоҷикистон ҳифз гардид. Бо ин сабаб, рӯҳониёни имрӯзаи Тоҷикистон суннатҳои пешинаи таълимоти диниро ҳифз кардаанд ва таҷрибаи онҳоро дар эҳёи маорифи динии Тоҷикистон самаранок истифода бурдан мумкин аст.

Дар сурати ба роҳ мондани таҳсилоти динии расмӣ сармояҳои хориҷиро ҷалб намудан мумкин аст ва илова бар ин сарватмандони ватанӣ низ дар эҳёи маорифи динии Тоҷикистон бо ихлос ва эътиқоди беандоза саҳми молиявии хешро мегузоранд. Баъдан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, ки бо ҷасорати хос ва дурандешӣ мақоми мазҳаби ҳанафиро ҳифз ва баланд бардошт, дар эҳё ва ташаккули таҳсилоти динӣ низ саҳми муайянкунандаи хешро гузошта метавонанд. «Имрӯз Тоҷикистон барои эҳёи ҳавзаи ягона, комил ва муосири таълимоти динӣ ҳам ниёзи илмиву эътиқодӣ, ҳам зарурати сиёсию амниятӣ, ҳам имконоти зарурии молӣ ва ҳам суннату анъанаҳои динии кофӣ дорад. Агар ба ҳамаи ин ихлоси диниву миллӣ ва ҷуръату иродаи сиёсӣ илова гардад, амалӣ сохтани чунин тарҳ ва ҳалли ин масъалаи бисёр муҳимми ҷомеа ва давлати Тоҷикистон бо тамоми мушкилоташ комилан имконпазир мебошад»[163].

Дар шароити фаъолгардии равияҳои радикалии динӣ, ташаккулёбии экстремизми динӣ, пайдоиши гурӯҳҳои экстремистию террористӣ таҳлили амсилаҳои муносибати давлат ва дин, ёфтани роҳҳои мувофиқи баҳамтаъсиррасонии дин ва ҷомеа, алоқаманд намудани таҳсилоти дунявӣ ва динӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Бояд дин кори шахсии ҳар як шахс бошад, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки торафт гурӯҳҳои алоҳидаи

[163] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 208.

экстремистӣ дар симои динӣ ҳадафҳои ғаразноки сиёсии худро амалӣ кардан мехоҳанд ва аз эътиқод ва шуури динии шаҳрвандон ҳаматарафа истифода мебаранд. Ба андешаи сиёсатшиноси тоҷик Х.Қ. Сафарализода «ин гуна неруҳо исломро на барои беҳтар намудани вазъи маънавию ахлоқии ҷомеа, балки барои ба даст овардани ҳокимият ва тағйир додани сохти конститутсионии давлат истифода менамоянд»[164].

Дар шароити имрӯза чунин тамоюлҳои вазъияти диниро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ислом «ба сифати танзимкунандаи бисёре аз соҳаҳои ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ»[165] табдил меёбад. Агар тафаккури динӣ пештар дар байни аҳолии деҳот паҳн гардида буд, пас ҳоло тафаккури динӣ аҳолии шаҳр, аҳли зиё, илму фарҳанг ва намояндагони сохторҳои давлатӣ ва қудратиро фаро мегирад. Радикализми исломӣ ва ташкилотҳои экстремистию террористии исломӣ, мисли ҲЭТ наҳзати исломӣ, Давлати исломӣ, Ҳизби таҳрир, Салафия ва ғайраҳо ба бехатарӣ ва устувории Тоҷикистон торафт бештар таҳдид менамоянд.

Дар ин гуна вазъият таҳсилоти расмии динӣ барои пешгирии ҳамроҳшавии ҷавонон ба сафи ин гуна гурӯҳҳои ифротию террористӣ мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки дар баробари таълими асосҳои дин корҳои тарғиботию ташвиқотии зидди ифротгароию хурофот пеш бурда шавад. Мубориза идеявӣ бо радикализми динӣ боиси пешгирии ҳамроҳшавии ҷавонони гумроҳ ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ гашта, дар натиҷа пеши роҳи ҳаракату амалҳои террористии онҳо гирифта мешавад. Дар ин самт механизмҳои солими ҳамтаъсиррасонии дин ва давлат кумак расонида метавонад. Бояд роҳҳои созандаи алоқамандӣ ва муносибати байни дин ва давлат, рӯҳониёни динӣ ва хизматчиёни давлатӣ, таҳсилоти динӣ ва дунявӣ кор карда баромада шаванд.

---

164 Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография / Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 420 с.

165 Ананьина Д.А. Взаимоотношения государства и религии в контексте деятельности радикальных исламских организации в центральноазиатском регионе [манбаи электронӣ]. URL: www.gramota.net/materials/9/2018/12-1/15.html (санаи истифодабарӣ: 07.04.2023).

Як масъалаҳои муҳим дар таҳсилот ҷудо шудани таҳсилоти дунявӣ ва динӣ мебошад, зеро дар Тоҷикистон шаҳрвандон ё ба таҳсилоти дунявӣ ва ё динӣ таваҷҷуҳ менамоянд, ки ин аз даврони собиқ шуравӣ маншаъ мегирад. То ҳол аксарияти донишмандони илмҳои дунявӣ зарурати омӯзиши асосҳои диниро намебинанд ва ё рӯҳониёни исломӣ ба омӯзиши асосҳои донишҳои дунявӣ майл надоранд. Бо ин хотир, имрӯз бояд дар муассисаҳои таълимии дунявӣ таълими диншиносии илмӣ ва дар муассисаҳои таълимии динӣ асосҳои донишҳои дунявӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Шаҳрвандони мо бояд ҳам аз асосҳои донишҳои дунявӣ ва ҳам заминаҳои донишҳои динӣ бархурдор бошанд.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон омода намудани рӯҳониёни дорои донишҳои дунявӣ хеле муҳим мебошад. Бо ин ҳадаф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хело бомаврид қайд менамояд: «Ҳамчунин вақти он расидааст, ки мо доир ба масъалаҳои такмили раванди омӯзиши таърихи дин ва равияву мазҳабҳои он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ андеша намоем. Моро зарур аст, ки мутахассисону коршиносони варзидаи соҳаро ба кори таълиф ва таҳрири адабиёти таълимӣ ҷалб намоем, то ки бо истифода аз маъхазу сарчашмаҳои муътабари мероси динӣ ва диншиносӣ, аз ҷумла илми исломшиносӣ хонандагон аз таърихи дину мазҳаби худ аз дидгоҳи дурусти илмӣ ва воқеъбинона огоҳӣ ёбанд. Ҳамзамон бо ин, ба ҷанбаҳои панду ахлоқӣ, инсондӯстиву таҳаммулписандӣ ва сулҳу ваҳдатгароии таълимоти дини мубини ислом, махсусан, мазҳаби ҳанафӣ диққати бештар додан зарур аст. Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм, Донишкадаи исломӣ вазифадор карда мешаванд, ки нақшаи барномаҳои таълимиро барои синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти таълимоти мазҳаби ҳанафӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангии гузаштагонамон таҳия карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. Инчунин, роҳбарони масоҷид ва дигар муассисаҳои динии мамлакат

фақат дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон тарбия ва таъин карда шаванд»[166].

Дин чун анъанаи маънавӣ на танҳо барои эътиқодмандон, балки барои озодандешоне, ки ба ҳувияти тамаддунии хеш эҳтиром доранд ва худро аз решаҳои фарҳанги миллии худ накандаанд, ниҳоят муҳим аст. Барои бединон дин барои он муҳим аст, ки ба он наслҳои зиёди пешгузаштагонашон пайравӣ мекарданд ва зиндагии гузаштагони онҳо дар асоси дин бунёд гардида буд. Баъдан, ҳарчанд баъзе аз нафарон бедин будани хешро тасдиқ менамоянд, аммо маросиму анъанаҳои диниро риоя ва иҷро мекунанд. Масалан, бо меъёрҳои динӣ никоҳ мебанданд, маросими дафнашон дар асоси талаботҳои дин мегузарад, маросимҳои баъдифавтро (чилу сол) мегузаронанд. Ҳатто баъзе аз нафарони атеист дар овони пирии худ ба дин рӯ меоранд.

Дар шароити имрӯза барои муносибати мувофиқи дин ва давлат шаклҳои алоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии таълимоти динӣ ва дунявӣ ҷустуҷӯ намудан аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Айни замон дар Тоҷикистон амсилаҳои нави муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ шакл мегиранд ва танзими равандҳои динӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд. Бо ташаббуси Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2008 «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис ёфт, ки кормандони он ба омӯзишу таҳқиқи илмии масоили исломи муосир, сиёсати давлати дунявӣ нисбат ба дин, анъанаву маросимҳои исломӣ, тарҷумаю таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои исломӣ, омӯзиши вазъи дину диндорӣ, ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи муосири тоҷик ва дигар масоили марбут ба диншиносӣ машғул ҳастанд. Марказ дар тарғиби донишҳои диншиносию исломшиносӣ дар байни шаҳрвандон ва гузаронидани

[166] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавзуи «Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзам ва вазъи дин дар кишвар» дар конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 1310 – солагии Имоми Аъзам http://prezident.tj/node/2864

таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар соҳаи дин низ саҳми калон дорад[167].

Ҳамзамон, дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ шуъбаи «Таърих ва фалсафаи дин» кушода шудааст, ки кормандони он масъалаҳои исломшиносӣ ва фалсафаи исломро дар шароити ҷаҳонишавӣ меомӯзанд. Барои пешгирии паҳншавии хурофоти динӣ ва ифротӣ дар мафкураи ҷавонон соли 2021 дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон таълими фанни «Диншиносӣ» ба роҳ монда шуда, дар назди факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи «Диншиносӣ» ва ихтисоси «диншиносӣ» кушода шуд. Аз соли таҳсили 2022-2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯёнро бо ихтисоси «диншиносӣ» қабул намуданд. Хатмкунандагони ин ихтисос ҳамчун мутахассисони касбии диншиносӣ омода шуда, дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ оид ба дин кор карда метавонанд.

То солҳои охир давлат ба таҳсилоти динии аҳолӣ таваҷҷуҳи лозима зоҳир намекард ва дар натиҷа аҳолӣ таҳсилоти динии худро бо роҳҳои гуногун ва хориҷ аз кишвар дастрас менамуданд. Бо ин сабаб, нуфузи муҳассилони муассисаҳои динии давлатҳои хориҷӣ, ки аз хатмкардаҳои донишкада ва дигар мактабҳои ғайрирасмии динии кишварамон аз ҷиҳати саводи динӣ нерумад буданд, мақоми баланди ҷамъиятиро соҳиб гаштанд ва аҳкоми мазҳабҳои ғайриҳанафии дар хориҷ омӯхтаашонро дар ҷомеа паҳн намуданд.

Хушбахтона, давлат ҳоло ба масъалаи таҳсилоти динии шаҳрвандон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст ва муассисаи бонуфузи таҳсилоти динии кишварамон – Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нуъмон ибн Собит бо маблағгузории давлат фаъолият менамояд. Донишкадаи исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди фарҳанги исломии ҷомеаи Тоҷикистон, мутобиқ гардонидани раванди таълиму тарбияи динӣ бо меъёрҳои

[167] Ниг.: Нурулҳақ Қ. Муносибати давлат ба дин дар даврони созандаи Истиқлолият [манбаи электронӣ]. URL: https://mit.tj/article (санаи истифодабарӣ: 17.02.2023).

муосири илмӣ, истифодаи таҷрибаҳои пешрафтаи ватанӣ ва хориҷӣ дар самти таълиму тарбияи касбии мутахассисони дин ва амалӣ намудани сиёсати давлат дар соҳаи дин саҳми арзанда мегузорад.

Хулоса, омили асосии тағйирдиҳӣ ва шаклгирии сатҳи ҷаҳонбинӣ ва шуури динии аҳолӣ, махсусан, рӯҳониён таҳсилоти динӣ мебошад. Мақсади ниҳоии таҳсилоти динӣ омода намудани мутахассисони дин, омӯзгорони соҳаи дин, рӯҳониён ва хизматчиёни ташкилотҳои динӣ мебошад. Ба воситаи таҳсилоти динӣ иҷтимоишавии динии эътиқодмандони дин амалӣ гардида, меъёрҳо ва арзишҳои динӣ аз як насл ба насли дигар мерос гузошта мешавад. Роҳи муҳимтарини мубориза ба идеологияи экстремизми динӣ таълими дурусти динӣ ва ташаккули шуури динии шаҳрвандон мебошад. Маҳз шуур ва ҷаҳонбинии баланди динӣ, на хурофотӣ дар бунёди ҷомеаи миллӣ ва шаҳрвандӣ накши муҳим бозида метавонад. Барои ягонагӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон ҷаҳонбинии солими динӣ мусоидат менамояд.

## 2.3. Таҳлили афкори ҷамъиятӣ оид ба таҳсилоти динӣ ва масъалаҳои ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад, пешрафти соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз вазъи фазои динии ҷомеа вобастагии калон дорад, зеро аксарияти аҳолии Тоҷикистон диндор буда, ба дини Ислом гаравиш доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон мусоидат мекунад. Сиёсати давлатии Тоҷикистон нисбат ба дин низ дар заминаи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва амнияти шаҳрвандон, таҳаммулпазирӣ ва принсипҳои башардӯстонаи озодии виҷдон ба роҳ монда шудааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар самти муносибатҳои мувофиқи дин ва сиёсат, дунявият ва дин, озодии виҷдон ва эҳёи арзишҳои динӣ душманони дохилию хориҷии кишварамон аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода бурда, барои шиддат додани низоъҳои динию ақидавӣ тамоми

кушишҳои худро истифода мебаранд. Онҳо сиёсати давлатии Тоҷикистонро нисбат ба дин муғризона ва нодуруст шарҳ дода, тарғиб менамоянд, ки дар Тоҷикистон ҳамаи озодиҳои динӣ маҳдуд карда шудаанд, ҳарчанд худи онҳо дар рушди ҳаёти динии Тоҷикистон ба ҷуз паҳн кардани ақидаҳои ифротгароӣ, ангехтани кинаю адовати динию мазҳабӣ, тарғиб ба гирдиҳамоӣ ва ҷангу ноамн сохтани вазъи босуботу ороми ҳаёти кишвар ягон хидмати назаррасеро ба анҷом нарасонидаанд.

Албатта, дар ҳар як давлати дунё мушкилоти дохилӣ ва хос вуҷуд доранд, дар баробари муваффақиятҳо дар кишварамон масъалаҳои ҳалталаб ва монеаҳои рушди босуботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ боқӣ мондаанд, ки нобаробариҳои шадиди иҷтимоӣ, таъсири оқибатҳои номатлуби муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, «фирори зеҳнҳо» ва нарасидани мутахассисони соҳавӣ, афзудани сатҳи каҷрафториҳои иҷтимоӣ, паст будани сатҳи тафаккуру ҷаҳонбинии илмии наврасону ҷавонон ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар солҳои наздик мебошанд.

Вобаста ба масъалаҳои ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи анъанавии Тоҷикистон, таҳсилоти динии шаҳрвандон, ифротгароии динӣ ва дигар масъалаҳои ба дин алоқаманд дар Тоҷикистон як қатор таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шудаанд, ки дар бештари онҳо муаллифи диссертатсия иштирок намудааст. Яке аз ин таҳқиқотҳои сотсиологӣ «Омӯзиши масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки соли 2022 кормандони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ бо ҳамкорӣ бо мутахассисони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ ба анҷом расонидаанд. Таҳқиқоти сотсиологии мазкур бо 1100 нафар шаҳрвандони аз 18 сола болои ш. Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон гузаронида шуд. Дар таҳқиқоти сотсиологӣ аз шумораи умумӣ 52,4% мардон (54,6% аз деҳа ва 48,4% аз шаҳр) ва 47,6% занон (45,4% аз деҳа ва 51,6% аз шаҳр) иштирок карданд.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти кулли мусоҳибон (88,8%) сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи дин мувофиқ ба талаботи замони муосир медонанд ва ҳамагӣ 3,7%-и мусоҳибон ба ин андеша розӣ нестанд *(нигаред ба расми 2)*.

**Расми 2.**

**Ба фикри Шумо сиёсати давлатии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи дин чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?** *(n=1100, %), %)*




Ба ақидаи 73,9%-и мусоҳибон давлат бояд фаъолияти ташкилот ва иттиҳодияҳои диниро назорат кунад ва барои ҳифзи амнияти шаҳрвандон ба фаъолияти намояндагони дин, ки бар зидди давлат ва ҳокимияти қонунӣ баромад менамоянд, монеаҳо эҷод намояд. Ҳамзамон, 13,8%-и мусоҳибон фикр доранд, ки бояд ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо бошанд ва ба кори ҳокимияти давлатӣ дахолат накунанд. Инчунин, 8,4%-и мусоҳибон ба ин бováранд, ки бояд ташкилот ва иттиҳодияҳои динӣ ба ҳокимияти давлатӣ ҳамкорӣ намоянд *(нигаред ба расми 3)*.

**Расми 3.**

**Ба фикри Шумо муносибати давлат бо ташкилотҳои динӣ чӣ гуна бошад?**

*(n=1100, %), %)*




Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ аз нисф зиёди мусоҳибон (52,5%) кӯшиш мекардаанд, ки аз рӯйи қоидаҳои дин зиндагӣ кунанд. Зиёда аз нисфи мусоҳибон дар муносибатҳои оилавӣ ҳам ба шариати динӣ ва ҳам қонунҳои давлатӣ такя мекардаанд (61,7%) ва ҳамагӣ 17,3% ҳамеша ба шариати динӣ таваҷҷуҳ доштаанд *(нигаред ба расми 4)*

**Расми 4.**

**Дар муносибатҳои оилавӣ ба шариати динӣ такя мекунед ва ё қонунҳои давлатӣ?** *(n=1100, %)*



Таҳқиқоти дигаре, ки дар самти муайян намудани муносибати аҳолӣ нисбат ба дин аз тарафи кормандони шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кормандони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шуд, «Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм» ном дорад. Ин таҳқиқот соли 2018 бо 365 нафар аҳолии шаҳру маҳалаҳои ш. Душанбе ва Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба анҷом расонида шуд.

Таҳлили натиҷаҳои ин таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аз се як ҳиссаи мусоҳибони пурсидашуда – 32% умуман, ба масҷид намераванд, дар хона намоз мехонанд. Аммо 30% мусоҳибон қайд кардаанд, ки агар вақт дошта бошанд, ба масҷид мераванд ва намози ҷумъа мехонанд. Зиёда аз 12% мусоҳибон панҷ вақт ба масҷид рафта, намоз мехонанд, 11,3% мусоҳибон бошанд, ҳар рӯз якчанд маротиба ба масҷид мераванд. Инчунин 7,3% мусоҳибон ҳарчанд ба Худо бовар доранд, аммо намоз намехонанд ва ба масҷид намераванд *(нигаред ба расми 5)*.

**Расми 5.**

**Шумо чӣ қадар зуд-зуд ба масҷид меравед?** *(n=354, %)*




Мувофиқи таҳлили назарсанҷӣ қисмати зиёди мусоҳибон нисбати шахсони бенамоз таҳамамулпазир ҳастанд, 47,4% қайд намуданд, ки ҳар

кас дар намозгузорӣ озод аст ва 42,3% ба ин масъала аҳамият намедиҳанд. Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон бар он ақидаанд, ки шахсоне ки намоз намехонанд, имонашон заиф мебошад. Қобили зикр аст, ки 4,2% мусоҳибон нисбати шахсоне, ки намоз намехонанд, нафрат доранд ва 0,8% онҳоро кофир меҳисобанд. Ҳамзамон, 81,6%-и мусоҳибон иброз намудаанд, ки доимо рӯза мегирифтанд ва аз даҳ як ҳиссаи мусоҳибон – 9,8% то охир рӯза гирифта наметавонистаанд *(нигаред ба расми 6)*.

**Расми 6**

**Шумо дар моҳи Рамазон рӯза мегиред?** *(n=1100, %)*




Мусоҳибон ба идҳои динӣ таваҷҷуҳ доранд ва ин гуна идҳоро барои муттаҳидии ҷомеа муҳим мешуморанд. Аксарияти мусоҳибон ба идҳои динӣ эҳтиром доранд (52,1), аз чор як ҳиссаи мусоҳибон қайд намуданд, ки идҳои динӣ ба зиндагӣ маънӣ медиҳанд (23,7%). Аз чор як ҳиссаи мусоҳибон чунин мешуморанд, ки ҳамаи идҳо лозим ҳастанд. Инчунин, 2,1 %-и мусоҳибон иброз намуданд, ки ба ин гуна идҳо таваҷҷуҳ надоранд ва ба онҳо аҳамият намедиҳанд *(нигаред ба расми 7)*.

**Расми 7.**

**Таваҷҷуҳи мусоҳибон ба идҳои динӣ, аз ҷумла иди Рамазон?** *(n=1100, %)*




Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои мусоҳибаи амиқ дин дар навбати аввал барои мусоҳибон – ин покизагӣ, тозагӣ, намоз хондан, рӯза гирифтан, накӯӣ кардан, ҳурмати волидайн, имону эътиқод, ахлоқ ва таълиму тарбия мебошад. Ягон нафар аз иштирокчиёни таҳқиқот ҷанбаҳои сиёсии динро номбар накард, яъне дар байни аҳолӣ дин ба сифати сиёсат ва воситаи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ эътибор надорад. *«Дин покизагӣ ва як қисми маданият аст. Дини ислом мардумро дар ҳар давру замон ба некӯӣ ба ободӣ ба тозагӣ ва покизагӣ даъват мекунад. Агар тозагӣ калиди намоз бошад, намоз калиди ҷанат аст».* Мусоҳибаи амиқ бо мард, сархатиби масҷиди ноҳияи Спитамен.

Масъалаи дигаре, ки дар фазои иҷтимоӣ-динии Тоҷикистон доман паҳн менамояд, масъалаи таносуби миллат ва дин мебошад, яъне шаҳрвандон дар мавриди тоҷикӣ ё исломӣ будан баҳсҳои тезу тунде намуда, ҳар як нафар аз дидгоҳ ва сатҳи ҷаҳонбинии худ ин масъаларо баҳогузорӣ менамояд. Кор то дараҷае расидааст, ки «Дар баъзе аз матбуоти даврӣ ва маҳфилҳои фарҳангӣ ин масъала то ҳадде гарм шудааст, ки ҷонибҳо бо гирифтани мавқеи гӯё «сирф миллӣ» ё гӯё «сирф исломӣ» на танҳо ба танқиду инкор, балки ҳатто ба таҳдиду таҳқири ҳамдигар пардохтаанд»[168]. Ҳатто баъзе аз доираҳои зиёӣ ва

[168] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 68.

равшанфикрон дар мавриди муайян намудани тоҷикӣ ё исломӣ будан аз мусулмон будани худ ёдовар гашта, арзишҳои миллӣ ва тоҷик будани хешро дар мақоми дуввуминдараҷа мегузоранд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии зикргардида 48,2% худро пеш аз ҳама мусулмон ва танҳо аз панҷ як ҳиссаи онҳо -22,6% худро тоҷик меҳисобанд Ҳамзамон 25,1% мусоҳибон ба ин андешаанд, ки ҳар ду ин мафҳум ҷудонашаванда буда, дар ҳолати зарурӣ ҷойи худро доранд. Аз ин миён 3,3 % мусоҳибон ба ҷавоб додан мушкилӣ кашидаанд[169]. Аз таҳлилиҳои болоӣ маълум мегардад, ки шаҳрвандон арзишҳои диниро нисбат ба арзишҳои миллӣ болотар меҳисобанд *(нигаред ба расми 8)*.

**Расми 8. Шумо худро пеш аз ҳама кӣ ҳисоб мекунед: мусулмон ё намояндаи миллати худ?** *(n=363, %)*




Арзишҳои динӣ бо шаклҳои ба миллати мо хос бояд дар ҳамбастагӣ бо фарҳанги миллӣ ҳамчун як қисми таркибии он арзёбӣ карда шаванд[170]. Мутаассифона, рӯҳониёни исломӣ низ дар навбати худ

---

[169] Ниг.: Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм // Ҳисоботи натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С. 35.
[170] Ниг.: Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 67.

ҳувияти миллии тоҷиконро бо ҳувияти исломӣ як таъвам дониста, фарҳанги то исломӣ ва ғайрисломии моро инкор ва ҳатто таҳқиру таҳвин менамоянд. Чи хеле ки донишманди соҳа Р. Азизӣ қайд менамояд: «Дар ислом мафҳуми муосири сиёсии миллат вуҷуд надорад, балки мафҳуми уммат ҳамчун шакли ваҳдати динии мардум пешниҳод мешавад, ки болотар аз вижагиҳои қавмӣ, қабилавӣ ва нажодии онҳо меистад»[171].

Инчунин нафароне пайдо шудаанд, ки арзишҳои исломӣ ва ғайриисломиро дар ҳувияти миллӣ эътироф менамоянд, аммо ба арзишҳои динӣ ва ё арзишҳои тоисломию ғайриисломӣ бартарӣ медиҳанд. Ба андешаи мо, ҳуввияти миллии тоҷикон аз пайванду омехташавии арзишҳои исломӣ ва арзишҳои тоисломию ғайриисломӣ ташаккул ёфтааст ва инкор кардани ин пайвандҳо баҳсҳоҳоро тӯлонӣ намуда, ба ваҳдати миллӣ, амнияти миллӣ ва якпорчагии миллат хатарҳои нав ба навро эҷод менамояд. Ба андешаи файласуфи тоҷик Ғ. Мирзоев «шуури динӣ вобаста бо шароити таърихӣ дар тӯли чандин қарнҳо шакли идеологии ҳукумрон буда, ҳамчун шакли андешаи куллӣ ба дигар шаклҳои шуури оммаи васеи мардум таъсири худро гузоштааст. Яъне, ҳамаи шаклҳои шуури мардуми мо, аз қабили шуури ахлоқӣ, шуури ҳуқуқӣ, шуури сиёсӣ, шуури зебошиносӣ ва адабиёту ҷаҳонбинии ӯ аз тафаккури динии онҳо илҳом гирифтааст»[172].

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки аксарияти мусоҳибон – 57,7% саводи динии худро кофӣ намешуморанд ва маълумоти диниро аҳолӣ асосан аз масҷид, рӯҳониён ва диндорон, оила, сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дӯстон ва хешутаборон, телевизион, матбуоти даврӣ, мактабу донишгоҳҳо, радио ва дигар сарчашмаҳо дастрас мекунанд. Нақши масҷиду рӯҳониёни маҳалла ва оила дар шаклгирии ҷаҳонбинии динии аҳолӣ хеле калон аст, зеро

---

[171] Азизӣ, Р. Ислом ва миллатгароӣ / Р. Азизӣ // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ (Маҷмуаи илмӣ). – Душанбе: Андалеб Р, 2015. – С. 39.
[172] Мирзоев, Ғ. Шуури динии исломӣ ва худшиносии миллӣ: мушкилот ва дурнамо / Ғ. Мирзоев // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ф. Баротзода. – Душанбе: Андалеб, 2016. – С. 91.

мусоҳибон ба ахбори динии пешниҳоднамудаи онҳо эътимоди зиёд доранд.

Дар таҳқиқоти номбаршуда (мусоҳибаҳои амиқ) мусоҳибон қайд карданд, ки аҳолӣ маълумоти диниро асосан аз маъвизаҳои рӯҳониёни маҳалла дар масҷидҳо ва аз волидайну хешу табор дар оила ба даст меоранд. Аксарияти мусоҳибони мо иброз доштанд, ки донишҳои динии аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

*«Ҷавонон маълумоти диниро аз муллоҳо дар масҷид, аз падару модар ва калонсолон мегиранд. Ҳозир китобҳои динӣ ҳам чоп мешаванд. Дар масҷидҳо пеш аз намоз 10-15 дақиқа дар бораи сулҳу салоҳу одобу тарбияи фарзандон гап мезанем. Аксарияти мардум на саводи динӣ дорад, на саводи дунявӣ. Дар Тоҷикистони мо 10-15% дониши динӣ доранду халос. Кӯр-кӯрона дониши динӣ мегиранд. Дар масҷид ё аз муллоҳои бесавод чиро мегӯянд, ҳамонро қабул мекунанд. Барои пешгирӣ кардан аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро ақалан дар мактабҳо 1 соат дарси динӣ монанд».* Мусоҳибаи амиқ бо мард, сархатиби ноҳияи Қубодиён.

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ дар мавзуи «Омӯзиши масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маълум мегардад, ки қариб нисфи мусоҳибон ё ин ки 48,9% дастрас намудани маълумоти диниро ҳатмӣ мешуморанд. Ба ақидаи онҳо бояд дар давлати дунявӣ шаҳрвандон бояд маълумоти ибтидоии динӣ дошта бошанд ва бо ин восита аз ҷаҳонбинии хурофотӣ раҳоӣ ёфта метавонанд. Дар баробари ин, 46,6%-и мусоҳибон қайд кардаанд, ки гирифтани маълумоти динӣ барои сокинони Тоҷикистон ихтиёрӣ мебошад. Ҳамагӣ 3,0% мусоҳибон дастрас намудани маълумоти диниро барои шаҳрвандон зарур намеҳисобанд *(нигаред ба расми 9)*.

**Расми 9.**

**Оё гирифтани маълумоти динӣ барои сокинони Тоҷикистон зарурат дорад ё не?**

*(n=1100, %), %)*




Ба ақидаи 35,7%-и мусоҳибон маълумоти динӣ бояд дар мактабҳои динии давлатӣ омӯзонида шавад, 16,6%-и мусоҳибон ба ин назаранд, ки маълумоти диниро шаҳрвандон бояд дар марказҳои таҳсилоти динии назди масҷидҳои ҷомеъ ба даст биёранд. Ҳамзамон, 3,0%-и мусоҳибон ба ин боваранд, ки маълумоти динӣ бояд дар муҳити оилавӣ гирифта шавад ва зарурати таҳсил дар мактабҳои динии давлатӣ ва марказҳои таҳсилоти динӣ вуҷуд надорад. Ҳамагӣ о,з%-и мусоҳибон қайд кардаанд, ки маълумоти динӣ бояд дар назди рӯҳониёни дини гирифта шавад *(нигаред ба расми 10)*.

**Расми 10.**

**Ба фикри Шумо маълумоти диниро дар куҷо бояд омӯхт?** *(n=1100, %), %)*




Фаъол шудани ҳизбу ҳаракатҳои экстримистию террористӣ масъалаи ташвишовари давлатҳои муосир мебошад, ки тарғибгарони онҳо ҷавононро ба роҳи ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ даъват менамоянд. Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ҳамроҳ шудани баъзе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои ифродгароию террористӣ як мушкилии Тоҷикистон нест, балки мушкилии тамоми ҷаҳон аст. Ба андешаи коршиноси масоили динӣ ва сиёсӣ А. Раҳнамо «Ифротгароии динӣ яке аз маъмултарин шаклҳои ифротгароӣ ё экстремизм буда, ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёрҳои дин ва дар амал кардан таълимоти динӣ сахтгирии пеш аз ҳад намуда, дар ин кор аз ҳадду андозаи эътидол мегузарад. Шахси ифротгарои динӣ маъмулан аз таълимоти асилу муътадили динӣ дур монда (1), динро ба таври бисёр рӯякӣ, маҳдуд ва танг фаҳмида (2), ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда (3), аз дигарон низ чунин тарзи амалро интизор ва тақозо менамояд (4)»[173]. Ба ақидаи донишманд, ифротгароии динӣ як навъи тафаккури инсон мебошад ва агар ба марҳилаи амал гузарад, ба радикализм ё тундравии динӣ табдил меёбад. Аз сабаби он ки фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои ҳамаи аъзоёни ҷомеа қобили қабул нест, онҳо барои расидан ба

[173] Раҳнамо, А. Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист? / А. Раҳнамо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 17.

мақсадҳои хеш аз зӯроварӣ, даҳшатафканӣ, қатлу куштор ё терроризм мегузаранд.

А. Раҳнамо хело равшану сода баён менамояд, ки нахуст дар тафаккури шахс фаҳмиш ва тафаккури ифротгароии динӣ (экстремизми динӣ) ташаккул меёбад, сипас он паҳн намудани ин фаҳмишу тафаккури худ ё радикализми динӣ (тундгароии динӣ) мегузарад ва дар мавриди аз ҷониби одамон қабул нашудани ин навъи тафаккур ва фаҳмиш аз зӯроварӣ ва қатлу куштор ё даҳшатафкании динӣ (терроризм) истифода мебарад. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Хидирзода М. гурӯҳи экстремистӣ иттиҳоди шахсонест, ки «дар доираи ягонагии эътиқодӣ, мафкуравӣ ва сиёсӣ муттаҳид гашта, мақсади амалӣ намудани фаъолияти экстремистиро доранд»[174].

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои ифротӣ барои ба доми худ афтонидани баъзе аз ҷавонони гумроҳ мақсадҳои нопоки худро маҳз ҷомаи динию мазҳабӣ пӯшонида, аз роҳу усулҳои ниҳоят гуногун истифода мебаранд. «Онҳо асосан ба ҷавонони фанатики дин, дорои саводи пасти динӣ, зудбовару камирода ва ҷавонони мушкилидор таваҷҷуҳ менамоянд. Бо тарғиботчиёни худ тавассути сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонони гумроҳ ваъдаҳои пучу дурӯғ, зуд соҳиб шудан ба сарвати калон, ҷиҳоду ваъдаи биҳишт дода, ҳар хел овозаҳои бардурӯғи мазҳабию дунявиро паҳн мекнанд, бадбинӣ ва низоъҳои мазҳабиро бармеангезанд ва ба эҳсосоти динии ҷавонон нохун мезананд»[175].

Ифротгароии динӣ асосан аз таассубгароии динӣ маншаъ мегирад, ки шахс дину мазҳаби худро аз дигар дину мазҳабҳо афзалтар дониста, бо муносибати этносентристии худ намояндагони эътиқодоти ғайрро таҳқиру таҳвин менамояд. Нуқтаи назари таассубгарои динӣ объективӣ

[174] Хидирзода М. Ифротгароии динӣ: моҳият, ҷанбаҳои сохторӣ ва роҳҳои пешгирӣ / М. Хидирзода // Ифротгароии динӣ ва роҳҳои амалии пешгирии он дар маҳалҳо: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Бохтар, 25 апрели соли 2018. – Бохтар, 2018. – С. 10.

[175] Миров, Ф.С. Радикализм дар байни ҷавонон / Ф.С. Миров, В.А. Баҳромбеков // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир” (ш. Душанбе, 25-26уми январи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 128.

нест, баҳои ӯ ба фазои динии ғайр муғризона буда, бо намояндагони дину мазҳаби дигар на аз рӯйи ақлу мантиқ ва таҳаммулпазирӣ, балки бо эҳсосоти ноқаноатмандӣ муносибат менамояд. Маҳз таассуби динӣ ба пайдоиш ва рушди тафаккури ифротӣ замина мегузорад. Ба ақидаи файласуфи тоҷик Н.Д. Маҳмадизода «ифротгароӣ ҳамеша бо таассуб ҳаммарз аст, барои мутаассиб фақат худи ӯ ва эътиқоди ӯ вуҷуд дораду бас... мутаассибони динӣ шефтаи дигаргун сохтани олам аз диди хаёлоти худ мебошанд»[176]. Файласуф дар ҷойи дигар менависад, ки «бо баҳонаи аз бар намудани маълумоти васеи динӣ ба сафҳои ташкилотҳои динӣ-ифрогароӣ шомил шудани ҷавонони тоҷик вазъияти диниро дар ҷомеа боз ҳам тезу тунд мегардонад»[177].

Аксарияти кулли ифротгароёни динӣ саводи кофии динӣ надоранд, таҳсилоти дурусти динӣ ва исломӣ нагирифтаанд, дониши динии онҳо баъзе маълумотҳои одитарини фиқҳӣ, таърихӣ ва ривоятиву қиссавӣ мебошад, ки аз рӯҳониёни «чаласавод», шабакаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои манфиатҷӯйи динӣ дастрас намудаанд. Асоси динро ба таври содалавҳона, зоҳирӣ ва яктарафа мефаҳманд, бе ҳеҷ гуна таҳлил ва андеша фатвоҳо ва суханони роҳбарони худро қабул ва пайравӣ мекунанд. Нисбат ба ҳокимияти сиёсии қонунӣ, қонунҳои амалкунанда, ҳувияти миллӣ ва фарҳангу тамаддуни форсию тоҷикӣ ҳисси нафрат ва бадбинӣ доранд, нафарони муқобили худро танқид ва таҳқир менамоянд. Аз ҳама беш «ифротгароёни динӣ мазҳаби ҳанафиро нодуруст дониста, пайравони онро мусулмони ҳақиқӣ намеҳисобанд»[178].

Иштирокчиёни пурсиши сотсиологӣ сабаби пурзӯршавии гурӯҳҳои ифротгаро ва ба амалҳои экстремистӣ даст задани шаҳрвандон, махсусан, ҷавононро дар бекорӣ (51,7%), пурзӯршавии тарғиботи гурӯҳҳои экстремистӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ (44,3%), камбизоатӣ ва

---

[176] Маҳмадизода Н.Д. Таассубгароӣ: истилоҳ, табиат ва заминаҳои паҳншавии ин зуҳурот дар ҷомеа / Н.Д. Маҳмадизода // Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ҳадафҳои рушд: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 17 сентябри соли 202021. – Душанбе: Илм, 2021. – С. 55.
[177] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ–сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он: Монография / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – С. 157.
[178] Ислом муқобили террор. Дастури иттилоотӣ. Мураттибон: А. Мавлонов, А. Раҳнамо ва М. Наботов. – Душанбе, Паёми ошно, 2017. – С. 19.

вазъи мушкили зиндагӣ (39,1%), фанатизм дар ҳама шаклҳояш (31,7%), паст будани сатҳи донишҳои динӣ (29,0%),ба фиреби дӯстону хешовандони экстремист афтидан (28,2%), паст будани ҷаҳонбинии илмӣ (20,6%), рафтори бади худи шахс (15,0%), маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон (10,8%), ноадолатиҳои иҷтимоӣ (10,6%), набудани боварӣ ба шахсони расмӣ (18,0%) ва ғайраҳо мебинанд *(нигаред ба расми 11)*.

**Расми 11.**

**Сабабҳои гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ(экстремистӣ) ва радикалӣ?** *(n=370, %)*




Мувофиқи маълумоти расмӣ дар байни солҳои 2012-2016 барои пайвастан ба ДИИШ 1094 нафар аз кишвар баромадаанд, ки дар байни онҳо аз 125 то 200 нафар зан мебошад. Умуман, дар сатҳи ҷаҳонӣ иштироки занон ба гурӯҳҳои ифротгаро аз 15-20% то 30%-ро ташкил медиҳад. Бештари занон аз паси шавҳарҳои худ ба гурӯҳҳои ифротӣ мепайванданд[179]. Аммо дар байни

[179] Ниг.: Женщины и экстремизм. Сколько таджичек уехали в Сирию? // Исследование ООН по Центральной Азии [манбаи электронӣ]. URL: https://news.tj/ru/news/centralasia/20180125/zhentshini-i-ekstremizm-issledovanie-oon-po-tsentralnoi-azii (санаи истифодабарӣ: 24.03.2022).

занон тарғибгарони ифротӣ хеле каманд. Дар маҷмуъ, омилҳои ҷалб шудани занон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва ҷиҳатҳои гендерии ифротгароӣ кам омӯхта шудааст ва ба таҳқиқоти густурда ниёз дорад. Барнома ва тадбирҳое, ки барои пешгирии ифротгароӣ кор карда баромада шудаанд, ҷанбаҳои гендерӣ қариб ба инобат гирифта нашудаанд.

Дар ҳамроҳшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои ифротгарою экстремистӣ ва террористӣ шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои тарғиботӣ низ саҳмгузор ҳастанд. Аз сабаби ҷаҳонбинии маҳдуд, дониши паст ва иродаи мустаҳкам надоштан ҷавонон зуд ба доми намояндагони гурӯҳҳои ифротӣ меафтанд. Пайравони гурӯҳҳои ифротӣ барои тарғиби идеяҳои худ хуб омӯзонида шудаанд, дорои маҳорат ва қобилияти махсус мебошанд. Онҳо аз заифиҳои ҷавонони мо моҳирона истифода бурда метавонанд. Ҷавонони беназорат ва кӯчагарду каҷрафтор зуд ба доми ҳаракату гурӯҳҳои ифротию террористӣ меафтанд. Махсусан, фарзандони оилаҳои носолим ва низоъдор, туъмаи асосии ин гуна гурӯҳҳо мегарданд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои ҷиноятпеша бо далелу бурҳони рӯякӣ, аммо боваркунанда, ба тафаккури ҷавонон таъсир гузошта, ба онҳо имконияти дуруст таҳлил кардани ҳодисаҳоро намедиҳанд. Сатҳи донишҳои ҳуқуқию сиёсӣ ва динии ҷавонон паст аст, онҳо бо ин донишҳои худ ҳодисаҳои мураккабу печдарпечи замони ҳозираро дуруст таҳлил карда наметавонанд. Ба ақидаи иштирокчиёни таҳқиқот сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ барои ноором сохтани ҷомеа ва ба худ ҷалб намудани ҷавонони сустирода ҳамчун восита ва яроқи дастрас хизмат менамояд. Гурӯҳҳои террористӣ мутахассисони хуби соҳаи технологияи интернетӣ доранд. Онҳо тавассути гузоштани суратҳо ва видеороликҳои гуногун тафаккури ҷавононро заҳролуд мекунанд.

Мубориза ба муқобили ифротгароии динӣ ва гурӯҳҳои экстремистии динӣ худ мубориза ба муқобили терроризм мебошад, зеро ҳама гуна гурӯҳҳои экстремистию радикалии динӣ барои дар амал

татбиқ намудани ҳадафҳои худ даст ба террор мезананд. Ҳукумати Тоҷикистон хатарҳои ифротгароёни диниро дарк кардааст ва бо ин сабаб, ба муқобили онҳо мубоpизаи оштинопазирро пеш гирифтааст. Гурӯҳҳои ифротию террористӣ на танҳо ба ҳокимияти сиёсӣ, балки ба ҳар як қишри ҷомеа, ҳар як оила ва ҳар як шаҳрванд хатар дорад. Аз ин рӯ, муқовимат ва мубориза ба ифротгароии динӣ вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст ва озодихоҳ мебошад.

Ба ақидаи иштирокчиёни пурсиши сотсиологии номбаршуда дар самти пешгирии одамон аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ нақши оила ва мактаб (маориф) хеле бузург аст. Ҷавонон бояд аз хурдӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ тарбия карда шаванд, дар тарбияи насли наврас рӯҳониён низ иштирок кунанд. Ба воситаи ВАО, телевизон, инернет ва матбуот корҳои зишти гурӯҳҳои ифротгаро бо далелҳои асоснок намоиш дода шаванд.

Иштирокчиёни мусоҳибаи амиқ пешниҳод намуданд, ки бояд ба масъалаи шуғлмандӣ, фароғат ва варзиши ҷавонон таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, ба ҷавононе, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, корҳои тарғиботу ташфиқотиро пурзӯр намуда, паҳншавии ақидаҳои ифротиро дар маҳбасҳо пешгирӣ намудан лозим аст. Махсусан, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон омили муҳимтарини пегирии паҳншавии амалҳои ифротгароёнаи баъзе аз ҷавонон мебошад. «Маҳз тарбияи дурусти ҳуқуқӣ барои муқобилияти шахс ба ҳама гуна тарғиботи носолими динию сиёсӣ мусоидат карда метавонад. Баланд гардидани сатҳи шуур ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон барои паст рафтани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва пешгирии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мусоидат менамояд»[180].

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, боло бардоштани маърифати динӣ,

---

[180] Миров, Ф.С. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муқовимат бар зидди паҳншавии идеологияи экстремистӣ ва террористӣ (дар асоси маводи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ) / Ф.С. Миров // Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 22 феврали соли 2022. – Душанбе, 2022. – С. 147;150.

боло бардоштани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, беҳтар намудани шароити зиндагии шаҳрвандон, паст намудани сатҳи бекорӣ, гузаронидани чорабиниҳои ҷамъиятӣ-ташвиқотӣ, мустаҳкам кардани қонунгузорӣ ва додани озодиҳои бештари динӣ роҳу воситаҳои асосии пешгирии одамон аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро мебошанд *(нигаред ба расми 12).*

**Расми 12.**

**Ба андешаи Шумо роҳу воситаҳои беҳтарини пешгирии одамон аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро кадомҳоянд?** *(n=500, %)*




Хулоса, дин дар ҳаёти иҷтимоии кишвари мо аҳамияти ҷиддӣ дорад ва мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот аксарияти мусоҳибон динро риояи талабот ва қоидаҳои динӣ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва анъанаю бовари гузаштагон мепиндоранд. Дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии динии аҳолӣ нақши муассисаҳои динӣ, рӯҳониёни маҳаллаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ хеле бузург аст. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти шаҳрвандон ҳангоми рӯ ба рӯ шудан ба ягон масъалаи динӣ дар мадди аввал ба рӯҳониёни маҳаллӣ, сипас ба одамони таҷрибадору рӯзгордида муроҷиат мекардаанд.

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон таҳсилоти диниро муҳим дониста, гирифтани донишҳои диниро дар муассисаҳои таҳсилоти динии давлатӣ афзалиятнок мешуморанд. Онҳо як сабаби асосии ба гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ҳамроҳ шудани баъзе аз ҷавонони Тоҷикистонро дар паст будани маърифати динӣ, хурофотпарастии динӣ ва ташаккул наёфтани ҷаҳонбинии дунявию илмии онҳо мебинанд. Ба андешаи мусоҳибон барои пешгирии ҳамроҳшавии баъзе аз ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароии динӣ бояд таҳсилоти динӣ ва рушди маорифи динии мувофиқ ба талаботҳои давлати дунявӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои динӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рӯҳониёни бонуфузи ҷомеа низ мусоидат карда метавонанд.

## ХУЛОСАҲО

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар заминаи корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони соҳавӣ, маводи нашрияҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ навишта шудааст, ба таври фишурда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

– Татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ, муносибати давлат бо дин, алоқамандӣ ва ҳамтаъсиррасонии мақомоти давлатӣ бо муассисаҳою ташкилотҳои динӣ барои фароҳам омадани муҳити созгори иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мусоидат менамоянд. Танзими саривақтӣ ва оқилонаи муносибатҳои динӣ, масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва кор карда баромадани амсилаҳои мувофиқи робитаи давлат бо дин ба масъалаҳои ҳифзи амнияти шаҳрвандон, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ваҳдати миллӣ, ҳувияти миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ алоқамандии мустақим дорад.
– Дин ҳамчун институти иҷтимоӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ҷойгоҳи устувори худро дошта, вазифаҳои муайяну мушаххасеро иҷро менамояд. Аз ин сабаб, аз замони қадим олимон ва муҳаққиқони ҷомеашиносон ба дин ва шаклҳои гуногуни зуҳуроти он, иҷтимоишавии динии аҳолӣ, таҳсилоти динӣ, муносибати дин ва давлат, оқибатҳои номатлуби хурофоти динӣ ва ифротгароии динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд. Меъёрҳо ва арзишҳои динӣ аз як насл ба насли дигар ба воситаи иҷтимоишавии динӣ интиқол меёбанд, ки дар ин раванд нақши таҳсилоти динӣ хеле бузург аст. Таҳсилоти динӣ ҳамчун намуди фаъолияти ташкилотҳои динӣ ва намояндагони алоҳидаи дин барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии динии аҳолӣ мусоидат менамояд. Сатҳи сифати ҷаҳонбинии динии шаҳрвандон, вазъи фазои динии ҳар як давлат, робитаи давлат ва дин бевосита ва мустақим ба шаклҳо ва сифати таҳсилоти динӣ алоқамандӣ дорад.

– Дар ҷомеаи муосир таҳсилоти динӣ яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, дар низоми қонунгузории тамоми давлатҳои дунявӣ пешбинӣ гардидааст, давлатҳои дунявӣ барои таҳсилоти динии шаҳрвандон шароити зарурираро фароҳам овардаанд. Ба ақидаи муҳаққиқони соҳа таҳсилоти динӣ раванди мақсадноки таълиму тарбияи инсон мебошад, ки барои ташаккул додани ҷаҳонбинии динии аҳолӣ, омода намудани мутахассисони соҳаи дин ва дар маҷмуъ иҷтимоишавии динии шаҳрвандон нигаронида шудааст. Таҳсилоти динӣ аз замонҳои қадим ба роҳ монда шуда буд ва бо пешрафти ҷомеа сохтор, шакл ва сифати он низ тағйир ёфт. Агар қаблан таҳсилоти динӣ дар шароити хона, масҷид ва ибодатгоҳҳо сурат мегирифт, бо тағйир ёфтани ҷомеа ва ташаккулёбии давлатҳои дунявӣ барои таҳсилоти динии шаҳрвандон мактабу мадрасаҳо ва донишгоҳҳои динӣ кушода шуданд.
– Вазъи динӣ дар ҷомеаи муосир дигарбора собит менамояд, ки дин ҳамчун институти иҷтимоӣ дар давлати дунявӣ низ мавҷудияти худро ҳифз намуда, шаҳрвандон дар он озодона ба фаъолияти динӣ машғул шуда метавонанд. Дунявӣ будани давлат маънои онро надорад, ки дар ҷомеа ҷойгоҳи дин маҳдуд гардонида мешавад ва ҳувияти динии шаҳрвандон аз байн меравад, балки давлати дунявӣ ба ҳуқуқ, озодии виҷдон, ҷаҳонбинии илмӣ ва дастовардҳои илмӣ-техникӣ такя менамояд. Давлати дунявӣ зидди хурофот, ифротгароии динӣ, зидди ташкилотҳо ва гурӯҳҳои экстремистии динӣ, ки ба амнияти шаҳрвандон хатар эҷод мекунанд, мубориза мебарад. Дар давлати дунявӣ дин муҳимтарин зуҳуроти фарҳангӣ эътироф мегардад, ҷаҳонбинии динӣ низ ҳуқуқи вуҷуд доштанро дорад ва шаҳрвандони давлати дунявӣ пурра ҳуқуқҳои динии хешро дар амал татбиқ карда метавонанд. Хусусияти хоси давлати дунявӣ дар он зоҳир мегардад, ки ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ҳамчун институти сиёсӣ шинохта намешаванд. Озодии виҷдон муҳимтарин арзиши давлати дунявӣ ба ҳисоб рафта, шаҳрвандон дар интихоби арзишҳои динӣ ва

дунявӣ, эътиқод ва анҷом додан ё надодани анъана ва ҷашну маросими динӣ озоду мустақиланд. Эъмори давлати дунявӣ натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи таърихии давлатдории миллӣ буда, он барои муттаҳид сохтани пайравони дину мазҳабҳо ва ноил шудан ба таҳаммулпазирии динӣ ва ваҳдати миллӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам месозад.

– Дар Тоҷикистон ҳокимияти ҷамъиятию сиёсии кишварамон низ дар асоси принсипҳои дунявият ташкил ёфта, робита ва ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои динӣ дар асоси қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи қонунгузории расмӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон ягон дин новобаста аз шумораи тарафдоронаш дини давлатӣ ё расмӣ эътироф нашудааст, ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз муносибат ба дин баробарҳуқуқ буда, давлат барои фаъолияти озодӣ намояндагони ҳамаи динҳо ва ташкилотҳои динӣ шароити баробару якхеларо фароҳам овардааст. Ҳуқуқу озодиҳои динӣ, озодии виҷдон ҳамчун ҳуқуқи бунёдии инсон ва шаҳрванд, таҳсилоти динӣ, танзими фаъолияти ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ дар Конститутсия, қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд, ки соҳаи динро вобаста ба манфиатҳои миллии кишвар ва амнияти шаҳрвандон танзим менамоянд. Ҳамзамон, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон солгарди шахсиятҳои бузурги исломӣ бо ботантана ҷашн гирифта шуда, осори онҳо бо забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр мегарданд. Инчунин, дар кишварамон барои таҳсилоти динии шаҳрвандон, манъ намудани таҳсилоти ғайрирасмии динӣ, пешгирии паҳншавии равияҳо ва гурӯҳҳои ифротгароии динӣ, ҳифзи амнияти миллӣ ва аз байн бурдани низоъҳои мазҳабӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул шудаанд.

– Пас аз барқарор шудани ҳокимияти шуравӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ғояҳои дунявият устувор гардиданд, аммо дар муносибати давлат бо дин ба як қатор хатогиҳо роҳ дода шуд. Махсусан, таъқиби рӯҳониёни динӣ, хароб намудани ибодатгоҳҳо ва муассисаҳои динӣ, аз байн бурдани осори фарҳангии форсу тоҷик, мактабҳои анъанавии динӣ, низоми судии динӣ ва ғайраҳо норозигии аҳолии маҳаллиро ба вуҷуд оварданд. Бо вуҷуди мубориза ҳои зиёд ба дин ба ҳокимияти шуравӣ муяссар нагардид, ки шуур ва ҳувияти динии аҳолии Тоҷикистонро пурра дигаргун намояд ва нақшу таъсири динро дар ҳаёти иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ аз байн барад. Аз ин рӯ, пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рӯҳониёни динӣ аз нав ба саҳнаи сиёсат баргаштанд ва таъсири худро дар ҷомеа барқарор намуданд, бо истифода аз эътиқоди динии аҳолӣ ба мубориза ҳои сиёсӣ ҳамроҳ шуда, ҳатто Тоҷикистони тозаистиқлолро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Маҳз бо талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз бухрони динӣ-сиёсӣ раҳоӣ ёфт, Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон барқарор гардид, арзишҳои динӣ ва дунявӣ ба мувозинат дароварда шуданд, дин аз сиёсат ҷудо гардида, тозагии исломи суннатӣ ҳифз карда шуд ва аз ҳама муҳим таъсири мазҳабу равияҳои ифротии динӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ кам гардида, фазои динии Тоҷикистон ба эътидол омад. Айни замон дар Тоҷикистон амсилаҳо ва робитаҳои наву муносиби байни давлат ва дин, ташкилотҳои давлатӣ ва динӣ шакл гирифтааст.

– Таҳсилоти динӣ пас аз барқарор шудани ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон то як давраи муайян боқӣ монда дар байни аҳолӣ мақоми баланд доштанд. Минбаъд ҳокимияти шуравӣ мактабҳои диниро пурра мебандад ва дар натиҷа мактабҳои динии пинҳонии хонагӣ пайдо шуданд. Лидерҳои динӣ ба воситаи мактабҳои хусусии динӣ ба аҳолӣ таъсир мерасониданд ва бо ин восита анъанаҳо ва маросимҳои диниро ҳифз менамуданд. Рӯҳониёни исломӣ аз рӯйи барномаи

таълимии худ дар хонаҳои худ ба таври пинҳонӣ ба шогирдон таълимоти динӣ медоданд ва ин ҳолат пас аз соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон низ идома намуд. Ҳукумати Тоҷикистон барои пешгирии ҳамроҳшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, паҳн гардидани мазҳабу равияҳои ифротгарой ва танзими таҳсилоти динӣ, таҳсилоти динии хонагиро манъ намуд, инчунин таҳсилоти динии ҷавонони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар низ пешгирӣ карда шуд. Айни замон, дар Тоҷикистон раванди таҳсилоти динии расмӣ ташаккул меёбад, барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимоти динӣ такмил дода шуда, сатҳу сифати таълими динӣ дар муассисаҳои расмии динии Тоҷикистон торафт боло меравад. Таҳсилоти расмии динӣ имконият медиҳад, ки муҳассислин фанҳои дунявии муосирро низ омӯзанд ва рӯҳонии динӣ аз донишҳои дунявӣ бархурдор гарданд. Маҳз таҳсилоти динии расмӣ шуури динии аҳолиро тағйир дода, ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии солими динӣ мусоидат менамояд, дар рушди ҷомеаи дунявӣ, ягонагӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон нақши муянкунанда бозида, монеаи гаравиши баъзе аз шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон барои ҳифзи фазои солими динӣ ва арзишҳои анъанавии динӣ бояд заминаҳои ҳуқуқии таҳсилоти динӣ, барномаҳо, нақшаҳо ва стандартҳои таълими расмии дин такмил дода шаванд.

